ҚОНУНИЯТ

Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии
Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№1
2011

ҚОНУНИЯТ

Маҷаллаи илмию амалӣ
ва назариявии Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

№1 2011

ЗАКОННОСТЬ

Теоретический и научно-практический
журнал Генеральной прокуратуры
Республики Таджикистан

№1 2011

САРМУҲАРРИР	**САЛИМЗОДА Шерхони Одина** Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ	**ИСОЕВ Мадвалӣ Шайдуллоевич** сардори Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муҳаррири масъул) **ОЛИМОВ Мадиброҳим Матосимович** сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон **ХАЛИФАЕВ Маризо Ниёзович** сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовари Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон **ДАДОБОЕВ Абдусамӣ Содиқович** сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ ва таблиғоти ҳуқуқии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
МУАССИС	**ВАЛИЕВА Барно** журналист, муҳаррири навбатдор
	Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи ба номи Абӯалӣ ибни Сино, 126



Мақомоти прокуратура дар низоми идоракунии давлатӣ яке аз ниҳодҳои муҳим буда, дар ҷомеа нақш ва мавқеи хоси худро дорад. Конститутсия ба зиммаи онҳо вазифаҳои таъмини волоияти қонун, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вогузор намудааст.

Эмомалӣ РАҲМОН

САВГАНДИ КОРМАНДИ ПРОКУРАТУРА

«Дар роҳи хизмати содиқонаи қонун қадам ниҳода, тантанавор савганд ёд мекунам, ки Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро софдилона риоя менамоям, ба ягон хел каҷравӣ аз он роҳ намедиҳам, бар зидди ҳар гуна қонунвайронкунӣ, сарфи назар аз он ки онро, кӣ содир кардааст, мубориза мебарам, барои самаранок бурдани назорати прокурорӣ ва тафтишоти пешакӣ ҷидду ҷаҳд менамоям, манфиати шахс, ҷамъият ва давлатро фаъолона ҳимоя мекунам; нисбати таклифҳо, аризаҳо ва шикояти шаҳрвандон бо ҳушёрӣ ва диққат муносибат мекунам, ҳангоми ҳал кардани тақдири одамон бегаразӣ ва адолатро риоя менамоям, сирри давлатӣ ва сирри дигарро, ки қонун ҳифз менамояд, қатъӣ нигоҳ медорам, тахассуси худро мунтазам такмил медиҳам, шарафи касбии худро азиз медорам, дар садоқатмандӣ, тозагии ахлоқӣ, хоксорӣ намунаи ибрат мешавам ва беҳтарин анъанаҳои прокуратураро муқаддас дониста, боз ҳам ривоҷ медиҳам.

Эътироф мекунам, ки агар ин савгандро шиканам, минбаъд барои дар мақомоти прокуратура будан муносиб нестам».

(Моддаи 53-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

ТАЪСИРИ СОЗАНДАИ РИОЯИ ҚОНУНҲО

САЛИМЗОДА Шерхони Одина
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3

Ҳадафҳои муҳимтарини Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мустаҳкам намудани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, ки ҷавҳари онро риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил медиҳанд, мебошанд. Агар 9 сентябри соли 1991 Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, Тоҷикистонро танҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатӣ соҳибистиқлол эълон намуда бошад, пас соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти воқеӣ ва ҳақиқии он дар натиҷаи саъю талошҳои пайгиронаи Ҷаноби Олӣ, Президенти мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссарамон гардида, даҳсолаи дуюм аст, ки он мунтазам дар кишвар тақвият меёбад. Мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла кормандони мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ дар таҳкиму густариш ва пойдории Истиқлолияти давлатии кишвар, ки барои сазовор пешвоз гирифтани 20-солагиаш ҳамарӯза меҳнати босубот доранд, вазифадоранд, ки волоияти қонунро кори муқаддаси хеш донанд ва ин бори масъулиятро поквичдонона ба манзили мақсуд расонанд. Барои дар сатҳи баланди самаранок анҷом додани ин вазифаҳо дар мақомоти прокуратура тадбирҳои зеринро ба роҳ мондем. Аттестатсияи пеш аз мӯҳлати кормандон, қабули кормандон ба мақомоти прокуратура бори аввал аз тариқи озмун ҷараён гирифт, интизоми хизматию меҳнатӣ ҳаматарафа таҳлилу ҷамъбаст карда шуда, натиҷаҳояш дар байни ҳайати шахсӣ ҷиддӣ муҳокима гардид ва чораҳои муфид андешида шуд. Баҳри таҳкими интизом ва пешгирии коррупсия барномаи дохилииидоравӣ, Кодекси одоби касбӣ таҳия ва қабул гардида, тадбирҳои мушаххас доир ба тоза намудани сафҳои мақомот аз шахсони белаёқату тасодуфӣ татбиқ карда шуданд. Ҳамчунин, ҷиҳати таъмини қонуният ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту корхонаҳо, хусусан дар самти риоя ва иҷрои қонунҳо дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, оид ба самаранок ва оқилона истифода намудани замин, пардохтани андозҳо ва пардохтҳои давлатӣ, мубориза бо ҷиноятқорӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ як қатор чораҳои судманд андешида шуданд. Аз ҷумла, давоми соли 2010 ва семоҳаи аввали соли 2011 зимни иҷрои талаботҳои мазкур дар ҷараёни санҷиш ва таҳлилҳои прокурорӣ як қатор қонуншиканиҳо муайян гардид. Дар маҳалҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ наандешидани чораҳои дахлдор баҳри рафъи сабабу шароитҳои тавлид-

кунандаи ҷиноятқорӣ ба афзоиши қонуншиканиҳо, содиршавии ҳодисаҳои куштор ва худкушиҳо сабаб шуданд. Содир шудани 147 куштор, алалхусус куштори се кӯдаки хурдсол аз як оила дар шаҳри Қӯрғонтеппа бо мақсади ғараз, се кӯдак аз ҷониби модар дар ноҳияи Бохтар, 14 куштори падару модар аз тарафи фарзандон ё акси он дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Исфара ва Истаравшани вилояти Суғд, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон ва шаҳри Норак, куштор бо сангдилии махсус дар намуди реза кардани ҷасад дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд боиси нигаронист.

Ҳодисаҳои худкушӣ дар миқёси кишвар ниҳоят ташвишоваранд. Соли 2010 дар ҷумҳурӣ 660 намуди чунин ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари онҳо дар 372 ҳолат ҷабрдидаҳо ҳалок шудаанд, ки нисфаш ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд рост меояд. Ин ҳодисаҳо дар вилояти Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ ба қайд гирифта шудаанд. Аз шумораи умумии 660 нафар занҳо 299, мардҳо 361, ноболиғон 105, бекорон 499, нафақахӯрон 19 ва гирифтори касалиҳои рӯҳӣ 138 нафарро ташкил медиҳанд. Аз рӯи тарзу усул худкушиҳо бо роҳи худовезӣ – 372 ҳолат, заҳролудшавӣ – 170 ва худсӯзӣ – 24 ҳолат мебошанд. Танҳо ҳолати аз баҳри қимматтарин неъмати дунё — ҳаёт гузаштани шахс мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартиботро бояд водор созад, ки сари ин масъала мунтазам таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, сабабу шароитҳои онро муайян ва бартараф намоянд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июли соли 2004 раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шудаанд, ки баҳри пешгирии худкушӣ тадбирҳои судманд андешанд. Мутаассифона, онҳо ба ин масъалаи доғи рӯз диққати лозимӣ надодаанд. Вобаста ба ин мақомоти прокуратура дар 45 ҳолат парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз намуда, гунаҳкорон ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Тафтишот муайян намуд, ки дар аксар ҳолатҳо заминаи сабабҳои худкуширо дар муносибати оилавӣ ҷустан зарур аст. Ба муносибати бераҳмонаи муҳити оилавӣ, пеш аз ҳама зулму ситами хушдоманҳо, шавҳарон, дигар аъзоёни оила ва атрофиёни наздик дохил мешаванд.

Ин амалҳои ғайриқонунӣ моро водор сохт, ки диққати ҷиддиро ба таъмини волоияти қонун дар фаъолияти мақомоти иҷрояи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо равона кунем, чунки онҳо бевосита бо мардум сару кор дошта, дараҷаи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз фаъолияти онҳо вобастагии ногусастанӣ дорад.

Санҷишҳои прокурорӣ муайян намуданд, ки талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо дар маҳалҳо асосан риоя карда мешаванд, аммо дар баробар ин баъзе раисони шаҳру ноҳияҳо аз доираи ваколатҳои хизматии худ берун баромада, ваколатҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Маҷлиси вакилони халқро аз худ менамоянд. Онҳо дар буҷет худсарона тағйироту иловаҳо дароварда, бо мақсади ғаразнок қитъаҳои заминро аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронида, доир ба фонди махсус дохил намудани заминҳои фонди давлатии ҷангал, корами обӣ, ҷудо ва вобаста намудани қитъаҳои замин қарорҳои ғайриқонунӣ қабул намудаанд. Атрофи ин масъалаҳо аз ҷониби прокуророн дар соли 2010 ба 920 адад қарори

ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳияҳо (аз ин 660-то оид ба замин) эътироз оварда шудааст, ки ба шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлон мутаносибан 371 ва 361 қарор, Суғд 273 ва 100, ВМКБ 129 ва 100, шаҳри Душанбе 20 ва 6, ноҳияҳои Рӯдакӣ 30 ва 28, Файзобод 28 ва 18, Тоҷикобод 16 ва 16, Варзоб 18 ва 14, Ҳисор 8 ва 8, Тавилдара 8 ва 6 қарор рост меоянд. Ин камбудиҳо аз бесалоҳиятӣ, надонистани қонун, ё бадқасдона дидаю дониста нодуруст татбиқ намудани он ибтидо мегиранд. Раисони шаҳрҳои Хоруғ ва Панҷакент, ноҳияҳои Варзоб, Исмоили Сомонии пойтахт ғайриқонунӣ ваколати маҷлисҳои вакилони халқро аз худ намуда, дар бораи қабули буҷет ва тағйиру иловаҳо бо он қарорҳо қабул намудаанд. Аз ин беназоратии мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифода намуда, шахсони масъули ин мақомотҳо ва ташкилоту корхонаҳои давлатӣ даст ба тасарруфи маблағҳои буҷетӣ ва давлатӣ задаанд. Ба ин мисол шуда метавонанд мудири шӯъбаи фарҳанги шаҳри Табошар А. Танчирова, ки маблағи 2570 сомонӣ, директори мактаб аз ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ С. Болтаев маблағи 7500 сомониро аз ҳисоби музди меҳнат, мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Восеъ Д. С. Шарифов ҳамроҳи сармуҳосиби шӯъба ва масъулини Раёсати молияи ноҳия 207 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети маҳаллиро, ки барои таъмини мактабҳо бо сӯзишворӣ ҷудо шуда буданд, аз они худ намудаанд. Ё ин ки сардори идораи хоҷагии оби ноҳияи Ёвон И. Холов 20000 сомонӣ маблағи ҷиҳати харидории қисмҳои эҳтиётӣ ҷудошударо, муҳосиб-хазинадори идораи барқи шаҳри Қӯрғонтеппа В.Н. Шапошникова зиёда аз 158 ҳазор сомонӣ маблағи аз фурӯши барқ ҷамъовардаро, сармуҳосиб ва масъулини Донишгоҳи давлатии Хуҷанд З.С. Бобоев қариб 3,5 млн. сомонӣ маблағҳои буҷетӣ ва шартномавии донишҷӯёнро аз худ карда, ба манфиатҳои шахсии худ харҷот намуданд. Масъулини идораи барқи шаҳри Қӯрғонтеппа бошад, ҳаҷми қарзи аҳолиро аз истифодаи барқ, ки ҳамагӣ 622,7 ҳазор сомониро ташкил додааст, ба таври сунъӣ 12,5 млн. сомонӣ нишон додаанд. Оиди ҳолати мазкур бо мақсади муайян кардани гунаҳкорон ва шахсоне, ки ин маблағҳоро аз они худ намудаанд, парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. Ҷамъ дар соли 2010 35 парвандаи ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ба миқдори махсусан калон (аз ин 6 парванда ба маблағи ҳар якеаш зиёда аз 1 млн. сомонӣ, ҷамъ ба маблағи 38 млн. сомонӣ) оғоз карда шудааст.

Ҳамин тариқ, бисёр соҳибкорони инфиродӣ аз беназоратии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва нозироти андози шаҳру ноҳияҳо истифода бурда, ба пинҳонкунии маблағи андозҳо машғул шудаанд. Дар соли 2010 мақомоти прокуратура оиди пинҳон кардани андозҳо дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андоз 21 парвандаи ҷиноятӣ (ҳар яки он ба маблағи зиёда аз 500 ҳазор сомонӣ, аз ин 9 парванда ба маблағи ҳар яки он зиёда аз 1 млн. сомонӣ, ҷамъ ба маблағи 20,2 млн. сомонӣ) оғоз кардаанд. Ин ҳолатҳо бештар дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Конибодом ва ноҳияи Рӯдакӣ мушоҳида мешаванд.

Аз ҳама ташвишовар ҳолати иҷрои қонунгузорӣ оиди самаранок ва оқилона истифода бурдани замин мебошад. Солҳои охир замин дар ҷумҳурӣ ба яке аз объектҳои асосии коррупсия табдил ёфтааст. Санҷишҳои прокурорӣ муайян намуданд, ки хариду фурӯши ғайриқонунии замин, худсарона ғасб намудани он, аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаро-

нидани онҳо, аз муомилоти кишоварзӣ бароварданизаминҳои корами обӣ, ғайриқонунӣ ҷудо ва вобаста намудани қитъаҳои замин, бе истифода мондани заминҳои корами обӣ, шӯршавӣ ва ботлоқ гардидани онҳо бениҳоят паҳн гаштааст. Ҳамаи ин дар натиҷаи кирдорҳои ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо, раисони кумитаҳои заминсозӣ, инчунин беназоратии раисони вилоятҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ҳарчанде ки собиқ Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва харитасозӣ ва мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 бинобар ошкор гардидани қонуншиканиҳои зиёди замин вазифадор карда шуда буданд, ки ба хотири пешгирии қонуншиканиҳо инвентаризатсияи заминро гузаронанд, заминҳои ғайриқонунӣ тақсимшуда ва худсарона забткардашуда ба ҳолати аввала баргардонанд, онҳо баръакс заминҳои ғайриқонунӣ тақсимшуда, худсарона ишғолкардашуда ва ҳатто заминҳои холиро ҳамчун дар онҳо манзилҳои истиқоматӣ вуҷуддошта нишон дода, ин заминҳоро ба гурӯҳи заминҳои маҳалҳои аҳолинишин гузаронидаанд. Бо пешниҳоди Прокуратураи Генералӣ ва қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ 74,34 гектар чунин заминҳо аз ҳудуди ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Б. Ғафуров ба гурӯҳи заминҳои кишоварзӣ бозпас гардонида шуданд. Дар ноҳияҳои Варзоб, Бохтар, Вахш, Б. Ғафуров, Ашт, Фирдавсӣ, И. Сомонӣ, шаҳри Ваҳдат ва чанд ноҳияи дигар заминҳои холӣ ҳамчун дар онҳо мавҷуд будани манзилҳои истиқоматӣ нишон дода шуда, аз ҷониби комиссияҳои авфи амвол ба номи шаҳрвандон қонунӣ гардонида шудаанд.

Бар замми ҳамаи ин, дар ғайриқонунӣ тақсим намудани замин шахсони масъули мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ даст ба ҷиноят, ба мисли гирифтани пора ва сӯйистеъмол аз мансаби хизматӣ, задаанд. Дар рафти санҷишҳо нисбат ба муовинони раисони шаҳри Исфара Б.С. Бобоев ва ноҳияи Рӯдакӣ Б. Файзуллоев ва С. Бобоазизов барои порагирӣ ва қаллобӣ, муовинони раисони шаҳри Қӯрғонтеппа Ш.Ф. Раҷабалиев, ноҳияҳои Бохтар Ҳ.Н. Раҳимов ва Вахш Ш.Б. Саидов барои сӯйистеъмол аз мансаб ва сохтакории хизматӣ, инчунин нисбат ба 33 нафар раис ва корманди кумитаҳои заминсозӣ, 54 нафар раис ва корманди ҷамоатҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд. Зимни санҷишҳои прокурорӣ бо мақсади аз ҷавобгарии ҷиноятӣ раҳо ёфтан ба кормандони прокуратура пора пешниҳод карда мешуд, ки дар 42 ҳолат шахсони порадиҳанда дастгир ва ҳабс карда шуданд. Маблағи пораҳои пешниҳодшуда аз 1000 то 22000 сомонӣ ва аз 500 то 15000 долларро ташкил медоданд.

Аз натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ баҳри бартараф намудани камбудиҳо ва қонуншиканиҳо ба қарорҳои ғайриқонунӣ 1800 эътироз (660 ба қарорҳои раисони ноҳия) оварда, 1750 амр дода, 574 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. 525 гектар замин ба ҳолати аввала баргаронида шуд. Дар натиҷаи қонунию ғайриқонунӣ тақсим намудани заминҳо мувофиқи маълумотҳои мавҷуда танҳо дар як соли охир ба ҳолати 1 январи соли 2011 миқдори заминҳои корами обӣ зиёда аз 10000 га кам гардидааст. Тайи 10 соли охир ин масъала тамоили пастравӣ дорад. 3-ин сабаб, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ин ҳолати ташвишоварро ҷиддӣ омӯхта, муайян намоянд, ки чӣ қадар замини корами обӣ кам шудааст ва сабаби ин дар чист?

Як масъалаи ташвишовари дигар ин хусусӣ гардонда шудани 318 адад ман-

зили истиқоматии давлатӣ ва хизматии кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, умури дохила, амният, Агентии назорати давлатии молия ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводи нашъадор ва 49 адад манзили кормандони ҳарбӣ дар зарфи 10 соли охир мебошад. Бар асари ин амал имрӯз мутахассисони мақомотҳои номбурда, ки ба шаҳру ноҳияҳо ба кор сафарбар карда мешаванд, манзили зист намеёбанд. Ба ин минбаъд хотима бахшидан лозим аст.

Самти дигари фаъолияти мо иштирок дар баррасии судии парвандаҳо мебошад. Прокурорҳо давоми соли 2010 дар баррасии судии 9482 парвандаи ҷиноятӣ ва гражданӣ иштирок намуда, ба 415 қарори судҳо эътирозҳои худро пешниҳод карданд ва онҳоро бекору тағйир доданд. Шикоятҳо аз болои қарорҳои судӣ ва хусусан оиди кашолкории онҳо зимни баррасии парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ зиёд мебошанд. Аз 10138 муроҷиати дар прокуратура баррасигардида 1351 адад (13,5 фоиз) оид ба қарорҳои судӣ мебошанд, ки 63 адади онҳо бо эътирози прокурорҳо аз ҷониби худи судҳо қонеъ карда шудаанд.

Бояд гуфт, ки риояи қатъии қонунҳоро дар фаъолияти ҳар як корманди мақомоти судӣ, прокуратура, ҳифзи ҳуқуқ ва қудратию низомӣ омили муайянкунандаи баҳодиҳии фаъолияти роҳбарони ин мақомотҳо ва сохторҳои маҳаллии онҳо меҳисобанд. Ин аз дастури Президенти мамлакат, ки соли 2010 дар Паёмаш ба Маҷлиси Олӣ дар бораи масъулияти роҳбарони аввал дар тақвияти мубориза бо коррупсия изҳор карда буд, бармеояд.

Агар коррупсия дар мақомоти судӣ, прокуратура ва ҳифзи ҳуқуқ бартараф шавад ва риояи қонунҳо аз ҷониби худи онҳо пурра таъмин шавад, он таъсири мусбии худро ба ҳамаи сохторҳо ва самтҳои ҳаёти ҷомеа мерасонад. Мо ин масъаларо дар Шӯрои ҳамоҳангсозӣ моҳи декабри соли 2010 муҳокима намуда, чунин қарор қабул кардем: **ҷинояти коррупсионии корманди прокуратура асос барои аз вазифа озод шудани прокурори шаҳру ноҳия ва дигар роҳбари бевоситаи ӯ мегардад. Пешниҳод менамоям, ки ин таҷриба дар дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ки ба пешравии кор мусоидат мекунад, ҷорӣ карда шавад.**

Умуман, масъалаи содир намудани қонуншиканиҳо, хусусан ҷиноятҳо аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратию низомӣ дар мадди назари доимии мақомоти прокуратура мебошад. Сарфи назар кардани ин ҳолатҳо боварии мардумро ба таъмини адлу адолат коҳиш дода, обрӯи ниҳодҳои давлатиро паст мезанад. Вобаста ба ин, дар соли сипаришуда 107 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуд, ки ба мақомотҳои умури дохила, амният, Раёсати корҳои ислоҳӣ, гумрук, андоз, судяҳо ва мақомоти прокуратураи ҳарбӣ дахл доранд. Аз тарафи хизматчиёни қӯшунҳои сарҳадӣ, Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда 492 ҷиноят содир шудаанд, ки онҳо ба қайд гирифта шуда, ҷиноятқорони ҳарбӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Солҳои охир Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Кумитаи СММ муқобили шиканҷа ва дигар ташкилотҳои байналмиллалӣ дар гузоришҳои худ Тоҷикистонро ба истифодаи шиканҷа ва дигар усулҳои номатлуби таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо айбдор намуда, дар ин асос ба Тоҷикистон бозпас гардондани ҷиноятқорони дар кофтукови байналмилалӣ қарордоштаро нораво эълон менамояд.

Бар асари чунин гузоришҳо ташкилотҳои хориҷӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳатто шаҳрвандони оддии хориҷӣ ба он бовараанд, ки гӯё азобу шиканҷа дар Тоҷикистон бо як падидаи муқаррарӣ табдил ёфта бошад.

Ҷой доштани азобу шиканҷа ва истифодаи тарзу усулҳои ғайриқонунии таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳоро Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои амният зери танқиди ҷиддӣ қарор дода, изҳор намуданд, ки ин омилҳои номатлубро бартараф намоем. Хатари онҳо дар ҷомеа аз гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва коррупсия камтар нест. Пешгирии азобу шиканҷа ва усулҳои ғайриқонунии таҳқиқу тафтиш қабл аз ҳама аз назорати прокурорӣ вобаста мебошад. Вале ин бе назорати ҳаррӯзаи идоравӣ, ки пеш аз ҳама вазифаи ҷонии роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ба шумор меравад, ғайриимкон аст.

Дар соли 2010 ташкили дурусти кор, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, холисонаю одилона баррасӣ намудани мурочиати шаҳрвандон, алалхусус дар мавриди таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо, иҷрои қонунгузориҳои андоз, оқилона ва самаранок истифода намудани замин ва мубориза бо коррупсия самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура ҳисобида шуда буданд. Имсол илова бар ин, риояи қонунгузориҳо оид ба муҳофизати меҳнат, беҳдошти санитарию эпидемиологӣ ва ҳифзи муҳити зист, пешгирӣ ва мубориза бо амалҳои террористию экстремистӣ самтҳои афзалиятноки фаъолият ҳисобида шудаанд.

Дар соли рафта ва ҳоло ҳам баҳри риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба холисонаю одилона баррасӣ намудани мурочиати шаҳрвандон диққати хос дода шуд. То имрӯз ба мақомоти прокуратура 10600 нафар шаҳрванд мурочиат карда, 1336 нафари онҳо (ё 12,6 фоизаш) қонеъ ва ҳуқуқҳои поймолгаштаашон барқарор карда шудаанд. Инчунин, дар қабули шахсӣ 16700 нафар шаҳрванд ва аз ин 5900 нафараш бевосита аз ҷониби прокуророн пазируфта шудаанд.

Вазифаи дигари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назорати прокурорӣ ин пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ ва қонуншиканиҳо мебошад. Тавассути то як дараҷа пурзӯр намудани назорати прокурорӣ дар ин самт ҳолати воқеъии ҷиноятқорӣ тағйир дода шуд. Ҳамин тариқ, дар соли 2010 14542 ҷиноят ба қайд гирифта шуд, ки ин назар ба соли 2099 2134 адад ё 17,2 фоиз зиёд мебошад.

Мо, кормандони мақомоти прокуратура дар соли 2011 ва минбаъд низ кӯшиш менамоем, ки вазифаҳои худ, дастуру супоришҳои Президенти мамлакат ва дастуру супоришҳое, ки аз Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои амният бармеоянд, поквиҷдона иҷро намоем ва дар бештар коҳиш додани сатҳи ҷиноят ва иҷрои ҳаматарафаи қонунҳои ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузорем.

Сафари кории Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон САЛИМЗОДА Шерхони Одина ба Федератсияи Русия

Вохӯрӣ бо Прокурори генералии Федератсияи Русия Чайка Ю.Я., Москва, 15 сентябри соли 2010

Расми хотиравии ҳайати намояндагиҳои Прокуратураҳои генералии давлатҳо – аъзои ИДМ, Москва, 15 сентябри соли 2010

Сафари расмии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон САЛИМЗОДА Шерхони Одина ба Прокуратураи Олии Халқии Ҷумҳурии Халқии Чин

Вохӯрӣ бо Прокурори генералии Ҷумҳурии Халқии Чин Сао Сзянмин, Пекин, 21 октябри соли 2010

Ҳайати намояндаги Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Прокуратураи Олии Халқии Ҷумҳурии Халқии Чин, Пекин, 22 октябри соли 2010

Международное взаимодействие в сфере борьбы с преступлениями террористической направленности и иных насильственных проявлений экстремистского характера

САИДОВ Х. Н., заместитель Генерального прокурора Республики Таджикистан - Главный военный прокурор, полковник юстиции

Таджикистан в целях повышения эффективности борьбы с терроризмом и экстремизмом, в соответствии с национальным законодательством и принятыми на себя в данной области международными обязательствами, присоединился к Резолюции Генеральной Ассамблеи ООН 49/60 от 9 декабря 1994-го года «Декларация о мерах по ликвидации международного терроризма» и к Международной Конвенции ООН о борьбе с финансированием терроризма от 9 декабря 1999-го года, ратифицировал Договор о сотрудничестве государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом от 4 июня 1999-го года и 28 марта 2006-го года принял единую Концепцию по борьбе с терроризмом и экстремизмом.

Республика Таджикистан неуклонно выполняя свои международные обязательства, постоянно принимает целенаправленные меры, обеспечивающие надлежащую борьбу с терроризмом и экстремизмом во всех их проявлениях. Правовую основу борьбы с терроризмом и экстремизмом в республике, составляют Конституция, Уголовный кодекс, Законы «О борьбе с терроризмом» (16.11.1999 г.), «О борьбе с экстремизмом» (05.11.2003 г.), государственная Программа «Об усилении борьбы с терроризмом» (25.07.2000 г.), в которых чётко определены правовая основа и субъекты, непосредственно осуществляющие борь-бу с терроризмом и экстремизмом. Таджикистан, не имея опыта политической борьбы, в начале 90-х годов был вовлечён в пучину гражданского противостояния. Период с 1994-го по 1997-ой год сопровождался массовым террором и другими проявлениями крайнего экстремизма, о чём свидетельствуют статистические данные. За 1994 –ый - 2003-ий года. в республике совершены 27 террористических актов, как в отношении граждан республики, так и граждан других государств. В основном эти акты были направлены на дестабилизацию общественно политической обстановки в республике, сопровождались убийством представителей власти, членов правительства, учёных и видных деятелей. Таким образом, по мере стабилизации общественно-политической жизни, формирования органов государственной власти, принятия ряда законов, направленных на усиление борьбы с преступностью, наметилась тенденция к сокращению числа данной категории преступлений.

Переломный момент наступил после подписания в 1997-ом году в городе

Москве «Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане». Анализ материалов уголовных дел по терактам позволил определить наиболее типичные социально-демографические черты участников групп их совершающих, которым присущи жёсткая субординация, подчинение лидеру и наличие специального фонда, необходимого для финансирования их деятельности. Террористические группы в Таджикистане имели различную форму образования, однако все они на начальных этапах образовались как группы, преследующие политические цели. Ввиду отсутствия идеологического основания их деятельности и беспрекословного подчинения своему «лидеру», они в конечном итоге превращались в группы, которые занимались исключительно разбойными нападениями, похищениями людей с целью выкупа и иными преступлениями, носящими насильственно-корыстный характер.

Из числа раскрытых и обезвреженных групп данной категории можно выделить несколько основных групп, которые отличались количеством, характером совершённых преступлений и территориальной распространённостью. Группы Садирова Р., Сангинова Р., Муаккалова М. и других действовали как в городе Душанбе, так и в некоторых районах республиканского подчинения (Рудаки, Вахдат, Рашт и Таджикабад). Вышеназванные группы в период с 1994-го по 2001-ый года с целью нагнетания негативной общественно-политической обстановки, занимались проведением подрывной деятельности, ими совершены ряд тяжких и особотяжких преступлений, таких как - теракты, убийства, похищение людей, взятие в заложники, разбойные нападения. При совершении вышеназванных преступлений применялось огнестрельное оружие и различные виды взрывчатых веществ и устройств.

Криминологический анализ этих групп показал, что их численность составляла от 10-ти до 30-ти человек (каждая), в них участвовали лица мужского пола в возрасте от 20-ти до 30-ти лет (80%) и от 31-го до 40-ка лет (20%), которые не занимались полезным трудом и имели невысокий образовательный уровень (среднее, неполное среднее образование).

Благодаря скоординированным и целенаправленным мерам правоохранительных органов и силовых структур Республики Таджикистан, летом 2001-го года террористические группы Сангинова Б. и Муаккалова М. были полностью ликвидированы, более 100-а участников этих бандформирований были привлечены к уголовной ответственности и осуждены.

Совсем иную криминологическую характеристику приобретает следующая, условно выделенная группа, в которую входит воинское формирование, возглавляемое бывшим командиром войсковой части, полковником Худойбердиевым М. Прежде всего, она отличалась численностью, вооружением и поставленными перед собой задачами. В созданной им бригаде костяк составляли бывшие бойцы Народного фронта Таджикистана. В августе 1997-го года и в ноябре 1998-го года группой были совершены попытки военно-государственного переворота, за что более 200-от участников группы были привлечены к уголовной ответственности.

Расследование последнего уголовного дела в отношении бывшего Министра по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне Республики Таджикистан Зияева М., которому инкриминировалось совершение ряд особо тяжких преступлений, выявило, что в состав его группы, также входили граждане других государств - Республики Узбекистан и Российской Федерации. Это означает, что на современном этапе своего развития преступность приобретает международный характер, и без принятия совместных

усилий, принятые одной стороной меры для борьбы с терроризмом и экстремизмом явно неэффективны.

В процессе расследования этих терактов, выявилась деятельность отдельных религиозных экстремистских движений. Генеральная прокуратура на основании проведённых проверок обоснованности и законности регистрации существующих партий и движений, установив их террористический и экстремистский характер, обратилась с иском в Верховный Суд Республики Таджикистан о запрещении их деятельности. Решением судебной коллегии по гражданским делам Верховного Суда от 30 марта 2006 года иск Генерального прокурора был удовлетворён. Организации: «Аль Кайда», «Исламское движение Восточного Туркестана», «Движение Талибан», «Братья Мусульмане», «Лашкари Тайба», «Исламская группа», «Джамияти Исломии Покистон», «Джамияти Таблег», «Религиозно-Миссионерская организация Созмони Таблигот - «Призыв к Исламу», «Свободный Таджикистан», признаны террористическими и экстремистскими, деятельность которых запрещена.

Кроме того, в республике активно проводила свою преступную деятельность, запрещённая религиозная организация «Хизб-ут-Тахрир», задачей которой, согласно устава является свержение конституционного строя и построение государства «Халифат». Несмотря на решение Верховного Суда от 19 апреля 2001-го года о запрете её деятельности, «Хизб ут Тахрир» продолжает нелегально функционировать, в связи с чем, только за период 2005-го - 2007-го годов более 400-сот членов этой экстремистской организации привлечено к уголовной ответственности.

На основе существующей правовой базы и постоянного её усовершенствова-ния, а также в ходе выявления, раскрытия, расследования преступлений рассматриваемых категорий, правоохранительные органы Республики Таджикистан приобрели определенный практический опыт по борьбе с такого рода социально-опасными для общества явлениями.

Правоохранительные органы республики, признавая приоритет международно-правовых норм и придерживаясь установленных правил международных соглашений об оказании правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам, (Минская и Кишинёвская конвенции) со своей стороны при обращении к ним оказывают всестороннюю помощь правоохранительным органам других государств.

В связи с этим, хотелось бы подчеркнуть, что борьба с рассматриваемыми преступлениями должна носить международный характер. Только совместные усилия государств могут предотвратить эти противоправные деяния и в конечном результате влиять на качественное расследование дел. При расследовании преступлений террористической направленности возникает необходимость для производства различных видов экспертиз, в том числе, для установления свойств взрывчатых веществ.

Ввиду отсутствия квалифицированных специалистов данные виды экспертиз проводятся на базе компетентных учреждений России. В этой связи Таджикистан заинтересован в обучение своих специалистов за пределами республики и в этом вопросе опирается на помощь и поддержку Российской Федерации и других стран содружества.

Республика Таджикистан занимает важное место в системе обеспечения пограничной безопасности стран СНГ. Это связано с тем, что через линию государственной границы Республики Таджикистан, в основном с территории сопредельного Исламского Государства Афганистан, международные террористические организации осуществляют свою преступную деятельность, связан-

ную с незаконным оборотом наркотических средств, огнестрельного оружия, боеприпасов, а также контрабанду запрещённой литературы экстремистского характера.

В целях совершенствования и дальнейшего развития сотрудничества в сфере борьбы с преступлениями террористической направленности и другими проявлениями экстремизма целесообразно реализовать следующие задачи:

-активизировать практику заключения межправительственных и межведомственных соглашений о сотрудничестве в борьбе с трансграничной преступностью с компетентными органами сопредельных государств;

-в интересах повышения эффективности международного сотрудничества по противодействию трансграничной преступности предусмотреть в международных договорах, меры направленные на предоставление доступа к имеющимся информационным базам, обмен оперативной и иной информацией о конкретных фактах и участниках экстремистских и террористических организаций и укреплению антинаркотических поясов безопасности;

-при исполнении следственных поручений, отдать предпочтение первоочерёдному исполнению запросов, касающихся рассматриваемым категориям преступлений;

- по вопросам взаимодействия в выдаче преступников для привлечения их к уголовной ответственности исходить из того, что задержка в положительном решении данного вопроса наносит вред охраняемым интересам не только запрашиваемой, но и выдаваемой стороны.

Нақши назорати прокурорӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт оиди пешгирӣ, ошкор ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо дар самти заминистифодабарӣ, фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ

ҚУРБОНОВ Ш. Ҳ., прокурори ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, генерал-майори адлия

Ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе қисми ҷудонашудаи пойтахт буда, масоҳати он 33 км мураббаъро ташкил медиҳад.

Тибқи талаботи моддаи 13-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 2-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон **замин моликияти истисноии давлат** буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Оқилона истифода намудани замин ва риояи қатъии қонуният ҳангоми заминистифодабарӣ ба тараққиёти мамлакат ва баланд шудани некӯаҳволии халқ вобаста аст.

Ҳолати риоя ва иҷроиши қонунгузории **замин, меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ** яке аз самтҳои афзалиятноки назорати прокурорӣ буда, доимо зери назорати роҳбарияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, вақтҳои охир баҳри пурзӯр намудани назорати прокурорӣ, пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани қонунвайронкунӣ дар ин самт якчанд қарорҳои ҳайати мушовараи Прокуратураи генералӣ қабул шудаанд.

Бояд зикр кард, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои истифодабарии замин бо як зумра санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», кодексҳои замин, граждани, манзил, андоз, об, ҷангал, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи заминсозӣ», «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» ва як қатор Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаҳои соҳавӣ ба роҳ монда шудааст.

Прокуратураи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар заминаи қарорҳои

ҳайати мушовара, Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои корӣ дар давраи сипаришудаи соли 2010-ум ба масъалаи санҷиш, пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳо вобаста ба қонунгузории замин диққати махсус дода, мунтазам масъалаи мазкурро бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ дар қаламрави ноҳия мавриди санҷиш қарор додааст. Натиҷаҳои ба дастоварда аз амалӣ намудани ин санҷишҳо ва ҳолати воқеъии қитъаҳои замини ба ҳолати аввала баргардонидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин **самт прокуратураи ноҳия ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст**.

Бояд зикр кард, ки дар заминаи қарори Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мунтазам ва дар сатҳи дахлдор дар қаламрави ноҳия мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қонунгузории замин, меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ бо қарори Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз 28.05.2010-ум сол таҳти №2 аз ҷумлаи кормандони прокуратураи ноҳия, муовини раиси ноҳияи Шоҳмансур, мутахассисони шӯъбаи дастгоҳи раиси ноҳия, кормандони ШКД-и ноҳия, мутахасиссони Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе ва Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе гурӯҳи корӣ созмон дода шудааст.

Таҳти назорати бевоситаи роҳбарияти прокуратураи ноҳия гурӯҳи корӣ дар як давраи кӯтоҳ дар қаламрави ноҳия санҷишҳои мукаммал амалӣ намуд. Дар як вақт, прокуратураи ноҳия санҷиши ҳолати қонунгузории зикршударо мунтазам ба нақша гирифта, дар ҳудуди ноҳия санҷишҳо гузаронидааст.

Таҳлили натиҷаҳои ба дастовардашуда нишон дод, ки **дар қаламрави ноҳияи Шоҳмансури пойтахт қонунвайронкуниҳои ҷиддӣ ва камбудиву норасогиҳои зиёд**, аз қабили риоя нашудани талаботҳои қонунгузории ҷорӣ аз ҷониби шаҳрвандон, масъулини мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои заминсозӣ, меъморӣ ва дигарон, даст задан ба ҷиноят вобаста ба заминистифодабарӣ, хариду фурӯши қитъаҳои замин, худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин, бунёди сохтмонҳои худсарона ва ғайраҳо ҷой доранд.

Бояд зикр кард, ки таҷрибаи прокурорӣ якчанд омилҳои ба миён омадани қонунвайронкуниҳоро дар соҳаи истифодаи оқилонаи замин ва риояи талаботҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба меъморӣ, шаҳрсозию сохтмонӣ муайян сохт, ки ҳангоми амалӣ намудани санҷишҳои прокурорӣ дар ин самт ба инобат гирифтани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Чунончи, таҳлили хусусияти қонунвайронкуниҳои ошкоршуда вобаста ба риояи талаботҳои қонунгузории ҷорӣ оиди замин, меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтумонӣ собит сохт, ки яке аз омили асосӣ, ки ба ин қонунвайронкуниҳо мусоидат кардааст, ин **ҷой доштани ҳолатҳои зиёди сохтакорӣ намудани ҳуҷҷатҳои заминистифодабарии ҳуқуқдиҳанда ва хариду фурӯши замин мебошад.**

Дар натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ муайян карда шуд, ки дар аксар мавридҳо бо роҳи сохтакорӣ намудани қарорҳои собиқ Совети депутатҳои халқии ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе оиди вобаста намудани қитъаҳои замин аз солҳои 1991-1993-ум бархе аз шаҳрвандон даст ба содир намудани ҷиноят задаанд.

Санҷиш муайян намуд, ки шаҳрванд Салимов Ҳ. Т. бо шахсони номаълум маслиҳати пешакӣ намуда, ба номи хоҳараш Салимова Ш. қарори собиқ Совети депутатҳои халқии ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе таҳти №17-426-22 аз 13.08.1993-ум сол оиди вобаста намудани қитъаи замин аз кӯчаи Хоруғ минтақаи 22-ро сохтакорӣ намуда, дар асоси он охирин 1.0 га қитъаи заминро худсарона ишғол намуда, дар

як қисмати он таҳқурсии хонаи истиқоматӣ бунёд намудааст. Тибқи мактуби Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №336 аз 20.07.2010-ум сол қарори мазкур дар ҳуҷҷатҳои аслии Комитети иҷроияи Совети депутатҳои халкии ноҳияи Роҳи Оҳан ба қайд гирифта нашудааст. Аз натиҷаи қонунвайронкунии ошкоршуда прокуратураи ноҳия 29.07.2010-ум сол нисбати Салимов Ҳ.Т. ва дигарон бо аломатҳои бандҳои «б» ва "в" к. 2-и моддаи 340, КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, баъди тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба суди ноҳия ирсол гардид.

Ё ин ки санҷиш муайян намуд, ки шаҳрванд Саидов А. М. ва шахсони дигар ба боварии шаҳрванд Раҷабова С. Б. даромада, ба охирон қитъаи заминро воқеъ дар маҳаллаи Қаротегин нишон дода, нархи онро 7500 доллари ИМА муқаррар карда, дар ин бора маслиҳат намуданд. Сипас, ӯ моҳи ноябри соли 2008-ум аз Раҷабов Б. Б., ба воситаи Абдуллоев С. маблағи 3000 доллари ИМА ва баъдан моҳи декабри соли 2009-ум аз Раҷабова С. Б. 4500 доллари ИМА барои тартиб додани ҳуҷҷатҳои қитъаи замини номбурдаро гирифта, ғайриқонунӣ амалиёти хариду фурӯшро бо замин анҷом дода, маблағҳои зикршударо ба манфиати шахсии худ сарф намуда, ба онҳо зарари моддӣ ба миқдори махсусан калон расонидаанд. Аз рӯи ҳолати мазкур аз ҷониби прокуратураи ноҳияи Шоҳмансур 19.08.2010-ум сол нисбати Саидов А. М. ва дигарон бо аломатҳои банди «б», к. 4-и моддаи 247 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, пешбурди тафтишоти пешакӣ бо парвандаи ҷиноятии мазкур ба зиммаи муфаттишони ШТ ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе супорида шудааст.

Дар маҷмӯъ, аз тарафи прокуратураи ноҳияи Шоҳмансур дар давраи соли 2010-ум оиди сохтакорӣ намудани қарорҳои собиқ Совети депутатҳои халқии ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе бо қарорҳои дахлдор бо аломатҳои моддаҳои 247 ва 340-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон **29 адад парвандаи ҷиноятӣ** оғоз карда шуда, барои пешбурди тафтишоти пешакӣ ба ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ирсол карда шудааст.

Таҳлили қитъаҳои замине, ки бо онҳо қарорҳои солҳои пешин сохтакорӣ шуда, шаҳрвандон ғайриқонунӣ онҳоро истифода мебурданд, собит сохт, ки онҳо бештар дар маҳаллаҳои Бадахшон, Ховарон, Камола ва Бӯстони ноҳия ҷойгир мебошанд. Таҳлилу ҷамъбасти ҳолати иҷрои қонунгузории зикршуда нишон дод, ки камбудиву норасогиҳо дар аксар ҳолатҳо бинобар паст будани дониши ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар баъзе мавридҳо **дар натиҷаи ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои хизматии худ аз ҷониби масъулини мақомотҳои марбута, вобаста ба баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон** дар ин самт ба миён омадаанд.

Омили дигари пешгирӣ ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо дар ин самт ин омӯзиши саривақтии қарорҳои раисони ноҳияҳо мебошад. Омӯзиши баъзе **қарорҳои раиси ноҳияи Шоҳмансури** шаҳри Душанбе нишон дод, ки онҳо хилофи талаботи қонунгузории ҷорӣ интишор шудаанд. Дар асоси ин қарорҳо шаҳрвандон қитъаҳои заминро худсарона ишғол намуда, бидуни иҷозати мақомотҳои дахлдор ҳаргуна иншоотҳо бунёд намудаанд.

Чунончи, бо **қарори раиси ноҳияи Шоҳмансури** шаҳри Душанбе таҳти № 309 аз 11.07.2009-ум сол ба шаҳрванд Шарифов Х. барои давом додани фаъолияти фурӯши мавсимии сихкабоб, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, яхмос, самбӯсаи танӯрӣ, маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва бозии билярд, воқеъ дар кӯчаи Айнӣ, назди бинои №74/1, иҷозат дода шудааст. Мувофиқи талаботи моддаҳои 22, 30 ва 31-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замин бо қарори

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор ҷудо карда мешавад. Гарчанде бо қарори раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба соҳибкор Шарифов Х. барои фаъолияти соҳибкории зикршуда иҷозат дода шуда бошад ҳам, лек бо қарор бо тартиби муқарраргардида масоҳати умумии қитъаи замин ҷудо карда нашудааст. Бе ҷудо кардани қитъаи замин иҷозат додан барои истифодаи замин бо мақсади соҳибкорӣ ва гузоштани хаймаҳои сабук ғайриқонунӣ мебошад.

Тибқи талаботи моддаи 77^{6} ва 77^{7}-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замин аз заминҳои истифодаи умум ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истифодаи бе мӯҳлат ва мӯҳлатнок барои сохтумони навъҳои сабук бидуни расонидани зарар барои истифодаи умум дар асоси қарори раиси шаҳри Душанбе иҷозат дода мешавад. Аз тарафи шаҳрванд Шарифов Х. бошад, дар **қитъаи замини** назди хонаи №74/1, кӯчаи Айнӣ бе иҷозати қарори раиси шаҳри Душанбе сохтмони навъи сабук ба амал бароварда шудааст. Дар асоси **эътирози прокурори ноҳия аз 17.06.2010-ум сол** бинобар ғайриқонунӣ буданаш қарори зикршудаи раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бекор карда шуд.

Ҳамзамон мунтазам амалӣ намудани санҷишҳо дар мақомотҳои заминсозӣ, КДФ «Танзими замин», **назорати давлатии меъморӣ-сохтмонӣ** ва бахшҳои онҳо дар вилоят, шаҳру ноҳияҳо натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад.

Чунончи, санҷиш дар **Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе** муайян кард, ки дар ин давра аз ҷониби масъулини кумита **145 ҳодисаи** вайронкунии қонунгузории замин дар ҳудуди ноҳия муайян карда шудааст. Оиди бартараф намудани он ба шаҳрвандон **58 дастур, 35 амрнома** дода шуда, **52 нафар** ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Ҳамзамон, ба Кумита дар ин давра **95 нафар** шаҳрванд бо ариза ва **23** мактубу **43** мурочиат ба воситаи почтаи электронии раиси шаҳри Душанбе оиди масъалаҳои вобаста ба замин ворид ва ба қайд гирифта шудаанд. Омӯзиши протоколҳо ва қарорҳои дар боло зикршуда нишон дод, ки баъзеи онҳо бар хилофи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд.

Чунончи, бо қарори сарнозири Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе Шоҳайдаров И. таҳти № 001779 аз 22 апрели соли 2010-ум шаҳрванд Тошматов З. барои риоя накардани ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба замин бо моддаи 141-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба маблағи 280 сомонӣ ҷаримабандӣ шудааст.

Ё ин ки бо қарори сарнозири номбурда таҳти №001830 аз 22 апрели соли 2010 шаҳрванд Раҷабова Г. барои риоя накардани ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба замин бо моддаи 141-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба маблағи 300 сомонӣ ҷаримабандӣ шудааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 141-и Кодекси мазкур барои риоя накардани ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба замин ба шахсони воқеъӣ ба андозаи аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад, ки мутобиқи ин талаботи қонун мебоист шаҳрванд Тошматов З. ба маблағи аз 350 то 700 сомонӣ ҷаримабандӣ мешуд. Бо қарори зикршуда Тошматов З. бошад, ба андозаи 280 сомонӣ ҷарима шудааст.

Тибқи талаботҳои моддаи 770 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки дар ҳаққи ӯ истеҳсолоти парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз шудааст, ҳуқуқ дорад бо маводи парванда шинос шавад, баёнот диҳад, далелҳо оварад,

Бар хилофи ин талаботҳо шаҳрвандон Одинаев И. ва Хоҷаева З. оиди ҳуқуқҳои худ дар қарор огоҳонида (фаҳмонида) нашудаанд. Дар натиҷаи санҷиш ба қарорҳои мазкур эътирозҳо оварда шуда, онҳо ба қонун мутобиқ карда шуданд.

Санҷиши ҳолати риоя ва иҷрои қонунгузории замин, меъморӣ ва шаҳрсозӣ собит сохт, ки дар қаламрави ноҳия таҷрибаи номатлуби бар хилофи талаботҳои қонунгузории ҷорӣ аз ҷониби шаҳрвандон **бе ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиққунандаи ҳуқуқӣ истифодаи замин, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва ташхисҳо** оғоз намудани корҳои сохтмонӣ ба бунёди иншоотҳои худсарона ба ҳукми анъана даромадааст. Туфайли он бархе аз шаҳрвандон худсарона қитъаҳои заминро ишғол намуда, дар онҳо кишту кор ва манзилҳои истиқоматӣ бунёд намуда, бо ин васила **ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ даст задаанд.**

Мувофиқи талаботи моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» ҷиҳати омодасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон ҳуҷҷатҳои зерин заруранд:

-қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи Кодекси замин барои гузаронидани корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯӣ дар қитъаи замини интихобшуда ё дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмон иҷозат медиҳад;

-супориши меъморию банақшагирӣ;

-шартҳои техникӣ барои таъминоти муҳандисию техникии иншоот.

Бояд зикр кард, ки тибқи талаботи моддаи 22-и қонуни мазкур дар асоси асноди тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин (сертификати ҳуқуқи истифодаи замин), ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон, ки бо мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ мувофиқа карда шудааст ва хулосаи мусбии экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон, ки мутобиқи моддаи 43-и қонуни мазкур гузаронида шудааст, корҳои сохтмонӣ оғоз карда мешавад. Санҷиши прокурорӣ нишон дод, ки бар хилофи ин талаботҳо шаҳрванд Норкалаев Ч., сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Будёний, хонаи №112, қитъаи замини воқеъ дар маҳаллаи Ховарон, минтақаи №7 - и ноҳияро дар масоҳати 73 метри мураббаъ худсарона забт намуда, сохти хонаи истиқоматиашро дигаргун намудааст.

Шаҳрванд Норкалаев Ч. бо ин кирдори худ ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки дар моддаи 411-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарии маъмуриро барои риоя накардани қоидаҳои истифодаи биноҳо, иншоот, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ ва худсарона дигар кардани сохти онҳоро пешбинӣ менамояд, содир кардааст. Прокуратураи ноҳия оиди ин ҳолат парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намуда, барои баррасӣ ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе ирсол кардааст.

Дар ин давра, ба ҳамин монанд қарорҳо дар бораи оғоз намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шаҳрвандон Ганҷова З., Азизов С., Раҳимов Р. ва дигарон **ҷамъ 43 нафар** қабул шуда, барои баррасӣ унвонии Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозӣ фиристонида шудаанд. Дар натиҷа шаҳрвандони зикршуда, ба маблағи умумии 8.900 сомонӣ ҷарима карда шуданд.

Ё ин ки ошкор шуд, ки шаҳрванд Маҳмадиев И.— сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Раҳим Ҷалил, 42/15, қитъаи замини воқеъ дар маҳаллаи Ховарон, минтақаи 7-ро худсарона бе ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин забт намуда, дар он иншоот бунёд намудааст. Аз ҷониби прокуратураи ноҳия нисбати шаҳрванд Маҳмадиев И. бо аломатҳои моддаи 148-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ **парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ** оғоз намуда, барои баррасӣ ба Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе фиристонида шудааст.

Дар натиҷаи санҷишҳои

прокурорӣ бо аломатҳои ин моддаи Кодекси мазкур нисбати шаҳрвандон Азизов С., Раҳимов Р., Қурбонов С. ва дигарон - **ҷамъ 50 нафар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ** оғоз шуда, барои баррасӣ ба Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе ирсол карда шуд, ки шаҳрвандони зикршуда дар **маҷмӯъ ба маблағи 6500 сомонӣ ҷарима** карда шудаанд.

Дар як вақт аз ҷониби прокуратураи ноҳия ҳангоми санҷишҳо ҳолатҳои аз ҷониби шаҳрвандон поймол намудани талаботҳои қонунгузории ҷорӣ **вобаста ба ҳифзи табиат** дар мавриди истифодаи замин ошкор карда шудааст.Масалан, шаҳрванд Дулоев Б.Р, санаи 09.04.2010-ум сол ба воситаи трактори шахсиаш, тамғаи «ЮМЗ», қайди давлатиаш 05-74 ТЧ бе иҷозати махсуси мақомотҳои ҳифзи табиат дар ҳудуди хоҷагии ҷангал ва боғи мадании истироҳатии «Ғалаба» бо мақсади минбаъд бунёд намудани манзили истиқоматӣ қитъаи заминро ҳамвор намудааст. Прокуратураи ноҳия аз рӯи ҳолати мазкур нисбати номбурда бо аломатҳои **моддаи 238-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон** барои истифодаи захираҳои табии бе иҷозати махсус парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намуда, барои баррасӣ ба Раёсати ҳифзи муҳити зисти шаҳри Душанбе ирсол намуд. Ба ҳамин монанд, нисбати шаҳрванд Ашӯрмадов А. парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, ки аз номбурдагон дар алоҳида 350 сомонӣ маблағи ҷаримаҳо рӯёнида шудаанд.

Ё ин ки шаҳрванд Асноев М.М. — сокини ноҳияи Рӯдакӣ, маҳаллаи Зафар, хонаи №90, қитъаи замини воқеъ дар кӯчаи Бӯстон, гузаргоҳи 3-и ноҳияи Шоҳмансурро ба масоҳати 0.06 га худсарона гирифта, хонаи истиқоматӣ бунёд намудааст. Бояд зикр намуд, ки дар асоси талаботи моддаи 41-и ҳамин қонун бошад, сохтмони биноҳо, иншоотҳо, маҷмааҳо ва қисмҳои алоҳидаи онҳо, иншоотҳои инфрастуктураи иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, нақлиётӣ, муҳандисӣ, ободонии ҳудуд дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмонӣ, ки бо ташаббус ва маблағгузории фармоишгар таҳия мегардад, анҷом дода мешаванд. Бунёди объекту комплексҳо бе мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дар ин моддаҳо зикргардида манъ буда, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои амалкунанда таъкиб карда мешавад. Ҳуқуқи шурӯъ намудан ба корҳои сохтмонӣ аз лаҳзаи бо тартиби муқаррар шуда тасдиқ гардидани ҳуҷҷатҳои меъморию шаҳрсозӣ ва гирифтани иҷозат барои чунин фаъолият аз мақомоти маҳаллии меъморию шаҳрсозӣ дар ҳолати дар дасти фармоишгар мавҷуд будани санади дахлдори давлатӣ дар бораи ҳуқуқи истифодаи замин фаро мерасад.

Ҳамин тариқ, шаҳрвандони зикршуда ба иншоотҳои бунёд намудаашон ҳуқуқ ба моликият надоранд ва ӯҳдадоранд, ки онҳоро бе ҷуброни хароҷоти кардаашон вайрон намоянд. Мувофиқи талаботи моддаи 246-и Кодекси граждани объектҳое, ки бе гирифтани иҷозати мақомоти дахлдор сохта шудаанд, ҳамчун сохтмони худсарона пазируфта шуда, шахси ин гуна сохтмонро баамалбароварда ба он ҳуқуқи моликият надорад. Сохтмони худсарона аз тарафи шахси онро бунёд намуда ва ё аз ҳисоби ин шахс бояд бартараф карда шавад. Мутобиқи талаботи моддаи 104-и Кодекси замин қитъаи замини худсарона ишғолшуда бе ҷуброни хароҷоте, ки дар муддати истифодабарӣ сарф шудааст, бо қарори ҳокимияти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ба ҳолати аввала баргардонида мешавад. Бо назардошти талаботҳои зикршуда дар асоси пешниҳодҳои прокурори ноҳия қитъаи замини аз ҷониби Асноев М.М. дар масоҳати 0.06 га худсарона ишғолнамуда ба ҳолати аввала баргардонида шуд.

Санҷишҳои гузаронидаи прокурорӣ ҳолатҳои зиёди саркашӣ намудани шаҳр-

вандонро **аз пардохти андозҳои замин ва амвол** ҳангоми истифодаи қитъаҳои замин ошкор карданд, ки ҳолатҳои мазкур аз камфаъолиятии мақомоти андоз дарак медиҳад.

Чунончи, дар натиҷаи санҷишҳои амалинамуда дар қаламрави ноҳия **12 ҳолати** бар хилофи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт пардохт нашудани андози замин ва андоз аз амвол аз ҷониби шаҳрвандони алоҳида ошкор шуданд. Баҳри фавран бартараф намудани қонуншиканиҳои мазкур ба шаҳрвандони зикршуда аз ҷониби прокуратураи ноҳия **12 адад амри хаттӣ** дода шудаанд, ки дар натиҷа ба буҷаи давлат **7.798 сомонӣ қарзи андози замин ва амвол** пардохт шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар маҷмӯъ аз ҷониби гурӯҳи кории созмондодашуда, ки дар боло зикраш рафт, дар як муддати кутоҳ **157 ҳолати гайриқонунӣ ишғол намудани қитъаҳои замин** дар масоҳати **4.89 га** ошкор шуда, дар асоси санадҳои эътиноии прокурорӣ ин қитъаҳои замин **ба ҳолати аввала баргардонида шуда**, сохтмонҳои худсарона бартараф гардидаанд.

Дар як вақт, аз натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ **95 қарор дар бораи оғоз намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ** барои роҳ додан ба қонуншиканиҳо, аз ҷумла бо аломатҳои моддаи 148 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати **53 нафар,** бо моддаи 238 нисбати **2 нафар** ва бо моддаи 411-и Кодекси зикршуда нисбати **40 нафар** қабул шуда, барои чорабиниҳои ба мақомтҳои дахлдор ирсол гардидаанд. Илова бар ин, оиди ҳолатҳои сохтакории қарорҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва дигар ҳуҷҷатҳо вобаста ба ҷудо намудани қитъаҳои замин **бо аломатҳои моддаҳои 247 ва 340 КҶ** Ҷумҳурии Тоҷикистон **29 адад** парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз омили асоси пешгирии қонунвайронкуниҳо ин **ташвиқу тарғиби талаботҳои қонунгузории ҷорӣ** дар байни аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар давраи сипаришудаи соли 2010-ум аз ҷониби роҳбарият ва кормандони прокуратураи ноҳияи Шоҳмансур **12 маротиба** дар маҳаллаҳои ҳудуди ноҳия бо сокинон ва коллективҳои меҳнатӣ вохӯриҳо гузронида шуда, **5 маротиба** ба воситаи телевизион, аз ҷумла 2 маротиба аз тариқи шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон санаи 23.07.2010 сол ахбори зарурӣ пахш гардида, 29.07.2010 сол ва 30.07.2010 сол бошад, боз аз тариқи ин шабака дар барномаи алоҳида, инчунин 23.07.2010 сол ва 5.08.2010 сол аз тариқи телевизиони "Пойтахт" бо ташаббуси кормандони прокуратураи ноҳия ҳолатҳои ошкоркунӣ ва минбаъд бартарафкунии қонуншиканӣ дар соҳаи заминистифодабарӣ намоиш дода шуд.

Ҳамзамон кормандони прокуратураи ноҳия дар ин давра **2 маротиба** ба воситаи радио оиди талаботҳои қонунгузории ҷорӣ вобаста ба замин, меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ баромадҳо кардаанд. Инчунин, дар ин давра дар шумораи №2 нашрияи иттилоотию фарҳангии ноҳия «Шоҳмансур» аз 21.03.2010-ум сол дар мавзӯи «Бори кач ба манзил намерасад» мақола ба чоп расидааст.

Таҳлили ҳолати иҷрои қонунгузории зикршуда ва натиҷаҳои санҷишҳои прокурорӣ нишон дод, ки сабаб ва шароитҳои ба ин қонунвайронкуниҳо мусоидаткунанда омилҳои зерин мебошанд:

- дониши пасти ҳуқуқии шаҳрвандон дар мавриди ба даст овардани ҳуҷҷатҳои заминистифодабарӣ, истифодаи қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ва худсарона забт намудани қитъаҳои замин, ки ин ҳолат ҷоннок намудани фаъолияти масъулини мақомотҳои дахлдорро вобаста ба риояи қатъии талаботҳои қонунгузории ҷорӣ оиди муроҷиатҳои шаҳрвандон ва ташвиқу тарғиби талаботҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ тақозо менамояд;

- аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои заминсозӣ ва меъмориву шаҳрсозӣ, мақомотҳои андоз ва ҳифзи табиат ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботҳои қонунгзории ҷорӣ, вобаста ба муроҷиатҳои шаҳрвандон, дар мавриди истифодаи замин, суст ба роҳ мондани назорат оиди забт намудани қитъаҳои замин, худсарона бунёд намудани манзилҳои истиқоматӣ дар минтақаҳои дахлдори ноҳия ва риоя нашудани қоидаҳои меъмориву шаҳрсозӣ, талаботҳои қонунгузории андоз ва муҳити зист;

- ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудани фаъолияти нозирони минтақавии ШКД ноҳия дар мавриди сари вақт муайян намудани қонунвайронкуниҳо дар ин самт, раисони маҳаллаҳо, роҳбарони ташкилоту идораҳо ва нозирони андоз, вобаста ба ситонидани андози замин ва ирсол намудани хабару маводҳо ба мақомотҳои дахлдор.

Бояд зикр кард, ки омилҳои ба миён омадани қонунвайронкуниҳо дар самти пешгирӣ, ошкор ва бартарафсозии қонунвайронкуниҳо дар самти заминистифодабарӣ ва фаъолияти мақомотҳои меъморӣ, шаҳрсозию сохтмонӣ дар қаламрави ноҳияи Шоҳмансур дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳияи Шоҳмансур бо иштироки аъзоёни Шӯро, раиси ноҳияи Шоҳмансур, масъулини мақомотҳои марбута, раисони маҳаллаҳо, сардорони муассисаҳои истифодабарии манзилӣ, нозирони минтақавӣ, муфаттишони ШТ ШКД-и ноҳияи Шоҳмансур ва дигар шахсони масъул мавриди муҳокима қарор гирифта, қарори дахлдор қабул карда шудааст.

Дар баробари ин, бо мактуби иттилоотии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.10.2010 сол фаъолияти прокуратураи ноҳияи Шоҳмансур барои дар сатҳи баланди касбӣ гузаронидани санҷишҳо, пешгирӣ кардани қонунвайронкуниҳо, дар маҷлиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ баррасӣ намудани масъалаи ҳолати иҷрои қонунгузорӣ дар бораи замин ва ба тариқи ахбори омма ба аҳолӣ пешкаш намудани вазъи қонуният дар ин самт, инчунин ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ҳамчун таҷрибаи мусбӣ **дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн карда шудааст.**

Мароми мо -- баррасии ҳаматарафа ва холисонаи муроҷиатҳои шаҳрвандон

НИЁЗОВ Ҷ. Ҳ.,
сардори Раёсати ташкили кор ва қабули шаҳрвандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 1

Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзишҳои олӣ эътироф шуда, риоя ва ҳифзи онҳоро давлат кафолат медиҳад. Вобаста ба ин, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дар аксарияти мавридҳо бо натиҷаи санҷиши муроҷиатҳои шифоҳӣ ва хаттии онҳо ҳимоя ва барқарор карда мешаванд.

Мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ***таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баррасии пурраву холисонаи муроҷиатҳои шаҳрвандонро*** яке аз самтҳои афзалиятнок ва омили муайянкунандаи фаъолияти мақомот эътироф намуда, ташкили фаъолият ва назорати прокурориро дар ин ҷода дар мадди аввали назорати худ қарор додааст. Бинобар ин, бо мақсади баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии кормандони мақомоти прокуратура дар баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон ва ба таври дахлдор ба амал баровардани назорат оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон», Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ ва риояи бечунучарои қонуният ҳангоми баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон» аз 14-уми октябри соли 2008 мавриди амал қарор дорад.

Ҷиҳати амалӣ намудани Дастуру супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 24-уми апрели соли 2010 бошад, мақомоти прокуратура оиди баррасии ҳаматарафа ва холисонаи муроҷиатҳои шаҳрвандон, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи онҳо тадбирҳои судманд андешид.

Пеш аз ҳама, бо Фармони Прокурори генералӣ аз 6-уми майи соли 2010 қабули шаҳрвандон аз ҷониби кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба танзим дароварда, ҷадвали қабули шаҳрвандон аз тарафи роҳбарият ва сардорони раёсату шӯъбаҳо (алалхусус рӯзҳои шанбе) аз нав таҳия ва тасдиқ гардида, прокуророни вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низ чунин тартиби фаъолиятро ба роҳ мондаанд, ки падидаи нек аст.

Бо андешидани ин тадбирҳо шумораи шаҳрвандони ба қабули шахсии прокуророн муроҷиатнамуда афзуда, танҳо аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ **1283 нафар шаҳрванд** қабул карда шудаанд. Дар маҷмӯъ давоми соли 2010 ба мақомоти прокуратура **16 687 нафар шаҳрванд** муроҷиат намудаанд (5928 нафари онҳоро прокуророн шахсан пазируфтаанд).

Дар ин давра, аз мақомотҳои олии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳо **710 муроҷиату дархост** (аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 303, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 45, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон 57, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 74 ва дигар мақомоти давлатӣ 231 ворид гардидаанд. Аз 10 600 адад мурочиати шаҳрвандон, ки бевосита аз ҷониби кормандони мақомоти прокуратура баррасӣ гардидаанд, 1 336 адад ё 12,6 %-и онҳо асоснок ҳисобида, қонеъ гардида, баҳри барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандон чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Муроҷиатҳои баррасӣ ва қонеъ гардонидашуда асосан ба масъалаҳои қонунгузории манзил, меҳнат, истифодабарии замин, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, қарорҳои судҳо оид ба парвандахои ҷиноятӣ, граждани ва дигар масъалаҳо мансуб буда, дар мӯҳлатҳои муқаррашуда ҳалли қонунии худро ёфтаанд.

Оид ба ҳолати иҷрои Қонуни Ҷумхурии Точикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» **428 санҷиш** гузаронида, ҳолатҳои зиёди дағалона вайрон кардани мӯҳлати баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандонро, ки боиси норозигӣ ва такроран муроҷиат намудани онҳо ба мақомоти гуногун гардидааст, ошкор намуда, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани камбудию қонунвайронкуниҳо санадҳои эътиноии прокурорӣ бароварда, бо натиҷаи баррасии онҳо 732 нафар ба ҷавобгариҳои интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашида шуда, 41 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд.

Масалан, санҷишҳои прокурорӣ собит намуд, ки раиси ҷамоати деҳоти «Иттифоқ»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Қосимов Б. зиёда аз 1385 муроҷиати хаттии шаҳрвандонро, ки оиди ҷудо намудани замини наздиҳавлигӣ ворид гардидаанд, ба қайд нагирифта, баррасӣ накардааст.

Инчунин, баъзе масъулини мақомоти давлатӣ ба баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон бемасъулиятии маҳз зоҳир намуда, ҳатто бо мазмуни муроҷиатҳо шинос нашуда, ба муаллифон ҷавобҳои қолабию берун аз доираи мазмуни муроҷиат ирсол менамоянд. Чунин бемасъулиятиро ба шаҳрванд Неъматова Х. ҳангоми додани ариза барои сабт кардани номи вай дар навбати ҳаҷравони ҷамоати деҳоти ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Варзоб раво диданд. Масъулини ҷамоати деҳоти номбурда ба Неъматова Х. доир ба он ки “дар ҷамоат фонди замини наздиҳавлигӣ мавҷуд набудааст”, ҷавоб навиштаанд.

Чунин қонунвайронкуниҳо ягона набуда, дар фаъолияти мақомотҳои марбута дида мешаванд...

Раёсати ташкили кор ва қабули шаҳрвандони Прокуратураи генералӣ мунтазам баҳри такмил додани фаъолияти мақомот дар ташкили самараноки қабули шаҳрвандон, баррасии пурра, саривақтӣ ва холисонаи муроҷиатҳои онҳо чораҳои қонунӣ меандешад.

РИТОРИКА ВА ПРОКУРАТУРА

ЗАЙНИДДИНОВ Варқа
Ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи 1

Соли 2008 ба муносибати ҷашни 1150-солагии Сардафтари адабиёти форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ибтикори роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон Соли забони тоҷикӣ эълон карда шуд. Дар ин росто фикр мекунам, ки ҷашнвораҳои мазкур аз худ як нақши муассире дар инкишофи забони давлатӣ ва санъати суханронии тоҷикон бозиданд. Аз ин сабаб, рӯ овардани банда ба санъати сухан, нотиқӣ, фарҳанги муколамма дар байни тоҷикон бесабаб нест.

Санъати сухан чӣ мафҳум ва чӣ ибораест, ки аз замонҳои қадим дар кишварҳои тамаддуни башарӣ — Эрон, Бобулистон, Юнон, Рум, Карфаген ва ҳам ашхоси алоҳида — табақаҳои олимақоми дарборӣ, олимон, шоирон, нависандагон, ҳуқуқдонҳо дар ин хусус гуфтаву асарҳо эҷод кардаву ҳатто мактабҳои махсуси нотиқонро ташкил ва нотиқони оташинсуханро тарбия намудаанд. Оё ҷамъият он давра барои чунин ашхоси оташинсухан ниёз дошт ва агар ниёз дошта бошад, бо кадом сабаб? Оё чунин нотиқон ва чунин суханкуниҳо дар замони ҳозира, асри кибернетика ва компютер, асри фонограммаҳо лозим ҳаст? Агар ҳа, чаро?

Оё санъати сухан, нотиқӣ ба соҳаи ҳуқуқшиносӣ, алалхусус мақомоти прокуратура ягон иртиботе дорад ва барои ин мақомот ин ихтисос зарур ҳаст? Агар ҳа, чаро?

Кӯшиш менамоем ба ин суолҳо мухтасаран, ба таври возеҳу равшан ҷавоб гардонем.

Санъати сухан яке аз омилҳои қадимтарини фарҳанги халқҳо буда, дар гаҳвораҳои тамаддуни башарӣ - Юнону Рим, Эрон ва Бобулистон, Мисри қадим ба инкишофи он аҳамияти махсус дода мешуд. Тамоми коҳинони дайру маъбадҳо, мӯъбадони оташкадаҳои зардуштӣ воизон буда, баҳравар аз санъати сухан, нотиқони нотакрори замони хеш буданд. Дар он давраҳои қадим ва садсолаҳои навин сухани бурро, нотиқӣ баҳри ҷалби оммаи халқ ба тарафи хеш ва ё ба коре аҳамияти хоса дошта, ҷалби одамон, тавоҷуҳи онҳо ба шахс ё коре аз маҳорати шахси сухангӯй, нутқи оташин ва баландмазмуну ҳаяҷонови ӯ вобаста буд. Аз ин рӯ, ба нотиқони оташинсухан дарбориёну ашрофзодагон ва халқ таваҷҷӯҳи хосае дошта , бо ибораи дигар ин қишри ҷомеа он вақт соҳиби обрӯ ва манзалати махсусе буда, ҷамъият ба чунин ашхос ниёз дошт ва санъати нотиқӣ дар мактабҳои гуногун омӯзонида мешуд.

Аз таърихи дунёи қадим ба мо суханҳои оташини олимону нотиқон Арасту, Ҳомер, Демосфен, Крисп Гай, Афлотун, Сисерон ва ғайраҳо маълуманд, ки онҳо аз худ осорҳои зиёде доир ба санъати сухан - риторика боқӣ гузоштаанд.

Бояд гуфт, ки ***риторика*** калимаи юнонӣ буда, маънояш ***оташинсуханӣ*** аст. **Риторика - ин назарияи санъати нотиқӣ, назарияи оташинсуханӣ, илми нутқи бурро ва оташбор буда, ин илм яке аз илмҳои қадимтарини дунёст.** Дар Рими қадим ин илмро бо номи «элоквенсия» меши-

нохтанд. Илми мазкур то соли 1917 дар тамоми мактабҳои олӣ ва гимназияҳои Русияи подшоҳӣ омӯзонида мешуд ва он яке аз фанҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Баъди инқилоби Ӯктабрии Владимир Улянов ин фан оҳиста-оҳиста аз барномаҳои дарсии ҳам мактабҳои таҳсилоти миёна ва ҳам олӣ бароварда шуда, дар як доираи маҳдуд дар бархе аз мактабҳои олӣ омӯзонида мешуд. Шояд болшевикон аз санъати оташинсуханӣ ҳарос доштанд ва ё ин илмро хоси дарбориёну мансабдорон медонистанд (дар ҳақиқат барои доштани санъати нотиқӣ дониши хуб низ лозим ҳаст, ки синфи коргару деҳқони Русия аз ин ганҷ бебаҳра буданд). Аз ин рӯ, ба инкишофи илми риторика ва санъати сухан ва гуфтугӯи мутахассисон чандон аҳамияти калон дода намешуд.

Агар ба кадом соҳа, ба кадом доираи фаъолияту кори инсон назар андозем, хоҳем фаҳмид, ки санъати суханварӣ ва муошират чӣ гуна барои одамон, барои мутахассисон, барои коргар, роҳбар, вазиру нозир чӣ қадар зарур ва лозим аст. Бисёр ҳолатҳо ба воситаи садо ва симо, дар кӯча ва дар ҷои кор мо шоҳиди нутқи вайрон ва орӣ аз мантиқ, сухане, ки маъно надорад, ғалат аст ва бо ҳам намечаспад, рӯ ба рӯ мешавем.Чунин сухан то андозае каси шунавандаро мушаввашхотир месозад. Чунин маданияти пасти суханронӣ ва гуфтор то андозае метавонад, ки ҳамсӯҳбатон ва худи шахси сухангӯйро асабӣ гардонад. Зеро чун таркиби суханронии шахс бой нест, забони модарии худро бо иборае аз «гаҳвораи маҳалла» берун бароварда наметавонад. Ӯ дар суханронӣ, мукотиба, фаҳмонидани сухани худ ба шахси муқобил, аҳли толор душворӣ кашида, ҳам худашро азоб медиҳад ва ҳам шунавандаро фаҳмонида натавониста, ӯро низ азоб медиҳад. Ҳол он ки ҳар як одам бояд ба таври дақиқ, кӯтоҳ, зебо суханашро, андешаашро ифода карда тавонад ва илми риторика низ чунин санъатро меомӯзонад. Бинобар ин, ҳар як шахс бояд забони тоҷикӣ—забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо пуррагӣ донад ва андешаашро бо забони ноби модарӣ фаҳмо, кӯтоҳ, зебо, дақиқ фаҳмонад.

Дар ин замина бо забони тоҷикӣ — забони давлатӣ, пеш аз ҳама, чунин шахсон — аз қабили вакилони мардумӣ, вазирон, роҳбарони ташкилоту хоҷагиҳо, олимон, журналистон, кормандони фарҳанг, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ (прокурорҳо, судҳо, адвокатҳо, милисаҳо) ва омӯзгорон озодона, бофасоҳат, буррову равшан ва саҳҳеҳ сухан карда, бояд қобилияти нотиқӣ дошта бошанд.

Ҳаминро гуфтан мехоҳам, ки агар шахсони зикршуда то андозае бо илми риторика шинос мебуданд ва фарҳанги суханрониашон қадре баланд мебуд, ин имконият медод, ки ҳам забони садо ва симо, навиштаи рӯзномаю маҷаллаҳо ва китобҳо беҳтар гашта, дар ин асос ин гурӯҳи ҷамъият ба омма ва мардуми бозорӣ дар роҳи баланд бардоштани фарҳанги баланди суханронӣ такони сахте медоданд ва дар ҷамъият ин омил ба пешрафти босамари забони тоҷикӣ - забони давлатӣ сабабгор мешуд.

Санъати сухан ва барҳӯрдор будан аз маҳорати нотиқӣ, бахусус барои кормандони мақомоти прокуратураи кишвар чун обу ҳаво зарур буда, гуфтан мумкин аст, ки барои ин ашхоси соҳибкасб (ҳамчунин барои қозиҳо ва химоягарон) доштани фарҳанги баланди суханронӣ ва нотиқӣ ҳам фарз аст ва ҳам суннат. Ин омилҳо худ нишонаи соҳибкасбии онҳо ва прокурори босавод будани онҳоро нишон медиҳад.

Кормандони мақомоти прокуратураи кишвар дар он асос, ки мақомоти прокуратура тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон (моддаи 93) таъмин менамояд ва ин функсияи ба зиммаи мақомоти прокуратура вогузошта масъулияти онҳоро дучанд менамояд, бояд сари масъалаи санъати сухани хеш, маҳорати нотиқӣ, кӯтоҳ, равон, равшан, бомантиқ, бурро фаҳмонидани сухани хеш, воқиф будан аз илми риторика андеша намоянд.

Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (моддаи 5) самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, назорат ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ, назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар намудааст, тафтишоти ҷиноятҳо, иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо, эътироз овардан нисбати ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд, ва ғайраҳо.

Дар банди мазкур самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура бо пуррагӣ оварда нашудааст, лекин худ таҷассумгари фаъолияти кушод ва сершоҳаи мақомоти прокуратураи кишварро нишон дода, табиист, ки барои пиёда намудани ҳамаи ин амалҳо ва пайваста назорат намудани иҷрои қонунгузориҳо дар ин самтҳо ба кормандони мақомоти мазкур лозим меояд, ки санҷишҳои зиёдеро пиёда намуда, ба мурофиаи ҳазорон нафар шаҳрвандон гӯш дода, садҳо мактубҳои ташкилоту муассисаро мутолиа намуда, фаъолияти даҳҳо вазорату ташкилотҳо, муассиса ва хоҷагиҳоро санҷида, назорат намуда, тафтишоти пешакиро бо корҳои ҷиноӣ пеш бурда ба фаъолияти мақомотҳои тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқи ибтидоӣ, дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ пайваста назорат намуда, дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо, тарғиби қонунгузориҳо пайваста ширкат варзанд.

Фаъолияти кушод, сершоҳа ва густурдаи мақомоти прокуратура, мукотибаи пайваста бо қишрҳои гуногуни ҷомеа (бо иборае аз вазир то сағир, аз олим то золим) аз корманди ҳозираи мақомоти прокуратура дар қатори савияи баланди дониши ҳуқуқӣ, ҳамзамон то андозае дониши психологӣ, педагогӣ ва, бешубҳа, ба қадри кофӣ донистани илми риторика - санъати суханро ба таври қатъӣ талаб менамояд.

Дар ин замина барои нотиқи хуб ғаштани прокурор (ҳуқуқшинос) дар ӯ бояд алоқаи се илм (мантиқ, риторика ва этика) ба мушоҳида расад. Яъне, барои нотиқ шудани прокурор ӯ бояд ба таври лозима аз илмҳои мантиқ, риторика ва этика бархӯрдор бошад. Пеш аз сухан гуфтан, нутқ эрод намудан инсон андеша, фикрашро дар майнааш ҷамъ оварда, мантиқан дурустии онро месанҷад ва баъд сухан, андешаи аз лиҳози мантиқӣ дурустро эрод менамояд, ки дар ин ҳолат алоқаи мантиқ бо риторика - тарзи суханғӯӣ ба вуҷуд меояд. Этика бошад, ин маҷмӯи ахлоқӣ, муносибату рафтори инсон ба ватан, ҷамъият, байни худ, муносибати тарафайни корӣ буда, сегонаи мантиқ - риторика-этика ҳамдигарро пурра менамоянд.

Корманди прокуратура, ки вобаста ба фаъолияти хизматӣ пайваста бо шаҳрвандон ва ҷамъият дар тамос аст, бояд бо завқи баланди суханронӣ, нутқи пурра ва бурро аз дигарон фарқ намуда, моҳияти сухани худро ба таври равшан дар вохӯриҳо бо аҳолӣ, дар рафти корӣ фаҳмонида тавонад. Аз ҷумла, чун прокурор вобаста ба иҷроиши вазифаи хизматии худ дар рафти мурофиаи судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ айбдоркуниро аз номи давлат қувват мебахшад, бояд минбари баланди судиро ҳаматарафа, ба таври касбӣ истифода намояд. Ба замми тайёрии пухтаи пеш аз судӣ ва дониши баланди ҳуқуқӣ дар рафти мурофиаи судӣ, дар тафтишоти судӣ, прокурор бояд фаъолона ширкат варзида, ваҷҳу далелҳои лозимаро пешниҳод намуда, дар саволу ҷавобҳои бо судшаванда, чабрдида, шоҳидон пайдошаванда ширкат варзад. Дар чунин ҳолатҳо мантиқи сухан, фарҳанги балан-

ди суханронӣ, нотиқӣ, кӯтоҳ, равшан сухан гуфтану суол додан ба рафти кор таъсири судманде хоҳад гузошт.

Ҳамзамон, ҳангоми тайёр намудани баромад (нутқи айбдоркунӣ) аз тарафи айбдоркунандаи давлатӣ - прокурори иштироккунандаи мурофиаи судӣ бояд ба тарзи тайёр намудани нутқи айбдоркунӣ диққати махсус дода шавад. Дар нутқи айбдоркунӣ ба ҳолати кор, ҳаракати судшавандаҳо бо ваҷҳу далелҳои пурра, ба таври равшан, возеҳ баҳои ҳуқуқӣ дода, бояд ба ҳолати кори рухдода, ба таври мухтасар, вале равону таъсирбахш баҳои ҷамъиятӣ - сиёсӣ дода шавад.

Агар аз як тараф нутқи айбдоркунӣ таваҷҷӯҳи аҳли нишасти мурофиаи судиро ба худ ҷалб намояд, аз тарафи дигар нутқи айбдоркунии босаводона тайёркарда ва санъати баланди нотиқии айбдоркунандаи давлатӣ — прокурор имконият медиҳад, ки ҳам судшаванда ва ҳам аҳли нишасти мурофиаи судӣ бори дигар дар бораи ҳодисаҳои ҷиноятсодиркунӣ, оқибати онҳо дар ҷамъият ва ҷазои он андеша намоянд. Ба ибораи дигар, нутқи прокурор имконияти тарбияи ҳуқуқӣ ва тарғиби қонунгузориҳои ҷиноии кишварро дар худ доро буда, шукӯҳу шаҳомати давлатдориро нишон дода, ба ҳозирин ба таври мусбӣ таъсири сахти равонӣ расонида метавонад. Дар ин асос прокурор натанҳо ҳангоми нутқи айбдоркунӣ, балки ҳангоми пешниҳоди дархост, додани хулоса ва дастгирии даъво бо парвандаҳои шаҳрвандӣ ва хоҷагӣ низ дар мурофиаи ин гуна парвандаҳо худро ҳамчун соҳибкасб ва нотиқ бояд нишон диҳад.

Фаромӯш набояд кард, ки дар рафти мурофиаи судӣ аҳли ҷамъият ба ҳар як ҳаракати прокурор, суд, ҳимоягар махсус диққат дода, ба ин сенафарон таваҷҷӯҳи зиёд зохир карда мешавад. Аз ин рӯ, ба ин ашхоси соҳибкасб лозим меояд, ки бо ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ ва шаҳрвандӣ бо тайёрии пухта ва нутқи бурро ва фаҳмо ба толори судӣ ҳозир шаванд. Дар яке аз маколаҳои худ бо номи «А. Ф. Кони - абармарди адлу адолат» аз мероси бойи боқимондаи ин ҳуқуқшиноси бузург, ки қисмати зиёдашонро нутқҳои айбдоркунӣ дар мурофиаи судӣ ташкил медиҳанд, хотиррасон намуда будам. Махсусан дар ҳамин шоҳаи фаъолияти ҳуқуқиаш истеъдоди бузург ва худододи Анатолий Фёдорович чун прокурори бузург ҳувайдо мегардад. Нутқҳои айбдоркунии ин нотиқи бузурги мурофиаҳои судӣ бо санъати баланди сухан, бо таҳлили пурраи ҳолати кор, вобаста ба исботкунии маводҳои қазия, бо шинохти рӯҳии шахсият ва донистани ҳаракати рӯҳии шахс, бешубҳа, ганҷи бебаҳои шоҳкориҳои «прокурор ва мурофиаи судӣ» шинохта мешаванд ва ӯ ба тарзи суханронӣ ва санъати нутқи худ чун прокурор ахамияти авалиндарача медод. Фикр мекунам, ки мутолиаи асарҳои ин ҳуқуқшиноси бузург ва нотиқи оташинсухан барои кормандони прокуратураи тоҷик ва алалхусус кормандони ҷавон аз аҳамият холӣ нест. Дар мақомоти прокуратураи тоҷик низ тайи солҳои рафта нотиқони оташинсухан, ки таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеа, толорҳои судӣ ва дигар маъракаҳоро ба худ ҷалб ва мафтун мекарданд, ба хурсандии хонандаи закитабъ кам ҳам бошанд, лек буданд. Ба ин баромадҳои пурмӯҳтавои собиқ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодравон Саломиддин Шаропов бо забони русӣ мисол шуда метавонанд. Айни замон бошад, дар ин амал ба фикри банда баромадҳои дақиқ, возеҳ ва равшану пурмӯҳтавои Прокурори генералии вақти кишвар мӯҳтарам Салимзода Шерхони Одина низ бо тарзи озоди баён ва нутқи бурро бо забони ноби точикӣ нишона аз малакаву таҷрибаи «институти риторика» ва санъати суханро дар худ таҷассум менамоянд ва таҷрибаи чунин ҳуқуқшиносони маъруфро бояд кормандони прокуратура, ҳуқуқшиносони ҷавон сармашқи кори хеш намоянд.

Мутаассифона, тӯли таҷрибаи кориям борҳо мушоҳида кардаам, ки судя, ҳимоягар, айбдоркунандаи давлатӣ дар рафти мурофиаи судӣ бо парвандаҳои ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ на он қадар тайёрии пухта доранд. Дар бисёр ҳолатҳо, гарчанде ки кори худро дар доираи КМҶ ва КМГ-и ҶТ пурра ҳам донанд, лек бо касофатии

надоштани нутқи бурро, надонистани тамоми қоидаҳои забони давлатӣ ва дар ин замина пурра, мантиқан равшан баромад карда натавонистан, ба қавле ҳусни мурофиаи судиро коҳонда, дараҷаи таъсирбахшии онро ба аҳли нишаст кам намуда, хатто боиси мазаммати аҳолии ҳамон шаҳру ноҳия баъди мурофиаи судӣ дар кӯча ва бозор гаштаанд.

Мушоҳида намудаам, ки судя, прокурор ва ҳимоягар дар як ҷумлаи эроднамудаашон ба даҳҳо хатогӣ рох дода, ин ҷумлаи бемантиқ ва пур аз хато (ба замми ин 50-60 фоизаш аз калимахои русӣ) иборат аст. Ин холатхо аз завқи пасти чунин хуқуқшиносон ба забони давлатӣ дарак дода, хамзамон иддаои онхоро, ки гӯё забони русиро хуб медонанд, шахсан ман тамоман ботил мешуморам. Бо забони ғайр ҳамон шахс хуб ҳарф мезанад, ки забони худро донад. Дар ин ҳолат бошад, чунин ашхос бесаводиашонро бо ин роҳ пинҳон кардан мехоҳанд. Мушоҳидаҳои банда нишон медиҳад, ки дар қатори бархе аз ҳуқуқшиносони босаводи системаҳои прокурорӣ, судӣ, адвокатурӣ, милиса, адлия, ки бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона, босаводона, бомантиқ, боҳарорат сухан мегӯянд, солҳои охир ҳуқуқшиносони ҷавоне рӯи кор омада истодаанд, ки қобилияти суханронӣ, нотиқӣ, баромадҳояшон бо забони давлатӣ тамоман заиф аст (забони русиро бошад, ин гуна ҷавонон тамоман намедонанд). Агар аз як тараф, сустии дониши ин гуна ҷавонон ба нутқи онҳо вобаста ба заифии таркиби луғавии забони муошират онҳо таъсири сахт дошта бошад, пас омили дигари он фикр мекунам, баҳравар набудани ин гуна ҷавонон аз илми риторика - санъати сухан мебошад. Ба шогирдони чавоне, ки факултаи ҳуқуқшиноси Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудаанд, суол додам, ки оё онҳо фанеро бо номи «Риторика» дар факултаи хуқуқӣ хондаанд? Ҳамагӣ посух доданд, ки на!

Хотиррасон менамоям, ки фанни «Риторика» аз аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта дар тамоми донишкадаҳои ҳуқуқии Русия, Украина ва дигар ҷумҳуриҳо барқарор карда шуда, китобҳои таълимӣ оид ба санъати суханронӣ таълиф ёфтаанд. Агар дар факултаи хуқуқи ДМТ ва академияи ВКД чунин фан омӯзонида нашавад, пас хуб мешуд, ки он ба барномаи таълимӣ дохил мегашт, зеро як аломати ҳуқуқшиноси тавоно будан ин нотиқи бузург будан аст ва дар ин асос хуб мешуд, ки аз тачрибаи прокурорҳои ботаҷриба, нутқҳои пурмӯҳтавои айбдоркунии онҳо дар рафти мурофиаҳои судӣ, баромадҳои онҳо дар мурофиаҳо бо парвандаҳои шахрвандӣ ҳам донишҷӯён ва ҳам кадрҳои ҷавон ба хубӣ истифода намоянд. Хуб мешуд, ки маҷмӯаҳои махсус доир ба ин масъалаи муҳим чоп гашта, мақолаҳо пайваста ба табъ расанд, зеро кишвари мо соҳибистиқлол ҳаст ва забони тоҷикӣ забони давлатист. Дар ин асос ҷаҳонбинӣ, забондонӣ, тарзи сухангӯии корманди прокуратура бо забони давлатӣ аз тарзи сухангӯӣ бо забони тоҷикии замони шӯравӣ, ки аксаран сухангӯиҳоямон қолабӣ ва бо забони шикаст ва омехта бо дигар забоҳо сурат мегирифт, ба куллӣ бояд фарқ кунад. Набояд фаромӯш кард, ки дар қафои сояи «ҷаноби нутқи прокурор» шукӯҳу шаҳомати давлатдорӣ, ифтихор аз ин миллату Ватан нуҳуфта ва раванди бебозгашти давлатдории тоҷиконро аллакай чархи таърих 19 сол пеш муайян намудааст.

Суханро вазну тамкини замин бояд,
Суханро қудрати ҷонофарин бояд!

Защита прав человека в судебном процессе

ИСОЕВ Мадвали Шайдуллоевич, начальник Управления по надзору за законностью судебных актов по уголовным делам Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан, Государственный советник юстиции 3 класса

В современном Таджикистане права человека рассматриваются, как существенный элемент государственности и всей правовой действительности.

Современная концепция прав человека исходит из признания приоритетного значения обеспечения прав личности, особенно при рассмотрении судами уголовных дел. Развитие уголовно-процессуального законодательства республики на современном этапе также характеризуется в первую очередь усилением внимания к личности, её правам, свободам и законным интересам, а также гарантиям их обеспечения.

Принятая в 1994 году Конституция Республики Таджикистан, провозгласила права и свободы человека высшей ценностью, требующими признания и выполнения международно-правовых стандартов, заставляет переосмыслить данную проблему на основе положений о соблюдении и защите прав человека как обязанности государства.

Правам и свободам человека и гражданина и их основным обязанностям посвящена вторая, самая большая по объему, глава Конституции Республики Таджикистан, состоящая из 34 статей. Они расположены по определенной системе, имеющей внутреннюю логическую связь, учитывающей специфику самих прав и свобод в зависимости от сфер жизнедеятельности человека и гражданина, в которых они получают соответствующую реализацию.

«Человек, его права и свободы, – согласно ст.5 Конституции Республики Таджикистан, являются высшей ценностью. Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны».

В связи с этим уважение личности становится важнейшим институтом уголовного судопроизводства и требует дальнейшей разработки теоретических и практических вопросов, определяющих обеспечение прав и свобод человека, его чести и достоинства, гарантии неприкосновенности вышеуказанных ценностей.

Приоритет уважения прав человека и гражданина в уголовном судопроизводстве подтверждается и выдвижением в уголовно-процессуальном законодательстве на первый план задач по защите прав и законных интересов лиц, потерпевших от преступлений, защиты личности от незаконного и необоснованного обвинения, осуждения, ограничения её прав и свобод.

Как верно было отмечено И.Л. Петрухиным, проблема личности в уголовном судопроизводстве - это проблема, в том числе свободы и процессуальной независимости следователя, прокурора, судьи, свободы выбора адвокатом средств защиты и т.д.

Анализируя содержание положения об уважении личности в уголовном

судопроизводстве, следует отметить, что требование уважительного обращения действуют без исключения в отношении всех субъектов уголовно-процессуальной деятельности, в том числе следователя, прокурора, суда и т.д. Потому что надлежащее уважение личности вышеуказанных участников уголовного судопроизводства имеет существенное значение в обеспечение прав и законных интересов других участников судебного процесса.

В основе уголовно-процессуального института уважения личности и прав человека лежат такие нравственные источники, как признание человека высшей ценностью, приоритета его прав и свобод над интересами общественными и государственными, уважения в каждом человеке его достоинства и др.

Исходя из этого, нужно отметить, что уважение личности, охрана её прав и законных интересов есть не что иное, как почтительное отношение к человеку со стороны других лиц, подразумевающее вежливость, корректность, охрану и защиту личности от посягательств на её интересы.

Особое значение приобретает положение об охране прав и интересов человека в уголовно-процессуальных правоотношениях, возникающих в сфере уголовного судопроизводства. Охрану прав и свобод личности можно определить как «осуществление комплекса мер, направленных на создание условий для реализации прав человека и восстановление этих прав в случае нарушения».

Деятельность по охране прав участников процесса осуществляется субъектами уголовно-процессуальной деятельности в контексте осуществляемых ими уголовно-процессуальных функций, то есть видов деятельности субъектов уголовного процесса, обусловленных их ролью, назначением или целью участия в деле.

Это означает, что каждый из участников производства по уголовному делу осуществляет меры, направленные на обеспечение и охрану прав участников процесса, реализуя в строгом соответствии с законом свои непосредственные права и обязанности, используя при этом предусмотренные законом средства и методы.

Так, например, закон возлагает на суд, прокурора, следователя и лицо, производящее дознание, обязанность разъяснить участвующим в деле лицам, в том числе и подозреваемому, обвиняемому, подсудимому их права и обеспечить возможность осуществления этих прав, обеспечить подозреваемому, обвиняемому и подсудимому возможность защищаться установленными законом средствами и способами, а также обеспечить охрану их личных и имущественных прав.

Защитник же, выступая в качестве защитника подозреваемого, обвиняемого и подсудимого, обязан использовать все указанные в законе средства и способы защиты в целях выявления обстоятельств, оправдывающих подозреваемого, обвиняемого и подсудимого, смягчающих их ответственность, оказывать подозреваемому, обвиняемому и подсудимому необходимую юридическую помощь.

В отличие от охраны прав человека, положение об уважении личности универсально, распространяется на всех субъектов уголовно-процессуальной деятельности вне зависимости от их целей и задач участия в уголовном судопроизводстве. Это означает, что все лица, независимо от их функций, процессуального положения и других обстоятельств должны уважать личность, её честь и достоинства всех других субъектов процессуальной деятельности. Круг лиц, осуществляющих меры по охране прав участников уголовного судопроизводства, нормативно определен. Например, защитник обвиняемого или подсудимого не должен принимать меры к охране прав и интересов потерпевшего, однако он обязан уважительно относиться к нему.

Содержание уголовно-процессуального института

охраны прав человека, на наш взгляд, включает :

-признание и соблюдение законных интересов субъектов уголовно-процессуальной деятельности;

-охрану чести и достоинства личности в процессе производства по уголовным делам, уважительное отношение и обращение к субъектам уголовного процесса;

-создание условий для реализации прав и свобод участников уголовного судопроизводства,

-реальное обеспечение прав и свобод лиц, вовлеченных в уголовный процесс;

-защиту прав и свобод участников уголовного судопроизводства от возможных посягательств;

-восстановление в нарушенных правах субъектов уголовно-процессуальной деятельности.

Таким образом, под охраной прав человека в уголовном судопроизводстве следует понимать совокупность средств и методов, имеющих целью обеспечить такой режим производства по уголовному делу, при котором признаются и соблюдаются законные интересы субъектов уголовно-процессуальной деятельности, охраняется их честь и достоинство, создаются условия для реального обеспечения и защиты прав и свобод участников уголовного судопроизводства, гарантируется восстановление нарушенных прав.

Нравственную основу уважения личности в уголовном процессе составляют нормы морали, определяющиеся в качестве общепризнанных. Моральные ценности, будучи опосредованы правом, приобретают характер юридически значимых и выступают в форме «охраняемых законом интересов».

Центральным звеном охраны прав человека в уголовном судопроизводстве является достижение обеспечения уважения чести и достоинстве личности, её основных свобод, важнейших интересов участников уголовного судопроизводства, реализация прав и осуществление гарантий прав участников процесса, восстановление нарушенных прав и свобод.

Из этого следует, что сущность уважения личности составляет обеспечение прав и свобод человека, основанное на признании человека высшей ценностью, что права и свободы человека обеспечиваются не посредством уважения чести и достоинства личности, а честь и достоинство личности охраняются в результате соблюдения прав человека.

Значение уголовно-процессуального института охраны прав человека в судебном процессе заключается в том, что он, во первых, носит право обеспечительный характер, предоставляя возможность участникам уголовного судопроизводства свободно реализовывать свои права и свободы, отстаивать законные интересы, во-вторых, играет превентивную роль, предупреждая права и свободы от посягательств и возможных нарушений, требуя соответствующего поведения от всех иных субъектов права, и, в - третьих, выполняет защитную право восстановительную функцию.

По своему целевому назначению механизм реализации уважения и охраны прав человека в уголовном судопроизводстве должен обеспечивать:

-охрану жизненных ценностей и интересов всех участников уголовного процесса;

-реализацию их прав и свобод и осуществление гарантий этих прав;

-правомерность действий должностных лиц и органов государства, ведущих производство по уголовному делу, а также всех других субъектов уголовно-процессуальной деятельности;

-предупреждение, выявление и устранение следственных и судебных ошибок.

Ведущая роль среди них принадлежит принципу законности. Применительно к уголовному судопроизводству данный принцип выражается в требовании осуществлять производство по делу в точном соответствии с законом, соблю-

дать все нормы материального и процессуального права, другие нормативные акты и обеспечивать эффективный надзор за исполнением законов при производстве по уголовным делам.

Одним из ключевых принципов в системе уважения личности и охраны прав человека в судебном процессе является предусмотренный Конституцией Республики Таджикистан принцип охраны чести и достоинства личности.

Нужно отметить, что важнейшим принципом, обеспечивающим задачи охраны прав человека в судебном процессе, является принцип свидетельского иммунитета. Положение о том, что никто не обязан свидетельствовать против себя самого, своего супруга и близких родственников нашло своего отражение в Конституции и в уголовно-процессуальном законодательстве Республики Таджикистан.

Принцип презумпции невиновности исходит из ценности человеческой личности, уважения к человеку, его чести и достоинству.

Данный принцип означает, что до тех пор, пока справедливый и беспристрастный суд не вынесет публично обвинительный приговор, и он с соблюдением всех установленных процедур не вступит в законную силу, человек не может считаться преступником.

В силу действия принципа презумпции невиновности все право- ограничения в ходе уголовного судопроизводства до вступления приговора в законную силу должны быть направлены только на обеспечение установления истины и не причинять лицам, в отношении которых они применяются, лишений и страданий. Задачей же этого принципа является по существу создание условий, исключающих необоснованное осуждение граждан.

Нужно отметить, что часть принципов уголовного судопроизводства совпадает по содержанию с соответствующими конституционными правами личности, такими как неприкосновенность личности, жилища, частной жизни, обеспечение обвиняемому и подсудимому права на защиту, судебная защита прав и свобод и др.

Так, например, в соответствии с принципом обеспечения подсудимому права на защиту определяются его отдельные процессуальные права - знать, в чем он обвиняется, пользоваться услугами защитника, знакомиться с материалами уголовного дела и др., обязанности прокурора и суда обеспечить реализацию права подсудимого на защиту, обеспечить в необходимых случаях участие защитника в деле и т.д.

Трудно переоценить и роль принципов свободного обжалования действий и решений в уголовном судопроизводстве и судебной защите прав и свобод человека. (ч.1 ст. 19 Конституции Республики Таджикистан).

В соответствии с принципом судебной защиты прав и свобод человека, в свою очередь, обжалованию в суд подлежат отдельные действия и решения должностных лиц, ответственных за производства по данному делу.

Каждому человеку гарантируется судебная защита. Каждый гражданин вправе требовать, чтобы его дело было рассмотрено компетентным, независимым и беспристрастным судом, учрежденным в соответствии с законом. Никто не может быть привлечен к ответственности после истечения срока уголовного преследования, а также за деяния, которые в момент их совершения не считались преступлением. Некто не может быть повторно осужден за одно и то же преступление.

Как утверждает В.П. Кащепов, судебная защита прав и свобод человека представляет собой юридический механизм, с помощью которого государство обязан обеспечить соблюдение прав и свобод человека и гражданина, закрепленных в Конституции.

Однако состояние судебной защиты прав и свобод человека в настоящее время в том виде, в котором она существует, не от-

вечает потребностям времени, интересам общества и государства, так как не создан необходимый механизм эффективной реализации полномочий суда по защите прав и свобод граждан.

В последнее время все более актуализируются принцип состязательности уголовного судопроизводства. С точки зрения уважения и защиты прав человека в уголовном судопроизводстве данный принцип имеет очень важное значение, поскольку предполагает процессуальное равенство каждой из сторон, одинаковые возможности для отстаивания перед судом своих прав и законных интересов, способствует всестороннему исследовнию каждого обстоятельства, доказательства.

Но, рассматривая нормы УПК Республики Таджикистан, определяющие возвращение судом дела для дополнительного расследования, нужно подчеркнуть, что они не соответствуют принципу состязательности (ч. 2 ст. 88 Конституции Республики Таджикистан), а также принципам презумпции невиновности (ч. 1 ст. 20 Конституции Республики Таджикистан), судебной защиты прав и свобод (ч. 1 ст. 19 Конституции Республики Таджикистан).

Одним из ключевых принципов, обеспечивающих уважения и охрану прав и свобод человека в уголовном судопроизводстве, является принцип обеспечения обвиняемому и подсудимому права на защиту.

На наш взгляд, при решении вопроса о пределах допустимости расширения полномочий защитника следует исходить из того, что деятельность адвоката является важнейшей гарантией охраны прав обвиняемого и подсудимого, поэтому его правомочия должны быть максимально возможно расширены.

С другой стороны, чрезмерное увеличение круга прав защитника может привести к волоките и отрицательно сказаться на выяснении истины по делу.

На данный момент, тот объем прав защитника, который установлен действующим законодательством Республики Таджикистан, не отвечает задачам охраны прав личности, человека и гражданина в судебном разбирательстве по уголовным делам, однако необоснованное расширение полномочий защитника противоречит задачам борьбы с преступностью.

Принцип всесторонности, полноты и объективности исследования обстоятельств дела служит задачам охраны прав и интересов участников уголовного судопроизводства, обязывая орган дознания, следователя, прокурора, суд выявлять помимо уличающих, оправдывающие и смягчающие ответственность обвиняемого и подсудимого обстоятельства, запрещая перелегать обязанность доказывания на обвиняемого, подсудимого и домогаться его показаний путем насилия, угроз, иных незаконных мер.

Принцип равенства (ст. 5 УК Республики Таджикистан) всех перед законом действует в уголовном процессе, как и во всех других сферах общественной жизни.

Принцип справедливости, заключающийся в возможности превлечения к уголовной ответственности только на убедительных, доказанных и полностью соответствующих закону, а также характеру общественно опасного деяния и личности виновного обстоятельствах (ст. 8 УК Республики Таджикистан), координируется с принципом презумпции невиновности, согласно которому лицо считается невиновным до тех пор, пока его вина не доказана в предусмотренном законом порядке.

Важнейшим принципом уголовного права, впервые появившимся в новом УК Республики Таджикистан, является принцип гуманности (ст. 9 УК Республики Таджикистан). В соответствии с данным принципом строится все уголовно-процессуальное законодательство.

Сущность вышеуказанного принципа заключается в том, чтобы лицу, совершившему преступление,

было назначено наказание или примененная мера уголовно-правового характера была необходимой и достаточной для исправления и предупреждения новых преступлений, при этом они не должны унижать человеческое достоинство и причинять физический вред.

Степень же гуманности государства к участникам уголовного процесса определяется тем, насколько действующее законодательство предоставило им возможность знать о состоянии и движении уголовного дела, насколько активно и самостоятельно они могут участвовать в уголовно-процессуальной деятельности и насколько реально могуть защищать свои права и законные интересы.

Принцип уважении личности, ее прав и свобод при производстве по уголовным делам должен занять одно из ведущих мест в системе других принципов уголовного судопроизводства: законности, охраны чести и достоинства личности, обеспечения права обвиняемого, подсудимого на защиту, призумции невиновности, охраны прав человека и гражданина и др.

На наш взгляд, в уголовно-процессуальном законодательстве должны найти отражение положения об уважения личности, её прав и свобод, чести и достоинства личности и принципа охраны прав и свобод личности в уголовном судопроизводстве с целью охраны прав человека при рассмотрении уголовных дел судами.

Правовую основу института уважения личности, охраны прав и свобод человека в уголовном судопроизводстве составляют нормы международно-правовых актов, определяющие основы положения личночти в уголовном судопроизводстве, и основанные на международных стандартах положения Конституции Республики Таджикистан, посвященные данным вопросам.

Конституционные положения об уважении личности и охраны прав человека применительно к уголовному судопроизводству закрепляются в уголовно-процессуальном законодательстве.

Конституция Республики Таджикистан на первый план выдвигает задачи охраны прав и свобод человека и гражданина, гарантируя государственную (ч.1 ст. 14), судебную (ч.1 ст. 19) защиту. Это означает, что государство, уважая и соблюдая принадлежащие человеку от рождения права, закрепляет их в нормативно-правовых актах и предусматривает меры по их реальному обеспечению и защите.

Конституцией Республики Таджикистан предусмотрена возможность ограничения прав и свобод человека и гражданина, которая допускается только с целью обеспечения прав и свобод других граждан, общественного порядка, защиты конституционного строя и территориальной целостности республики (ч. 2 ст. 14).

Гарантии уважения и охраны прав участников уголовного судопроизводства, предусмотренные законодательством, реализуются посредством деятельности отдельных субъектов уголовно-процессуальных правоотношений, участвующих в стадии судебного процесса.

Субъектами реализации гарантий прав обвиняемого, подсудимого, потерпевшего в суде, прежде всего, являются органы государства и должностные лица, на которые государство возлагает обязанность разъяснить участвующим в деле лицам их права и обеспечить возможность осуществления этих прав.

Очевидно, что иметь защитника, представляющее собой одно из составляющих права на защиту является одним из важнейших конституционных прав человека.

Как правило, рассматривая жалобы и протесты в кассационном и надзорном порядке, соответствующие судебные инстанции, отмечая нарушения тех или иных процессуальных прав подсудимого и его защитника, признают их нарушениями права подсудимого на защиту и отменяют на этом основании нижестоящие судебные решения.

Судебная практика на этапе судебного разбирательства признает возможным отказ от формальной защиты только в присутствии адвоката. Такая практика наиболее правильно.

Помимо этого, к случаям обязательного участия защитника, на наш взгляд, следует отнести дела по обвинению в совершении преступления лиц, в отношении которых избрана мера пресечения в виде заключения под стражу.

Очевидно, что лица в отношении которых избрана мера пресечения заключения под стражу, нуждаются в помощи, и, прежде всего, помощи юридической, так как в некоторых ситуациях только защитник может удержать таких обвиняемых от необдуманных поступков.

Подобные предложения уже высказывались ранее, однако не были восприняты законодателем.

Проблема гарантирования охраны прав человека в уголовном судопроизводстве заставляет поднимать вопросы о необходимости упрочения процессуального статуса потерпевшего, наделения его равными с обвиняемым, подсудимым правами и возможностями для защиты своих интересов.

Одним из прав потерпевшего является его право на помощь представителя, которым может быть адвокат. Однако по ряду причин, особенно трудностей, связанные с оплатой труда адвоката, участие на стороне потерпевшего адвоката встречается крайне редко.

По этому, на наш взгляд, потерпевший при изъявлении о том желания должен обеспечиваться услугами адвоката, как это предусмотрено в отношении обвиняемого, подсудимого. Более того, по отдельным категориям дел целесообразно было бы установить правило об обязательном участии адвоката в уголовном судопроизводстве в качестве представителя потерпевшего.

Учитывая важность защиты прав и законных интересов потерпевшего, участие адвоката в качестве представителя потерпевшего должно быть признано обязательным, если потерпевшим является несовершеннолетний, лицо, которое страдает физическими или психическими недостатками и не в состоянии самостоятельно защищать свои права и законные интересы, лицо не владеющее языком, на котором ведется судопроизводство, военнослужащий, проходящий службе по призыву.

To a question about the nature of risk in business

This article examines the concept of risk and business risk, provides a comprehensive analysis of legislation on the definition of business risks and on the basis of comparison examines the provisions of foreign legislation on the definition of business risk. From a historical point of view the opinions of scholars on the definition of risk, we study the basic theory of risk, examines types of risk (subjective and objective risk), the differences between the concept of risk from damage, loss and the concept of property accountability, and based on scientific analysis and the position of the current legislation is proposed justification for the proposal in question.

Key words: risk, business risk, entrepreneurial activity, risk, opportunity, adverse effects, subjective category, subjective risk, objective risk, the property interest.

[1] *Ойгензихт В.А.* Проблема риска в гражданском праве. Душанбе, 1972. С. 14-29; Серебровский В.И. Очерки советского срахового права. М., Госиздат, 1926.

[2] *Meder S.* Risiko als Kriterium des Schadensferteilung.\\ Juristenzeitung, №11, 1993. S.540.

[3] Латинско-русский лексикон. М., 1860. В латинском языке употребляется еще слово risicum.

[4] Цит. по: *Giddens A.* The Politics of Risk Society. Cambridge: Polity Press, 1998.

[5] *Gidden A.* Risc and Responsibility. // The Modern Law Review (Oxford). - № 1, 1999, v. 62. Pp 1-10

[6] *Ожегов С.И., Шведова Н.Ю.* Толковый словарь русского языка. М.: АЗЪ, 1994. С. 668.

[7] *Красавчиков О.А* Возмещение вреда, причиненного источником повышенной опасности. М., 1966. с142,146

[8] *Илларионова Т.И.* Система гражданско-правовых охранительных мер. Томск. Изд-во Томского ун-та, 1982 с. 118-126;

[9] *Ойгензихт В.А.* Проблема риска в гражданском праве. Душанбе: изд-во «Ирфон», 1972.

[10] *Плотников В.А.* Соотношение категорий «вина» и «риск» в гражданском праве.// Вестн. Моск. Ун-та. сер. 11, Право, 1993. №6 с.69-70

[11] *Братусь С.М.* Юридическая ответственность и законность (очерк теории). М., 1976. с. 178-179

[12] Цит. по: Предпринимательство в конце XX века/ *А.А. Дышкин, А.Р. Стерлин, И.В. Тулин* и др. М.: Наука, 1992. С. 19-20

[13] *Рахимов М.З.* Предпринимательский риск./ Материалы Международной научно-теоретической конференции, посвященной памяти В.А. Ойгензихта «Коммерческое законодательство Республики Таджикистан: становление и развитие». Душанбе, 2001. С. 99-100.

[14] *Зверева Е.А.* Указ.соч. С.11 Стоит напомнить, что существует и точка зрения о том, что риск, наряду с виной является основанием имущественной отсветственности. См. *Ойгензихт В.А.* Проблема риска в гражданском праве. Душанбе, Ирфон. 1972. С.210

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3

САЛИМЗОДА Ш.О.

«18» июни соли 2010

ДАСТУРАМАЛ

оид ба тарзу усулҳои санҷиши ҳолати риоя ва иҷрои қонунгузории замин

Мувофиқи моддаи 13 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 2 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқ, бо назардошти яке аз унсурҳои асосии иқтисодиёти кишварро ташкил кардани соҳаи кишоварзӣ, бахусус, истифодаи оқилонаи замин, ба ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҳамин соҳа хеле вобаста мебошад.

Мутаассифона, айни ҳол вобаста ба иҷрои қонунгузорӣ оиди истифодаи замин кам будию қонунвайронкуниҳои зиёде ҷой доранд, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва субъектони хоҷагидор гардидааст, ки пазируфта буда наметавонад.

Аз ин рӯ, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратураро назорати риояи қонунгузории амалкунанда вобаста ба истифодабарии самараноку оқилонаи замин ташкил медиҳад.

Санҷиши ҳолати иҷроиши қонунгузории зикршуда аз санҷишгар тайёрии ҳаматарафа ва малакаи баланди касбиро талаб менамояд. Бояд пеш аз оғози санҷиш ва дар рафти он муқаррароти қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда вобаста ба истифодабарии замин мавриди омӯзиш қарор гиранд, аз ҷумла:

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»;
- Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи баҳои замин», «Дар бораи заминсозӣ», «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон";
- Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ» (№522 аз 25 июни соли 1996), «Дар бораи ҳифз ва самараноку оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ» (№335 аз 25 июли соли 2000), «Дар бораи ба амал баровардани ҳуқуқи истифодаи замин» (№1021 аз 22 июни соли 1998), «Дар бораи ҷудо кардани 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон» (№342 аз 9 октябри соли 1995) ва «Дар бораи ҷудо кардани 25 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон» (№874 аз 1 декабри соли 1997);
- Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд. Аз ҷумла, "Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" (№342 аз 01 сентябри соли 2005), "Қоидаҳои истифодабарии қитъаҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгард" (№214 аз 6 майи соли 2006), "Қоидаҳои аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо" (№570 аз 30 ноябри соли 2007), "Низомномаи тартиби ҷуброни зарари заминистифодабарандагон ва талафоти истеҳсолоти кишоварзӣ" (№515 аз 30 декабри соли 2000), "Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Чумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ" (№592 аз 30 ноябри соли 2007).

Санҷишу таҳлилҳои прокурорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар аксар ҳолатҳо камбудию қонунвайронкуниҳо аз бесалоҳиятӣ, надонистани қонун ё бадқасдона нодуруст татбиқ намудани он аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти назоратӣ ибтидо мегиранд.

1. СУБЪЕКТОНИ ҚОНУНВАЙРОНКУНИҲОИ ЗАМИН

Субъектҳои қонунвайронкуниҳо шахсони мансабдори мақомоти зерин ва шаҳрвандон мебошанд:

- Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- Мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа (ҷамоатҳо);
- Корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ;
- Мақомоти назоратӣ (заминсозӣ, меъморӣ ва дигарон);
- Шаҳрвандон.

Қонунвайронкуниҳоро дар соҳаи замин аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Сари вақт баррасӣ накардани муроҷиатҳои шаҳрвандон дар бораи ҷудо ва вобастунии замин ва беасос рад намудани онҳо (моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ва моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» мӯҳлати якмоҳаи баррасии муроҷиатҳоро муайян намудаанд).

Барои ошкор намудани ин намуди қонунвайронкуниҳо бояд пеш аз ҳама китоби бақайдгирии муроҷиатҳо талаб карда, мавриди омӯзиш қарор дода, диққати асосӣ ба вақтҳои дар муроҷиат дарҷгардида, риояи мӯҳлати баррасӣ ва моҳияту мазмуни ҷавоби ба муаллиф ирсолгардида дода шавад;

2. Пинҳон намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани фонди махсуси замин.

Ин қонунвайронкунӣ аз тариқи омӯзиши мувозинаи (баланси) замини шаҳру ноҳия оғоз гардида, дар рафти он муайян карда шавад, ки дар сатрҳои «фонди махсус» ва «фонди захиравӣ» чи қадар замин мавҷуд аст ва он кай ва дар асоси кадом қарори раиси шаҳру ноҳия ба фонди махсус гузаронида шудааст;

***3.* Ғайриқонунӣ аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани замин.**

*А*з як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо тибқи муқаррароти Қоидаҳои аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо аз тарафи раисони шаҳру ноҳияҳо бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми ошкор кардани чунин ҳолат бояд қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб карда гирифта шавад;

4. Пешниҳод намудани қитъаҳои замине, ки барои истеҳсолоти кишоварзӣ номувофиқанд.

Барои ошкор намудани ин қонунвайронкунӣ бояд қарори мақомоти дахлдор омӯхта, нусхаи харитаи заминистифодабарӣ бо харитаи асл муқоиса карда шавад. Ба ғайр аз ин, бояд бо омӯзиш ва азназаргузаронии Экспликатсия (Китоби маълумотҳо оиди миқдор ва гурӯҳи замин) муайян карда шавад, ки дар ин тарҳ чӣ қадар замин вуҷуд дорад ва он ба кадом гурӯҳи заминҳо мансуб аст. Дар натиҷа маълум мегардад, ки ин замин барои истеҳсолоти кишоварзӣ мувофиқ аст ё не;

***5.* Вайрон намудани тартиби гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатию ҷамъиятӣ.**

Дар ин ҳолат бояд муайян карда шавад, ки замин барои эҳтиёҷоти давлатию ҷамъиятӣ бо риояи талаботи моддаи 38 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он 5 ҳолати мушаххас нишон дода шудааст, гирифта шудааст ё не. Агар замин ба мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ҷудо шуда бошад, бояд қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб карда гирифта шавад. Дар сурати таъсиси маҳалҳои нави аҳолинишин, васеъ кардани шаҳр ва маҳалҳои аҳолинишин бояд муайян карда шавад, ки тибқи талаботи моддаҳои 7 ва 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" оиди ин масъала қарори дахлдори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст ё не? Дар сурати мавҷуд будани қарор ҳудуди марзии дахлдор бо харитаи заминистифодабарии маҳал ва Экспликатсия муқоиса карда шавад. Барои муайян кардани ҷой доштани асосҳои дар банди 3-и ҳамин модда пешбинишуда бояд ҳуҷҷатҳои лоиҳавии иншоот, қарорҳои ташкилотҳои дахлдор дар бораи бунёди ин иншоот талаб ва аниқ карда шавад, ки иншооти мазкур барои кадом соҳаи хоҷагии халқ пешбинӣ шудааст.

Агар замин вобаста ба иктишофи канданиҳои фоиданок гирифта шуда бошад, бояд муайян карда шавад, ки қарордод дар бораи иктишофу истихроҷи сарватҳои зериза-

минӣ баста шудааст ё не ва ин субъект дар Фонди давлатии маълумоти геологӣ оид ба қаъри замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ё не? Дар сурати ба мақсади дар банди 5 моддаи 38 Кодекс пешбинишуда ҷудо кардани замин бояд муайян карда шавад, ки ин объектҳо дар ҳақиқат ҳамчун иншоот ва ёдгориҳое, ки арзиши археологӣ, таърихӣ ва илмӣ доранд, ба қайд гирифта шудаанд ё не ва дар бораи хавфи нобудшавӣ ё гирифтори харобшавӣ будани онҳо хулосаҳои ба таври расмӣ тасдиқшудаи мақомоти марбута мавҷуд ҳаст ё не? Муайян карда шавад, ки тибқи муқаррароти моддаҳои 40 ва 40.1 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон заминистифодабаранда ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташуда (масалан, иҷора) як сол пеш аз гирифтани замин огоҳ карда шудааст ё не ва қарор дар бораи гирифтани замин дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидааст ё не;

6. Ғайриқонунӣ ва беасос қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи замин

Моддаи 37 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 асоси қатъ кардани ҳуқуқи истифодабарии заминро пешбинӣ намудааст, ки барои муайян намудани ҳолати ба таври хаттӣ даст кашидан аз қитъаи замин ё қатъ гаштани фаъолияти заминистифодабарандагон, бояд аниқ карда шавад, ки дар ҳақиқат ариза дар ин хусус, қарор дар бораи қатъ гаштани фаъолият, инчунин қарори суд дар бораи қатъ кардани фаъолияти заминистифодабаранда мавҷуд ҳаст ё не?

Дар баъзе ҳолатҳо бо баҳонаи даст кашидан аз қитъаи замин дар асл хариду фурӯши қитъаи замин ба расмият дароварда мешавад. Барои муайян кардани ин ҳолат бояд қитъаи замин аз назар гузаронида, муайян карда шавад, ки воқеан аз он кӣ, аз кай ва дар кадом асос истифода бурда истодааст. Дар ҳолатҳои алоҳидаи шубҳанок баёноти заминистифодабарандаи қаблӣ, ҳозира ва шоҳидонро гирифтан зарур аст.

Барои муайян кардани ҷой доштани асосҳои дар банди “в” ин модда зикргардида бояд қарори ҷудо кардани қитъаи замин, сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, шартномаи иҷора ва шаҳодатнома дар бораи саҳм талаб карда гирифта шавад. Тибқи моддаҳои 17 ва 18 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳудуди истифодабарии заминро муайян кардани мақомоти дахлдори танзими замин ва гирифтани ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда ба истифодаи замин шурӯъ кардан манъ аст.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки заминистифодабарандагон ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифодабарии заминро мӯҳлатҳои тӯлонӣ гирифта наметавонанд. Бо мақсади муайян кардани вақти барои гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин муроҷиат кардани заминистифодабаранда азназаргузаронии дафтари қайди муроҷиатҳои шаҳрвандон дар кумитаҳои заминсозӣ ва китоби қайди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифодаи замин зарур мебошад.

Барои муайян кардани асоснокии дар асоси банди “г” моддаи 37 Кодекс қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи замин бояд қарори Раиси шаҳру ноҳия дар бораи ҷудо кардани замин ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин (сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, шаҳодатнома дар бораи саҳм ё шартномаи иҷора) талаб карда, омӯхта шавад, ки қитъаи замин ба кадом мақсад ҷудо карда шудааст ва дар ҷояш дида шавад, ки он ба кадом мақсад истифода бурда мешавад.

Барои муайян кардани дурустии бо асосҳои банди “д” ҳамин модда қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи замин бояд дар бораи ҷой доштани ин ҳолатҳо хулосаи мақомоти ҳифзи табиат, карантини растанӣ, идораи кишоварзӣ ва ғайра талаб карда шавад.

7. Ғайриқонунӣ ва бархилофи талаботи моддаи 39 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани қарор дар бораи қатъ намудани ҳуқуқи истифода-

барии замин.

Дар ин ҳолат бояд ба назар гирифт, ки қарор дар бораи қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи замин бо асосҳои дар бандҳои "а", "б", "е" ва "ж"-и моддаи 37 Кодекси замин пешнибинишуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ва бо асосҳои дар бандҳои "в", "г" ва "д"-и ҳамин модда пешбинишуда бошад, бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ё мақомоти маҳаллии заминсозӣ аз тарафи суд қабул карда мешавад. Аммо ҳолатҳое ҷой доранд, ки ҳуқуқи истифодабарии замин бо асосҳои дар бандхои "в", "г" ва "д" пешбинишуда бо қарорҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ғайриқонунӣ қатъ карда шудаанд. Ба ғайр аз ин, бояд ба инобат гирифта шавад, ки бо асосҳои дар бандҳои "е" ва "ж" пешбинишуда, ҳуқуқи истифодаи замин танҳо баъд аз анҷом ёфтани мавсими кишоварзӣ қатъ карда шуданаш мумкин аст.

8. Вайронкунии ҳуқуқи аъзоёни хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳангоми тақсим намудани саҳми замин, рад ё тақсимоти нобаробари саҳми замин

Мувофиқи талаботи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ба шаҳрвандон замин аз ҳисоби заминҳои корхонахои кишоварзӣ ба андозаи саҳми миёнаи замини ба ҳар як узв муайяншуда, аз заминҳои фонди махсус бошад, ба андозаи саҳми миёнаи ноҳия ба ҳар як узви қобили амал, ки хоҳиши ташкили хоҷагии деҳқониро дорад, ҷудо карда мешавад. Дар бораи муайян кардани саҳми миёнаи ноҳия бояд қарори Раиси шаҳру ноҳия қабул карда шуда бошад. Барои дурустии тақсимоти саҳм бояд қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) талаб карда, дар баробари ин, рӯйхати саҳмдорон омӯхта шавад, ки ба он шахсони узви хоҷагиҳои дахлдор набуда илова карда нашуда бошанд, ба ғайр аз ин муайян карда шавад, ки дар асл саҳмдорон ҳангоми тақсими саҳм қобили амал буданд ё не?

Ҳолатхое низ ҷой доранд, ки ба як шаҳрванд аз ҳисоби якчанд хоҷагӣ саҳм ҷудо карда мешавад, ки ин ғайриқонунӣ мебошад. Бояд дар назар гирифт, ки ҳар як аъзои хоҷагии деҳқонӣ метавонад новобаста аз розигии дигар аъзоён бо гирифтани саҳми худ аз хоҷагии деҳқонӣ барояд. Барои ошкор кардани ҳолатҳои беасос рад кардани муроҷиат оиди ҷудо кардани саҳми замин бояд китоби қайди муроҷиатҳои шаҳрвандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ва кумитаи заминсозии дахлдор аз назар гузаронида, сипас ба кирдори онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

9. Дахолат кардан ба фаъолияти заминистифодабарандагон ва маҳдудкунии мустақилияти онҳо

Дахолат кардан ба фаъолияти заминистифодабарандагон дар амалҳои зерин зоҳир мегардад: ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ (бо қарор, амр ва фармоишҳо) дахолат намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот ба фаъолияти заминистифодабарандагон (хоҷагиҳои кишоварзӣ, шаҳрвандон ва ғайра), маҷбур кардани хоҷагиҳои кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии муайян, тасдиқ намудани нақша ва додани роҳхат ба истеҳсоли пахта, маҷбур кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ барои дохил шудан ба ассосиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (маҷбуран мавриди ислоҳот қарор додани онҳо, ҷудокунӣ, якҷояшавӣ ва азнавташкилдиҳӣ), бевосита таъину озод ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайра. Дар сурати ошкор кардани чунин қонунвайронкуниҳо ба кирдорҳои

ашхоси гунаҳгор баҳои ҳуқуқӣ дода шуда, аз натиҷааш чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ андешида шавад.

10. **Риоя накардани тартиби ташкили фонди махсуси замин дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин»).**

Бо мақсади ошкор ва бартараф кардани ин қабил қонунвайронкуниҳо дар рафти санҷиш бояд муайян карда шавад, ки асосҳои дар қарор нишондода дар асл ҷой доранд ё не? Зеро ҳолатҳои зиёде ҷой доранд, ки танҳо ба мақсади ба ягон шахси манфиатдор дар оянда вобаста кардани қитъаи замин онро бо асосҳои гуногун ба ҳисоби фонди махсус гузаронида, пас аз гузаштани мӯҳлати муайян он ба шахси алоҳидаи зарурӣ (наздикон хешу таборон ва дигар шахси манфиатдор) ҷудо карда мешавад.

Санҷишҳои прокурорӣ ҳолатҳоеро ошкор намуданд, ки баъзе раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо заминҳои ҳосилхезро бо ҳар гуна баҳонаҳо ғайриқонунӣ ҳамчун заминҳои кишоварзии аз истифода баромада ё ба қатори заминҳои қимматашон пасттар гузаронида, буттазору ҷангалзорро ҳамчун заминҳои бе дарахту буттазор, ки дар асл барои истифода дар истеҳсолоти кишоварзӣ мувофиқанд, ба фонди махсус гузаронидаанд.

Ба ғайр аз ин, ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки заминистифодабарандагон қитъаи заминҳои ҷудошударо гарчанде самаранок истифода баранд ҳам, раисони шаҳру ноҳияҳо дар қарорҳои худ беасос дарҷ менамоянд, ки гӯё ин заминҳо ғайриоқилона истифода бурда мешаванд ва бо ҳамин баҳона ин заминҳо ба фонди махсус гузаронида мешаванд. Барои муайян кардани ҳолати истифодабарии замин бояд ҳисоботи солҳои пешина оиди майдони кишт, ҳосили ҷамъоварда, санадҳо дар бораи истифодаи ғайриоқилонаи замин, ки бо иштироки заминистифодабаранда тартиб дода шудааст, талаб карда, дар баробари ин, хулосаи мутахассисон оиди ҳолати қитъаи замини ба фонди махсус гузаронида гирифта, маҳалли ҷойгиршавии замин аз назар гузаронида шаванд.

11. Риоя накардани талаботи қонунгузории ҷорӣ ҳангоми ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ

Риоя накардани талаботи қонун дар ин самт асосан дар нодуруст муайян кардани меъёри саҳми узви хоҷагии деҳқонӣ, баррасӣ накардани аризаҳои шаҳрвандон дар бораи бо гирифтани саҳми худ баромадан аз ҳайати хоҷагии деҳқонӣ, риоя накардани аз як тарафи тарҳи замин ҷудо кардани саҳми замини узви хоҷагии деҳқонӣ ва ғайра зоҳир мегардад. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкуниҳо бояд аввал муайян карда шавад, ки ҳангоми таҷдид корхонаи кишоварзӣ ё хоҷагии деҳқонӣ чанд нафар узв дошт, ба ҳар яки онҳо чӣ қадар саҳм мерасид, ҳангоми таҷдид замин ҳамчун саҳм ба чанд нафар тақсим карда шудааст, саҳм байни узви хоҷагии деҳқонӣ ё корхонаи кишоварзӣ баробар тақсим карда шудааст ё не? Ин маълумотҳоро аз тариқи талаб намудани парванда дар бораи таҷдиди корхонаи кишоварзӣ ё хоҷагии деҳқонӣ, қарори маҷлиси умумии онҳо ва аз шуъбаи кадрхо гирифтани рӯйхати кормандон, инчунин азназаргузаронии варақаҳои ҳисоби рӯзи корӣ ва ведомости пардохти музди мехнат ба даст овардан мумкин аст. Ҳамчунин, оиди ташкили хоҷагии деҳқонӣ чанд ариза ворид ва онҳо дар кадом мӯҳлат баррасӣ карда шудаанд, муайян карда шавад. Ин маълумотро ба воситаи азназаргузаронии китобҳои қайди муроҷиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва кумитаҳои заминсозии маҳал ба даст овардан мумкин аст.

12. Риоя накардани тартиби ба шаҳрвандон ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ.

Барои ошкор кардани ин ҳолатҳо бояд аз ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо рӯйхати эҳтиёҷмандони қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ талаб карда, ин рӯйхатҳо ба ҳамдигар муқоиса карда, муайян карда шавад, ки шаҳрвандони ҳамчун эҳтиёҷманд ба навбат гирифта, дар ҳақиқат эҳтиёҷманд ҳастанд ё не, кай ба рӯйхат шомил карда шудаанд, дар айни ҳол онҳо дар кучо истиқомат мекунанд ва дар ҷамоатҳои деҳот ҳамчун оилаи алоҳида ба қайд гирифта шудаанд ё не?

***13.* Ҳолатҳои аз ҳисоби заминҳои корами обӣ ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзил ва иншооти ғайриистеҳсолӣ (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №335 аз 25 июли соли 2000 «Дар бораи ҳифз ва самараноку оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ»).**

Тибқи муқаррароти моддаи 29 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои обӣ барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ танҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда мешаванд, аммо санҷишҳо ҳолатҳоеро ошкор намуданд, ки раисони баъзе шаҳру ноҳияҳо дидаю дониста, бо роҳи сохтакорӣ ва бо мақсади ба шаҳрвандон фурӯхтани замин дар қарорҳои худ қитъаҳои заминҳои обиро ҳамчун заминҳои ғайрикишоварзӣ нишон дода, ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ ҷудо карда медиҳанд. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд қитъаи замини ҷудошударо қаблан дар маҳал дида баромада, сипас нусхаи харитаи заминистифодабарӣ бо харитаи асл муқоиса карда, бо Экспликатсия (Китоби маълумотҳо оиди миқдор ва гурӯҳи замин) муайян карда шавад, ки замини ин тарҳ ба кадом гурӯҳи замин мансуб аст.

***14.* Ғайриқонунӣ тақсим намудани қитъаҳои замини истифодаи умумӣ (роҳҳо, роҳравҳо, боғҳои истироҳатӣ, гулгаштҳо, майдонҳо, заминҳои таъиноти маданию маишӣ, қабристонҳо ва дигар заминҳои истифодаи умумӣ).**

Тибқи муқаррароти моддаи 77.7 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замин аз заминҳои истифодаи умумӣ ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба истифодаи бемӯҳлат ва мӯҳлатнок барои сохтмонҳои навъи сабук (хаймаҳои савдо, дӯконҳо, иншооти рекламавӣ, ва ҳоказо) бидуни расонидани зарар барои истифодаи умумӣ дар асоси қарори Раиси шаҳр ҷудо карда мешаванд. Аммо санҷишҳо нишон доданд, ки ҳолатҳои бо қарори раисони шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби заминҳои истифодаи умумӣ барои сохтмони иншооти асоси (капиталӣ) ҷудо карда шудани заминҳо ҷой доранд, ки онҳо барои мувофиқи мақсад истифода бурдани ин заминҳо халал мерасонанд. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд Нақшаи генералии шаҳр талаб карда, муайян карда шаванд, ки мувофиқи он қитъаи замини ҷудошуда ба кадом гурӯҳи заминҳо мансуб мебошад ва дар он сохтмони чӣ гуна иншоот дар назар дошта шудааст.

***15.* Вобастакунии қитъаҳои замин аз ҳисоби хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва зотпарварӣ.**

Тибқи муқаррароти Қонунхои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи тухмипарварӣ», «Дар бораи зот-

парварӣ» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ» №522 аз 25 июни соли 1996 ташкили хоҷагии деҳқонӣ дар замини хоҷагиҳои давлатии тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, зотпарварӣ, муассисаҳои тадқиқотӣ, илмию истеҳсолӣ, таълимӣ, тачрибавӣ, омӯзишгоҳҳои касби техникӣ, инчунин, дар заминҳои фонди давлатии об танҳо бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Аммо дар амалия ҳолатҳои зиёди аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вайрон кардани ин талабот ҷой дорад. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба гурӯҳи хоҷагиҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ, ниҳолпарварӣ ва ғайра шомил кардани хоҷагиҳои кишоварзӣ дастрас карда, бо омӯзиши қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шавад;

***16.* Эътироф кардани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона.**

Мувофиқи муқаррароти моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофи ҳуқуқи моликӣ ба сохтмонҳои худсарона ба ваколати судҳо дохил мешавад. Вале то ҳол раисони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳа ин талаботи қонунро сарфи назар намуда, бо қарорҳои худ сохтмонҳои худсарона бунёд намудаи шаҳрвандонро ҳамчун моликияти онҳо эътироф менамоянд. Дар рафти омӯзиши қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо дар баробари дигар масъалаҳо ба ин масъала эътибор додан зарур аст.

***17.* Вайрон кардани талаботи қонунгузории меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ.**

Тибқи муқаррароти моддаҳои 21, 22 ва 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» ҷиҳати омодасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмон, қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯӣ дар қитъаи замини интихобшуда ё дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмон, супориши меъморию банақшагирӣ, шартҳои техникӣ барои таъминоти муҳандисию техникии иншоот ва барои оғоз намудани корхои сохтмонӣ бошад, асноди тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин (Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин), ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон, ки бо мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ мувофиқа шудаанд, хулосаи мусбии экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон, ки мутобики моддаи 43 Қонуни мазкур гузаронида шудааст ва барои пешбурди корхои сохтмонию васлкунӣ мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар асоси асноди тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин (Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин), лоиҳаи сохтмоне, ки бо мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ мувофиқа шудааст ва хулосаи мусбии экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ медиҳад. Аз ин рӯ, дар сурати набудани яке аз ин ҳуҷҷатҳо, агар ин камбудӣ ислоҳнашаванда бошад ва боиси оқибати вазнин гардад, идомаи сохтмон бояд боздошта ё замин ба ҳолати аввала баргардонида шавад.

Ба ғайр аз ин, бояд дар назар гирифт, ки ҳолатҳои дар асоси қарорҳои бо роҳи сохтакорӣ таҳиягардида, ба амал баровардани сохтмон ҷой дорад. Дар ҳолати пайдо шудани шубҳа, бояд нусхаи қарор бо асли он муқоиса карда, дар баробари он, китоби бақайдгирии қарорҳо аз назар гузаронида, муайян карда шавад, ки оё ин қарор бо ҳамин рақам, таърихи рӯз ва мазмун дар китоб ба қайд гирифта шудааст ё не? Дар ин замина, китоби бақайдгирӣ ва баррасии муроҷиатҳо низ омӯхта, аниқ карда шавад, ки оё муро-

ҷиати ҳамин шаҳрванд дар хусуси ҷудо кардани қитъаи замин ва иҷозати сохтмон ба қайд гирифта шудааст ё не?

Дар баробари ин мувофиқи талаботи меъёр ва қоидаҳои сохтмонӣ таҳкурсии сохтмонҳо аз лӯлаҳои обӣ нӯшокӣ, ташноб, газ, хатҳои барқ ва алоқа бояд дар масофаи муайяне бино ёбанд, вале дар асл мақомоти салоҳиятдор ҳангоми ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмон талаботи дар боло зикршударо дағалона вайрон намуда, новобаста аз мавҷудияти лӯлаҳои обӣ нӯшокӣ, ташнобӣ ва газ дар қитъаи барои сохтмон пешбинишуда, оиди ҷудо намудани замин розигии худро медиҳанд ва дар ин замина қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳия ба тасвиб мерасанд. Барои ошкор кардани ин намуд қонунвайронкуниҳо бояд Нақшаи генералӣ (Генплан) талаб карда, дида шавад, ки мувофиқи он дар ин қитъаи сохтмонӣ чӣ дар назар дошта шудааст.

18. **Ғайриқонунӣ ҷудо намудани заминҳои ҳамшафати роҳ.**

Тибқи муқаррароти Қоидаҳои истифодабарии қитъаҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгард, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 214 аз 6 майи соли 2006 тасдиқ карда шудааст, ҳудуди ҳамшафати роҳ ин замини ду тарафи роҳи автомобилгард мебошад, ки паҳноии он дар роҳҳои автомобилгарди гурӯҳҳои 1, 2 ва 3 - 50 метр ва дар роҳҳои автомобилгарди гурӯҳҳои 4 ва 5 - 25 метрро ташкил медиҳад.

Аммо ҳолатҳое ҷой доранд, ки бо қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо барои сохтмони иншооти гуногун аз ҳисоби заминҳои ҳамшафати роҳ қитъаҳои замин ҷудо карда мешаванд, ҳол он ки дар ин заминҳо сохтмони иншоотҳои асосӣ, ки мӯҳлати истифодабариашон аз 10 сол зиёд аст, ба ғайр аз иморатҳои роҳсозон, Бозрасии давлатии автомобилӣ ва иншоотҳои хизматрасонӣ манъ аст. Барои муайян кардани қонунӣ будани қарорҳои шахсони номбурда, бояд пеш аз ҳама бо роҳи гирифтани маълумотнома аз Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муассисаи дахлдори истифодабарии роҳ муайян карда шавад, ки роҳи автомобилгард ба кадом гурӯҳ шомил аст. Ба ғайр аз ин дар харитаи истифодабарии замин низ паҳноии замини зери роҳ ва ҳудуди ҳамшафати он нишон дода шудааст.

Муайян карда шавад, ки ҷудо кардани замин аз ҳудудҳои ҳамшафати роҳ бо мақомоти марбута, аз ҷумла, заминсозӣ, меъморӣ, ҳифзи муҳити зист, Бозрасии давлатии автомобилӣ ва ғайра мувофиқа карда шудааст ё не. Асоснокии санадҳои мувофиқашуда.

Қонунвайронкунии замин аз ҷониби мақомоти худидораи шаҳраку деҳа (ҷамоатҳо) намудҳои зеринро дорост:

1. **Ҷудо ва вобаста намудани қитъаи замин.**

Мувофиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти худидораи шаҳраку деҳа (ҷамоатҳо) ҳуқуқи ҷудо ва вобаста намудани қитъаи заминро надоранд. Аммо санҷишҳо нишон доданд, ки то ҳол аз тарафи онҳо ғайриқонунӣ қитъаҳои замин ҷудо карда мешаванд.

Раисони ҷамоатҳо ва дигар кормандони масъул барои рӯйпуш кардани ин харакати ғайриқонунии худ қарорҳоро бо санахои қаблӣ мебароранд. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд қарори дар парвандаи заминсозибуда бо қарори асл ва китоби қайди қарорҳо муқоиса карда шавад, зеро ҳолатҳои зиёди дар китоби қайди қарор ба қайд нагирифтани қарорҳои раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот дар бораи ҷудо ва во-

баста намудани қитъаҳои замин ошкор карда шудаанд. Дар сурати дар китоби қайди қарорҳо ба қайд гирифта нашуданаш ва мувофиқат накардани рақам ва моҳияту мазмуни нусхаи қарор бо қарори асл исбот мегардад, ки ин қарор калбакӣ буда, асоси қонунӣ надорад. Аз тарафи шахсони манфиатдор чунин вақҳ мумкин пеш оварда шавад, ки китоби бақайдгирии қарорҳои ҷамоат нобуд шудааст ё ба бойгонӣ супорида шудааст. Дар ин ҳолат нусхахои аслии қарорҳоро аз бойгонии шаҳру ноҳия, бойгонии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, дар баъзе ҳолатҳо аз бойгонии худи прокуратураи шаҳру ноҳияҳо дастрас кардан мумкин аст;

***2.* Барасмиятдарории ҳуқуқи истифодаи замин.**

Солҳои охир яке аз қонунвайронкуниҳое, ки хусусияти оммавиро касб намуда, ки дар фаъолияти раисони ҷамоатҳо бисёр ба назар мерасад, ин дар маҳалхо бо баҳонаи барасмиятдарории ҳуқуқи истифодаи замин дар асл ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ қитъаҳои замин ҷудо карда мешаванд. Ҳол он ки тибқи талаботи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон раисони ҷамоатҳо ҳуқуқи ҷудо кардани қитъаҳои заминро надоранд. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд нусхаи қарор аз шаҳрвандон ва қарори аслӣ дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин аз ҷамоатҳо талаб карда шавад. Ба ғайр аз ин, бояд қитъаи замин дар ҷояш аз назар гузаронида, муайян карда шавад, ки дар ин замин ягон иншоот вуҷуд дорад ё не. Зеро дар аксарияти ҳолатҳо қитъаи замин холӣ бошад хам, бо роҳи сохтакорӣ қарори калбакӣ бо санаи солҳои пеш, яъне аз 3-4 то 10-15 сол пеш тартиб дода, бо ҳамин асосҳои бофтаю таҳрифшуда ба шаҳрвандон қитъаи замин ҷудо карда мешавад;

***3.* Таҳрифкорӣ дар китобҳои хоҷагидорӣ.**

Санҷишҳо ҳолатҳоеро ошкор намуданд, ки гарчанде ба шаҳрвандон ба таври қонунӣ қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ вобаста карда нашуда бошанд хам, бо роҳи таҳрифкорӣ дар китобхои хоҷагидории ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба номи шаҳрвандон қитъаи замин ба қайд гирифта мешавад ва танҳо дар асоси он, ки ба номи онҳо қитъаи замин ба қайд гирифта шудааст, ба шаҳрвандон қитъаҳои замин вобаста карда мешаванд. Ин қонунвайронкунӣ низ бо тартиби дар банди қаблӣ дарҷгардида ошкор карда мешавад;

***4.* Қонунвайронкунӣ оиди ҷамъоварии андози заминҳои наздиҳавлигӣ.**

Дар маҳалҳо ҳолатҳое ҷой доранд, ки мутасаддиёни ҷамоатҳои шаҳраку деҳот аз шаҳрвандон маблағи андози заминро ҷамъоварӣ намуда, ҳангоми ба нозироти андоз супоридани варақаҳои ҳисоботии шакли 7-ф дар ҳисобот маблағи ҷамъовардаро камтар нишон дода, фарқияти онро ба манифати шахсиашон истифода мебаранд ё маблағи аз шаҳрвандон гирифтаашонро умуман ба даромад намегиранд. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд баёноти шаҳрвандон гирифта, он бо ҳисобот ва варақаҳои маблағҳои воридшуда муқоиса карда шавад.

Қонунвайронкунии замин аз ҷониби роҳбарони ташкилоту корхонаҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар намудҳои зерин зоҳир мегардад:

***1.* Ҷудо ва вобастакунии қитъаҳои замин ба шаҳрвандон.**

Пас аз қабули Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 1996 роҳбарияти корхонаю ташкилотҳо ҳуқуқи ҷудо намудани қитъаи заминро надоранд, вале санҷишҳо ҳолатҳои зиёди аз тарафи роҳбарияти корхонаю ташкилотҳо ҷудо намудани қитъаҳои заминро ошкор карданд. Ба ғайр аз ин, дар бисёр ҳолатҳо роҳбарони хоҷагию ташкилотҳои кишоварзӣ бо роҳи сохтакорӣ ба шаҳрвандон қарорҳоро омода карда, дар

онҳо дарҷ кардаанд, ки гӯё солҳои пеш ба ин шаҳрванд қитъаи замин ҷудо карда шуда бошад.

Барои ошкор кардани чунин қонунвайронкунӣ бояд дафтари баҳисобгирии қарор ё фармон аз бойгонӣ талаб карда, ба ғайр аз ин баёноти шахсони дар ҳамон солҳо ба ин ташкилоту корхонахо роҳбарӣ карда, котибони хоҷагиҳои ҷамоавӣ, сардорони шуъбаҳои кадрҳои ташкилоту корхонахои давлатӣ оиди ин масъала гирифта шавад. Дар баробар ин, аз шуъбаи кадрхо рӯйхати кормандони ташкилоту хоҷагиҳо талаб карда омӯхта шавад, ки дар ҳамон солҳо ин нафарон дар ин ташкилоту хоҷагиҳо кор мекарданд ё не. Ҳамчунин, аз ҷамоатҳои деҳот дар бораи дар соли ба тасвиб расидани қарор ё фармон дар ҳудуди ҷамоат истикомат кардани шахсоне, ки ба онҳо замин ҷудо карда шудааст, маълумотнома талаб карда шавад. Муайян карда шавад, ки ҳангоми ба тасвиб расидани қарор ё фармон ин шахсон кобилияти амалкунӣ пайдо карда, ба хоҷагии алоҳида ҷудо шуда буданд ё не. Ба мӯҳри дар қарор ё фармон гузошта диққати махсус дода, муайян карда шавад, ки ин мӯҳри кадом ташкилот ё хоҷагӣ мебошад. Агар ташкилот ё хоҷагӣ бархам дода шуда бошад, муайян карда шавад, ки мӯҳри он нобуд карда шуда буд ё не ва агар нобуд карда нашуда бошад, он дар куҷо ва дар дасти кӣ нигоҳ дошта мешавад;

2. Иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки аз шартномаҳои иҷораи замин бармеоянд.

Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд қарорҳои мақомоти идоракунӣ (протоколҳои маҷлис, фармонҳо ва фармоишҳои роҳбарият) дар бораи ҷудо ва гирифтани замин ва низомномахои дохилӣ оиди бастан ва иҷрои шартномаҳои иҷораи замин, моҳияту мазмуни шартномаҳои иҷора, қарорҳои мақомоти идоракунии хоҷагиҳо оиди бар души корманд гузоштани ҷавобгарӣ барои иҷро накардани шарту шароитҳои шартнома, мукотибот бо иҷоракорон, санҷиши баррасии саривақтии арзу шикоятҳои шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти ташкилоту хоҷагиҳои кишоварзӣ омӯхта шавад;

3. Ҳамроҳ накардани кормандони алоҳида дар рӯйхати саҳмдорони хоҷагиҳои кишоварзии мавриди таҷдид қарор додашуда.

Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд аввал муайян карда шавад, ки ба хоҷагӣ чанд гектар замин вобаста карда шудааст, хоҷагӣ чанд саҳмдор дорад. Ба ғайр аз ин, аз шӯъбаи кадрҳо рӯйхати кормандон (ё аъзои хоҷагӣ) гирифта, инчунин варақаҳои ҳисоби рӯзи корӣ ва ведомости пардохти музди меҳнатро аз назар гузаронида муайян кардан мумкин аст, ки ба рӯйхати шахсони саҳмдор ҳамаи кормандон ворид карда шудаанд ё не;

4. Тамаъҷӯй ҳангоми ҷудо кардани саҳми замин, бастан ва иҷрои шартномаҳои иҷораи замин.

Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд ба қонуни будани қарор дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин баҳои ҳуқуқӣ дода, шартномаи иҷора омӯхта, муайян карда шавад, ки қитъаи замин бо кадом шартҳо ба иҷора дода шудааст ва шартҳои ба иҷора додани замини гурӯҳҳои якхела ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд ё не. Ба ғайр аз ин ҳолати аз тарафи иҷорагиранда иҷро кардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва дар сурати иҷро накардани он муайян карда шавад, ки аз тарафи роҳбарият нисбати иҷорагирон чӣ чораҳо татбиқ карда шудааст. Дар баробари ин, гирифтани баёноти шахсоне, ки ба онҳо қитъаи замин ҷудо шудааст, иҷорагир, аъзоёни оилаи ӯ, иҷорадиҳанда ва шахсони дигарро гирифта, ин ҳолатҳоро ошкор кардан мумкин аст.

5. Монеъ шудан ба аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ, ки хоҳиши бо саҳмашон баромадан аз хоҷагии деҳқониро доранд.

Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ азназаргузаронии дафтари қайди мурочиатҳои шаҳрвандон дар кумитаҳои заминсозӣ, китоби қайди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифо-

даи замин ва гирифтани баёноти саҳмдорон шарт мебошад;

***6.* Бидуни қарор ва тартиби муқарраргардида хориҷ намудани аъзоёни хоҷагӣ аз рӯйхати саҳмдорон ва баргардонидани саҳми замин.**

Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд аввал қарор дар бораи хориҷ намудани аъзоёни хоҷагӣ аз рӯйхати саҳмдорон ва баргардонидани саҳми замин талаб карда, дар сурати мавҷуд набудани қарор барои барқароркунии ҳуқуқи шаҳрванд бояд чораҷӯӣ карда шавад, дар сурати мавҷуд будани чунин қарор бояд муайян карда шавад, ки оё дар ҳақиқат ин шахс бе сабаби узрнок дар давоми зиёда аз як сол дар фаъолияти хоҷагидорӣ иштирок накардааст. Барои ин варақаҳои баҳисобгирии вақти корӣ, ведомостхои пардохти музди меҳнат омӯхта, дар баробари ин баёноти шахси аз аъзогии хоҷагӣ ва рӯйхати саҳмдорон хориҷ карда ва дигар аъзоёни хоҷагӣ гирифта шавад;

Қонунвайронкуниҳо аз тарафи мақомоти заминсозӣ (кумитаҳои заминсозӣ) дар шаклҳои зерин ба назар мерасад:

1. Вайрон намудани тартиби баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон дар бораи ҷудо намудани замин.

Мувофиқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ва моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» мӯҳлати якмоҳаи баррасии мурочиат оиди ташкили хоҷагии деҳқонӣ муқаррар карда шудааст. Барои ошкор кардани вайрон кардани ин мӯҳлат бояд дафтари қайди мурочиатҳои шаҳрвандон дар кумитаҳои заминсозӣ омӯхта, баёноти муаллиф ва шахси санҷишгар гирифта шавад;

2. Рад намудани қабули мурочиатҳо.

Барои ошкор кардани ин ҳолат низ азназаргузаронии дафтари қайди мурочиатҳои шаҳрвандон дар кумитаҳои заминсозӣ ва гирифтани баёноти шаҳрвандон ва дигар аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ шарт мебошад. Ба ғайр аз ин қонунвайронкунии зикршуда бо роҳи омӯзиши хабару мақолаҳои васоити ахбори умум ва мурочиатҳои ба мақомоти прокуратура воридшудаи шаҳрвандон ошкор карда шуданаш мумкин аст;

***3.* Беасос ба кашолкорӣ роҳ додан ҳангоми ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳо (сертификати ҳуқуқи истифодаи замин) ва бақайдгирии он.**

Ин қонунвайронкунӣ бо роҳи азназаргузаронии дафтари қайди мурочиатҳои шаҳрвандон дар кумитахои заминсозӣ ва китоби қайди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифодаи замин (сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, шартномаи иҷора ва шаҳодатнома дар бораи саҳм) ва гирифтани баёноти аризадиҳандагон ошкор карда шуданаш мумкин аст;

***4.* Пешниҳоди қитъаҳои замин (категорияхои обӣ, рекреатсионӣ, фонди обӣ ва ғайра) бархилофи таъиноташон.**

Ин қонунвайронкуниҳо бо роҳи муқоисаи нусхаи харитаи қитъаи замини интихобшуда бо харитаи асл ва омӯзиши Экспликатсия (Китоби маълумотҳо оиди миқдор ва гурӯҳи замин) ва муайян кардани ба кадом гурӯҳи замин мансуб будани қитъаи замини ҷудошуда ошкор карда мешаванд;

***5.* Вайрон намудани тартиби муқарраргардида оиди ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шаҳрвандон ва қабули қарорҳои ғайриқонунӣ вобаста ба он.**

Қонунвайронкунӣ бо роҳи омӯзиши қарорҳои шахсони ваколатдори мақомоти заминсозӣ дар бораи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шаҳрвандон, муқоиса кардани моҳияту мазмуни қарорҳо бо меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда мешавад;

6. Ғайриқонунӣ ва бархилофи тартиби муқаррарғардида муайян кардани ҳаҷми маблағҳои хизматрасонии пулакӣ.

Барои муайян кардани ин қонунвайронкунӣ бояд маблағи ситонида бо нархҳои тибқи "Қоидаҳои барасмиятдарории додан, бақайдгирӣ, иваз намудан ва аз эътибор соқит намудани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин", ки ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №374 аз 2 июли соли 2009 тасдиқ карда шудааст ва "Нархҳои асосӣ барои корҳои заминсозӣ ва кадастри замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо Протоколи Шӯрои илмӣ-техникии Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №3 аз 13.10.2004 тасдиқ карда, бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст, муқоиса карда, ба ғайр аз ин, муайян карда шавад, ки маблағи аз тарафи шахсони воқеию ҳуқуқӣ пардохта ба пуррагӣ ба даромад гирифта шудааст ё не. Миқдори воқеии маблағи супоридаро ба воситаи гирифтани баёнот муайян кардан мумкин аст;

7. Асоснокии каму зиёд шудани маълумотҳои балансӣ доир ба ҳаҷм ва категорияи заминҳо (заминҳои наздиҳавлигӣ, обӣ).

Ҷой доштани ин қонунвайронкунӣ аз тариқи омӯзиши мувозина (баланс)-и замини шаҳру ноҳия дар давоми 2-3 соли охири ҳисоботӣ, муқоисаи ин мувозинаҳо бо ҳамдигар ва бо ҳисоботи шакли 4 ва 29к муайян карда шуданаш мумкин аст. Ҳангоми омӯзиши мувозина ва ҳисобот ба каму зиёд шудани миқдори гурӯҳҳои алоҳидаи заминҳо, аз ҷумла, заминҳои обӣ, боғ, токзор ва дигар заминҳои кишоварзӣ ва зиёдшавии заминҳои наздиҳавлигӣ диққат дода шавад. Дар сурати каму зиёдшавии заминҳо қарорҳое, ки ба он асос шудаанд, талаб карда омӯхта, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шавад;

8. Таҳрифкорӣ ҳангоми гузаронидани баҳисобгирии давлатии замин ва инвентаризатсияи замин.

Санҷишҳо ошкор намуданд, ки мақомоти заминсозӣ ҳангоми гузаронидани баҳисобгирии давлатии замин ва инвентаризатсияи замин ба таҳрифкориҳо роҳ дода, заминҳои корам, аз ҷумла, заминҳои обӣ, боғҳо, токзор, дарахту буттазорро ғайриқонунӣ ба гурӯҳи заминҳои маҳалли аҳолинишин ё заминҳои ғайрикишоварзӣ гузаронида, бо ҳамин барои ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо намудани ин заминҳо шароит фароҳам меоранд. Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ бояд харитаи аз натиҷаи баҳисобгирии давлатии замин ва инвентаризатсияи замин таҳиягардида, бо харитаҳои баҳисобгирии давлатии замин ва инвентаризатсияи замини қаблӣ муқоиса карда, дар сурати ошкор кардани фарқият қарорҳое, ки ба каму зиёдшавии гурӯҳи заминҳо асос шудаанд, талаб карда, омӯхта шаванд. Дар баробари ин бевосита дар ҷояш санҷида шавад, ки тарҳи дар харита ҳамчун маҳалли аҳолинишин ё замини ғайрикишоварзӣ нишондода дар асл ба кадом гурӯҳи замин мансуб аст;

9. Ба нашр нарасонидани қарорҳои раисони маҳалҳо дар бораи ҷудо намудани қитъаҳои замин.

Ҳангоми санҷиш ба иҷрои талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №592 аз 30 ноябри соли 2007 оиди аз тарафи Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва харитасозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти дав-

латии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тамоми қарорҳои раисони шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҷамоатҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ аз соли 2000 инҷониб дар бораи ҷудо намудани қитъаҳои замин қабул шудаанд, баъди омӯзиш ва баррасии асоснок будани онҳо барои расонидан ба маълумоти умум дар рӯзномаҳои шаҳру ноҳияҳо ба табъ расонида шудаанд ё не, диққати ҷиддӣ дода шавад.

Қонунвайронкуниҳои замин аз ҷониби шаҳрвандон чунин намудҳо дорад:

1. Ғайримақсаднок истифода бурдан ё умуман истифода набурдани заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои иловагии ёрирасони шахсӣ

Дар вақти гузаронидани санҷишҳо барои ошкор намудани ин қабил қонунвайронкуниҳо пеш аз ҳама дар ҷойҳо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифодаи замини шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро мавриди омӯзиш қарор дода, ба кадом мақсад ҷудо ва вобаста гардидани қитъаҳои замин, истифода бурдан ё набурдани он таҳлил карда шуда, ба кирдори шахси гунаҳгор баҳои ҳуқуқӣ дода шавад. Бояд қайд намуд, ки дар маҳалҳо ҳолатҳои аз тарафи шаҳрвандон дар заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои иловагии ёрирасони шахсӣ бунёд намудани ҳар гуна иншооти тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ва ғайра ҷой дорад, ки дар сурати ошкор шудани ин ҳодисаҳо барои ба ҳолати аввала баргардонидани замин чораҳои эътиноӣ қабул карда шавад. Дар ин маврид ба санҷиш ҷалб намудани нозирони минтақавии ШКД-и шаҳру ноҳия, муҳандис-заминсозҳои ҷамоатҳо, раисони маҳаллаҳо ва дигар шахсони масъул хеле муфид аст;

2. Хариду фурӯши заминҳои наздиҳавлигӣ.

Барои ошкор кардани хариду фурӯши қитъаҳои замин бояд оиди асоснокии тақсимоти қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ маълумот ҷамъоварӣ карда, оиди бо кадом роҳ ва тарзу усул гирифтани замин баёноти худи шаҳрвандон ва дигар ашхоси манфиатдор талаб карда гирифта шаванд. Бояд дар назар дошт, ки дар бисёр ҳолатҳо бо баҳонаи даст кашидан аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ ё аз номи як шаҳрванд ба номи шаҳрванди дигар гузаронидани замини наздиҳавлигӣ дар асл хариду фурӯши ин заминҳо ба амал бароварда мешавад. Дар ин ҳолатҳо ҳатман муайян карда шавад, ки шахси ин қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба ӯ вобаста кардашуда, дар асл дар ҳамин маҳал истиқомат мекунанд ё не ва қаблан ба номи онҳо замини наздиҳавлигӣ ба қайд гирифта шудааст ё не, зеро тибқи муқаррароти моддаи 71.1 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон замини наздиҳавлигӣ танҳо ба оилаҳои навташкили дар ҷамоат ба қайд гирифташуда ҷудо шуда, дар баробари ин ба оилаҳое, ки ба онҳо дар ҳамин ноҳияю шаҳр замини наздиҳавлигӣ дода шудааст, дуюмбора замини наздиҳавлигӣ дода намешавад.

3. Худсарона забт намудани қитъаҳои замин.

Барои ошкор кардани ин қонунвайронкунӣ талаб кардани ҳуҷҷати ҳуқуқдиҳандаи истифодаи замин (сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, шартномаи иҷора ва шаҳодатнома дар бораи саҳм) кифоя мебошад. Дар сурати надоштани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин бояд нисбати шаҳрвандон чорабинӣ карда шавад. Ин гуна санҷиш бояд бо ҷалби нозирони минтақавии ШКД-и шаҳру ноҳия, муҳандис-заминсозҳои ҷамоатҳо, раисони маҳаллаҳо ва дигар шахсони масъул гузаронида шавад.

Дар Дастур танҳо намунаҳои хислатноки қонунвайронкуниҳои вобаста ба истифо-

дабарии замин ҷойдошта оварда шуданд, ки ҳангоми санҷиш мумкин аст масъалаҳои дигар низ ба миён оянд. Бинобар ин санҷишгар набояд танҳо бо масъалаҳои дар Дастур омада маҳдуд гардад. Ба санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузории замин бояд бо ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ муносибат карда шавад.

II. БАҲОДИҲИИ ҲУҚУҚИИ ВАЙРОНКУНИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИН

Ҳангоми ошкор кардани қонунвайронкуниҳои зикршуда бояд вобаста ба намуди қонунвайронкунӣ тибқи муқаррароти қонунхои амалкунанда ба кирдорҳои субъектҳои ба онҳо роҳдода баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Чунончи, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қонунвайронкуниҳои замин аз моддаи 141 то моддаи 164 ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ намудааст, аз ҷумла, барои риоя накардани ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба замин, тартиби ҳифз ва истифодаи замин, истифодаи ғайримақсадноки замин, низоми истифодаи замин, лоиҳакашӣ, ҷойгир намудан, сохтан ва ба истифода додани объектҳое, ки ба ҳолати замин таъсири манфӣ мерасонанд, напардохтани маблағи андози замин, ифлос кардани замин, истифодаи замин бе ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи он, риоя накардани тартиби ба истифода додани замин, пинҳон доштани маълумот оид ба мавҷудияти захираи махсуси замин, худсарона иваз кардани қитъаҳои замин, риоя накардани тартиби муқарраршудаи аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани замин, қабул намудани қарори ғайриқонунӣ дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин ва истифодаи он, таҳрифи маълумоти кадастри замин, монеъ шудан барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ҷудо кардани қитъаи замин ва истифодаи он ва ғайра ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ кардааст.

Ба ғайр аз ин Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 661 барои сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, бо моддаи 665 барои ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва моддаи 668 барои риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан ҷавобгари пешбинӣ намудааст.

Моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муборизa бар зидди коррупсия» барои даҳолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, монеъ шудан ба мустакилияти онҳо ва вайрон намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, ғайриқонунӣ барҳам ва азнавтаъсисдиҳии онҳо, дахолат кардан дар фаъолияти интихоб, таъин ва озод кардани роҳбарони корхонаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидор, маҳдуд кардани рақобат дар бозори маҳсулот ҳамчун қонунвайронкунӣ баҳо дода, ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбини намудааст.

Дар кирдорҳои ашхосе, ки ба қонунвайронкунии замин роҳ додаанд, метавонад аломатҳои таркиби ҷиноятҳои зерини дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаррагардида низ ҷой дошта бошанд:

-сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314);
-беамалӣ дар иҷрои вазифа (моддаи 315);
-баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (моддаи 316);
-соҳибӣ кардани ваколатҳои шахси мансабдор (моддаи 317);
-иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 318);
-гирифтани пора (моддаи 319);
-додани пора (моддаи 320);
-хунукназарӣ (моддаи 322);
-сохтакории хизматӣ (моддаи 323);

-гирифтани мукофот бо роҳи таъмаҷӯӣ (моддаи 324);
-худсарӣ (334)
-хароб кардани замин (228)
-қаллобӣ (247)
-монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (моддаи 258);
-бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин (моддаи 261);
-маҷбур кардан ба бастани аҳд ё ба саркашӣ кардан аз бастани он (моддаи 267);
-сӯйистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (моддаи 295);
-худсарона ишғол намудани қитъаи замин (338) ва ғайра.

Таснифи амалҳои шахсони гунаҳгор бо ин ва ё он моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазифаи ишғол кардаашон ё кирдори содиркардаашон, ангезаю мақсади шахси гунаҳгор, мавҷуд будан ё набудани зарар ва ҳаҷми он ба амал бароварда мешавад.

Дар баробари ин бояд ба инбоат гирифт, ки моддаи 338 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои худсарона ишғол намудани қитъаи замин ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Бояд қайд кард, ки ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мо одатан ба аломати бандубасткунандаи худсарона ишғол намудани қитъаи замин, ки дар давоми соли пас аз додани ҷазои маъмурӣ барои чунин вайронкунӣ содир шудааст, диққати асосӣ дода, дар бисёр ҳолатҳо аломати ба манфиати қонунии шаҳрвандон давлат ё корхона ба миқдори калон зарар расониданаш сарфи назар карда мешавад. Дар оянда бояд ба ин амалия хотима дода, ҳангоми ба қонунвайронкунӣ баҳои ҳуқуқӣ додан ҳамаи аломатҳои бандубасткунанда ба инобат гирифта шаванд.

III. САНАДҲОИ ТАЪСИРРАСОНИИ ПРОКУРОРӢ ҲАНГОМИ ОШКОР КАРДАНИ ҚОНУНВАЙРОНКУНИҲО ВОБАСТА БА ЗАМИН

Аз натиҷаи санҷишҳо бояд санадҳои эътиноии прокурорӣ омода ва ба унвони роҳбарони ташкилоту муассисахо ирсол карда шаванд.

Санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ бо мақсади бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардида ва зарари расонидашуда, таъқиби ҷиноятии шахсони ба ин қонунвайронкуниҳо дастзада омода ва таҳия карда шуда, аз рӯи хусусияташон метавонанд бо эътироз, пешниҳод, амр ё қарор оид ба оғоз намудани истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии маъмурӣ, интизомӣ, моддӣ кашидан ё оғози парвандаи ҷиноятӣ бартараф карда шаванд.

Эътироз ба қарор ва асноди ғайриқонунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳраку деҳот, мақомоти заминсозӣ ва дигар мақомоти назоратӣ, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро оид ба замин поймол кардаанд, оварда мешавад.

Аризаҳои даъвогӣ метавонанд барои рӯёнидани маблағҳои зарар ба судҳо пешниҳод карда шаванд.

Тибқи талаботи моддаи 104 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замини худсарона ишголкардашуда бе ҷуброни хароҷоте, ки дар муддати ғайриқонунӣ истифодабарӣ сарф шудааст, мувофиқи таъиноташон баргардонида мешаванд. Ба ҳолати барои истифода мувофиқ баргардонидани қитъаҳои замин, аз ҷумла, барҳам додани сохтмон аз ҳисоби шахсоне, ки қитъаҳои заминро худсарона ишғол намудаанд, амалӣ карда мешаванд.

Қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳоки-

мияти давлатии ноҳия (шаҳр) баргардонида мешаванд.

Дар баробари ин, тибқи муқаррароти моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликӣ пайдо намекунад. Ӯ ҳуқуқ надорад чунин биноро ихтиёрдорӣ кунад, тӯҳфа намояд ва ба иҷора супорад ва дигар аҳдҳоро анҷом диҳад. Иморат аз тарафи шахси онро сохта ё аз ҳисоби ӯ вайрон карда мешавад.

Дар сурати ошкор кардани ҳолати худсарона ишғол намудани қитъаи замин прокурор вазифадор аст, ки тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда барои бартараф намудани қонунвайронкунӣ ва ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаи замини худсарона ишғолгардида ба Раиси ноҳия (шаҳр) амр дихад. Аз ҷониби Раиси ноҳия (шаҳр) барои ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаи замини худсарона ишғолгардида қарор қабул гардида, он аз ҷониби шахси гунаҳгор ва ё аз ҳисоби ӯ амалӣ карда мешаванд. Агар шаҳрванд аз ҳисоби худаш ихтиёран қитъаи замини худсарона ишғолкардаашро ба ҳолати аввала барнагардонад, дар ин сурат мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонад бо қувваи худ ин амалро ба анҷом расонида, барои рӯёнидани харочотҳое, ки дар он сарф мешавад, ба тариқи регрессӣ ба суд аризаи даъвогӣ пешниҳод намояд.

Раёсати назорати умумии
Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОИДИ КАДРҲО

Салимзода Шерхони Одина аз 30 январи соли 2010 дар вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Салимзода Шерхони Одина соли 1957 тавлид ёфта, соли 1979 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленинро хатм намудааст. Фаъолияти корӣ ӯ ба ҳайси машваратчии ҳуқуқӣ дар Иттиҳодияи истеҳсолии «Селхозхимия»-и вилояти Кӯлоб шурӯъ шуда, баъдан дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС дар Ҷумҳурии Афғонистон адои хизмат намудааст. Сипас дар вазифаҳои зерин кор кардааст: ёрдамчии калони прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба кадрҳо, муфаттиши калони прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, инструктори шӯъбаи маъмурӣ ва мақомоти савдою молия, инструктори шӯъбаи давлатию ҳуқуқии Кумитаи ҳизби коммунистии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, инструктор ва мудири шӯъбаи давлатию ҳуқуқии Кумитаи ҳизби коммунистии вилояти Кӯлоб, мушовир оид ба масъалаҳои ҳуқуқии назди котиботи Кумитаи ҳизби коммунистии вилояти Кӯлоб, прокурори ноҳияи Шӯрообод вилояти Кӯлоб, сардори шӯъбаи кадрҳои Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳияи Фурунзеи шаҳри Душанбе, муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори шаҳри Душанбе, аъзои Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муҳамадиев Абдуқодир Сайдалиевич аз 4 марти соли 2010 дар вазифаи муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Муҳамадиев Абдуқодир Сайдалиевич, соли таваллудаш 1955, Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро соли 1981 хатм карда, дар вазифаҳои зерини мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст: коромӯз дар вазифаи ёрдамчии прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, ёрдамчии калони прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, ёрдамчии прокурори шаҳри Душанбе оиди назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, ёрдамчии калони прокурори шаҳри Душанбе оиди назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, муовини прокурори нақлиёти Тоҷикистон, прокурори нақлиёти Душанбе, муовини прокурори нақлиёти Осиёи Миёна, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, судяи суди шаҳри Табошари вилояти Ленинобод, прокурори ноҳияи Фурунзеи шаҳри Душанбе, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷкистон ва коргузории махсуси Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати иҷрои қонунгузории андоз ва гумруки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Воҳидов Ҳабибуло Сайдулоевич аз 11 марти соли 2011 дар вазифаи муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Воҳидов Ҳабибуло Сайдулоевич соли 1965 таваллуд шуда, соли 1988 факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленинро хатм намуда, аз тариқи озмун ба мақомоти прокуратура ба кор қабул шуда, дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи прокурори шӯъбаи назорати умумии прокуратураи вилояти Қӯрғонтеппа, коромӯз дар вазифаи муфаттиши прокуратураи шаҳри Қӯрғонтеппа, коромӯз дар вазифаи муфаттиши прокуратураи ноҳияи Ҷиликул, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Ҷиликул, муфаттиши калон оид ба корҳои махсусан муҳими прокуратураи вилояти Хатлон, сардори шӯъбаи назорати иҷроиши қонунҳо дар Вазорати амният ва Кумитаи гумруки прокуратураи вилояти Хатлон, прокурори ноҳияи Фархор, прокурори ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе, прокурори шаҳри Душанбе, сардори Раёсати кадрҳо ва коргузории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Гулматшоев Рашид Кишварович аз 4 марти соли 2010 дар вазифаи муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Гулматшоев Рашид Кишварович соли 1963 таваллуд шуда, соли 1991 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм карда, дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Фрунзе, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Фрунзе, муфаттиш оид ба корҳои махсусан муҳими Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттиши калон оид ба корҳои махсусан муҳими Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори ноҳия Панҷ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, муовини Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Саидов Хайрулло Назарович аз 4 марти соли 2010 дар вазифаи муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон-Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Саидов Хайрулло Назарович соли 1958 таваллуд шуда, соли 1988 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намуда, дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: сардори қисми молиявию хоҷагии прокуратураи вилояти Хатлон, ёрдамчии прокурори шаҳри Норак, сарвакилатдори шӯъбаи дар шаҳри Нораквдаи Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини прокурори ноҳияи Ленин, прокурори ноҳияи Рӯдакӣ, прокурори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, прокурори вилояти Суғд, муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ниёзов Ҷунайд Ҳайдарович аз 17 ноябри соли 2010 дар вазифаи сардори Раёсати ташкили кор ва қабули шаҳрвандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Ниёзов Ҷунайд Ҳайдарович соли 1962 таваллуд шуда, соли 1990 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намуда, дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: муфаттиши прокуратураи

ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, муфаттиши калони шӯъбаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими прокуратураи шаҳри Душанбе, сардори шӯъбаи тафтишотии прокуратураи ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе, прокурори шӯъбаи мубориза бар зидди коррупсияи прокуратураи шаҳри Душанбе, прокурори ноҳияи Рашт, сардори Раёсати ташкили кор ва қабули шаҳрвандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Олимов Мадиброҳим Матосимович аз 22 июни соли 2010 дар вазифаи сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Олимов Мадиброҳим Матосимович соли 1959 таваллуд шуда, соли 1981 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намуда, дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯзи прокуратураи ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, ёрдамчии прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, ёрдамчии прокурори шаҳри Душанбе, ёрдамчии калони прокурори шаҳри Душанбе, прокурори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо оиди ноболиғон ва ҷавонони прокуратураи РСС Тоҷикистон, муовини прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, сардори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо оиди ноболиғон ва ҷавонони прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ ва хоҷагии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шӯъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва маркази ахбори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сангов Ҷамшед Мирзохонович аз 22 июни соли 2010 дар вазифаи сардори Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Сангов Ҷамшед Мирзохонович соли 1963 таваллуд шуда, соли 1991 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намуда, дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯзи прокуратураи шаҳри Орҷоникидзеобод, ёрдамчии прокурори ноҳияи Ёвон, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, муфаттиши калони прокуратураи ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, муовини прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, муовини аввали прокурори ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, сардори шӯъбаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими прокуратураи шаҳри Душанбе, ёрдамчии калони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба супоришҳои махсус, сардори Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Халифаев Маризо Ниёзович аз 15 ноябри соли 2010 дар вазифаи сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовари Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Халифаев Маризо Ниёзович соли 1962 таваллуд шуда, соли 1991 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намуда, дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: ёрдамчии прокурори ноҳияи Фархори вилояти Хатлон, прокурори шӯъбаи назорати умумии прокуратураи вилояти Хатлон, муовини прокурори шаҳри Сарбанди вилояти Хатлон, муовини сардори

шӯъбаи назорати умумии прокуратураи вилояти Хатлон, муовини сардори Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати мубориза бар зидди коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии калони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба супоришҳои махсус, муовини сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар нақлиёт ва коммуникатсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Директори Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовари Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҷӯраев Шарифҷон Эргашович аз 22 июни соли 2010 дар вазифаи сардори Раёсати назорати иҷрои қонунгузории андоз ва гумруки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Ҷӯраев Шарифҷон Эргашович соли таваллудаш 1960, соли 1991 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм намуда, дар мақомоти прокуратураи Украина ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои зерин кор кардааст: коромӯз дар вазифаи муфаттиши прокуратураи ноҳияи Октябри шаҳри Полтаваи Украина, муфаттиши прокуратураи ноҳияи Октябри шаҳри Полтаваи Украина, ёрдамчии прокурори шаҳри Душанбе оиди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо, прокурори калони Раёсати баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷонишини прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, ҷонишини якуми прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе, прокурори Раёсати назорати баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори калони Раёсати назорати баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Директори курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори шӯъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати гумрук ва нақлиёти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати гумрук ва нақлиёти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар нақлиёти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати назорати иҷрои қонунгузории андоз ва гумруки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати назорати иҷрои қонунгузории андоз ва гумруки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ

Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (минбаъд ҳимояи давлатӣ) тибқи Қонуни мазкур татбиқ намудани чораҳои амниятие, ки ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу мулки онҳо (минбаъд - чораҳои амниятӣ) равона гардидаанд, инчунин чораҳои дастгирии иҷтимоии шахсони номбурда (минбаъд - чораҳои дастгирии иҷтимоӣ) бо сабаби иштироки онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амали гардонида мешаванд.

Моддаи 2. Шахсоне, ки нисбат ба онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд

1. Чораҳои ҳимояи давлатӣ нисбати иштирокчиёни зерини мурофиаи судии ҷиноятӣ татбиқ мегарданд:

- прокурор - айбдоркунандаи давлатӣ;
- ҷабрдида;
- шоҳид;
- айбдоркунандаи хусусӣ;
- гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда, ҳимоятгарон ва намояндагони қонунии онҳо, инчунин шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шудааст;
- коршинос, мутахассис, тарҷумон, шахси холис, инчунин омӯзгор ва равоншинос, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок менамоянд;
- даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ;
- намояндагони қонунӣ, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва айбдоркунандаи хусусӣ.

2. Чораҳои ҳимояи давлатӣ, инчунин, метавонанд то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба арзкунанда, шоҳид ё ҷабрдида аз ҷиноят ё шахсони дигар, ки барои пешгирӣ ва кушодани ҷиноят мусоидат мекунанд, татбиқ гарданд.

3. Ҳимояи давлатӣ, инчунин, нисбати хешовандони наздик, ки тибқи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд ва кирдори зиддиҳуқуқӣ нисбати онҳо бо мақсади таъсир расонидан ба шахсони дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда нишондодашуда содир мешавад, татбиқ мегардад.

4. Шахсони дар қисмҳои 1-3 ҳамин модда нишондодашуда, ки нисбат ба онҳо тибқи тартиби муқаррарнамуда қарор оид ба татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ қабул карда шудааст, минбаъд ,шахсони ҳимояшаванда номида мешаванд.

Моддаи 3. Мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ

1. Мақомоти зерин ҳимояи давлатиро таъмин менамоянд:

- мақомоте, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамоянд;
- мақомоте, ки чораҳои амниятиро татбиқ менамоянд;
- мақомоте, ки чораҳои дастгирии иҷтимоиро татбиқ менамоянд.

2. Қарор оид ба татбиқи ҳимояи дав-

латӣ аз тарафи суд (судя), прокурор, сардори воҳиди таҳқиқ ё муфаттиш, ки дар истеҳсолоти онҳо ариза (маълумот) оид ба ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ қарор доранд, қабул карда мешавад, агар тартиби дигар дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад.

3. Татбиқи чораҳои амниятӣ ба ӯҳдаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назорати маводи нашъаовари Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаи ҷиноятии дар истеҳсолоти онҳобуда ва ё ба онҳо вобастакардашуда вогузор карда мешавад. Татбиқи чораҳои алоҳидаи амниятӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба ӯҳдаи дигар мақомоти давлатӣ вогузор карда шавад.

4. Чораҳои амниятӣ нисбат ба шахсони ҳимояшаванда оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дар истеҳсолоти суд ё прокуратура қарор доранд, бо қарори суд (судя) ё прокурор аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти миллӣ, мақомоти гумрук, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсия ва мақомоти назорати маводи нашъаовари маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳимояшаванда амалӣ мегарданд.

5. Чораҳои амниятӣ нисбати шахсони ҳимояшавандае, ки хизматчиёни ҳарбӣ мебошанд, аз ҷониби фармондеҳони қисмҳои ҳарбии дахлдор ва ё сарфармондеҳони болоии қисмҳои ҳарбӣ амалӣ карда мешаванд.

6. Чораҳои амниятӣ нисбати шахсони ҳимояшаванда, ки дар тавқифгоҳи (изолятори) тафтишотӣ нигоҳ дошта мешаванд, аз ҷониби ҳамин муассиса ва нисбати шахсоне, ки дар маҳалли адои ҷазо қарор доранд, аз ҷониби муассисаҳо ва мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

7. Чораҳои дастгирии иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 4. Принсипҳои амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ

1. Ҳимояи давлатӣ мутобиқи принсипҳои қонуният, эҳтиром ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, масъулияти мутақобилаи мақомоте, ки ҳимояи давлатиро таъмин менамоянд, амалӣ мегардад.

2. Ҳимояи давлатӣ таҳти назорати прокурорӣ ва идоравӣ амалӣ мегардад. Зимни амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои ошкоро ва махфӣ истифода бурда мешаванд.

3. Татбиқи чораҳои амниятӣ набояд ҳуқуқҳои манзилӣ, меҳнатӣ, нафақавӣ ва дигар ҳуқуқҳои шахсони ҳимояшавандаро маҳдуд созад.

Моддаи 5. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

БОБИ 2. НАМУДҲОИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 6. Чораҳои амниятӣ

1. Нисбат ба шахси ҳимояшаванда метавонанд дар як вақт якчанд ё яке аз чораҳои амниятии зерин татбиқ карда ша-

ванд:

- муҳофизони шахсӣ, муҳофизати манзил ва молу мулк;
- додани воситаҳои махсуси мудофиаи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар;
- таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда;
- кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ;
- иваз намудани ҳуҷҷатҳо;
- тағйир додани симои зоҳирӣ;
- дигар кардани ҷои кор (хизмат) ё таҳсил;
- ҷойгиркунонии муваққатӣ дар маҳалли бехатар;
- татбиқ намудани чораҳои амниятии иловагӣ нисбат ба шахси ҳимояшаванда, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад ё дар маҳалли адои ҷазо қарор дорад, аз ҷумла гузаронидани ӯ аз як маҳалли дар ҳабс нигоҳдорӣ ё адои ҷазо ба дигар маҳал.

2. Дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои дар моддаи 16 Қонуни мазкур қайдгардида нисбат ба шахси ҳимояшаванда метавонанд чораҳои дигари амниятии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гарданд.

3. Чораҳои амниятии дар сархатҳои чорум, панҷум, шашум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда танҳо нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ мегарданд.

Моддаи 7. Муҳофизони шахсӣ, муҳофизати манзил ва молу мулки шахси ҳимояшаванда

1. Муҳофизони шахсӣ, муҳофизати манзил ва молу мулки шахси ҳимояшаванда аз ҷониби мақомоте, ки чораҳои амниятиро татбиқ менамоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд.

2. Манзили ишғолнамудаи шахси ҳимояшаванда ва молу мулки ӯ метавонанд бо воситаҳои техникии назоратбаранда, инчунин бо бонги зиддисӯхтор ва воситаҳои дигари зарурии техникӣ таҷҳизонида шаванд.

Моддаи 8. Ба шахси ҳимояшаванда додани воситаҳои махсуси шахсии мудофиа, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар

1. Мақомоте, ки чораҳои амниятиро татбиқ мегардонанд, метавонанд ба шахси ҳимояшаванда воситаҳои махсуси шахсии мудофиа, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатарро диҳанд.

2. Намудҳои воситаҳои махсуси шахсии мудофиа, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар, ки ба шахси ҳимояшаванда дода мешаванд, инчунин тартиби додани онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Моддаи 9. Таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда

1. Бо қарори мақоме, ки чораҳои амниятиро татбиқ мегардонад, мумкин аст додани маълумот оид ба шахси ҳимояшаванда аз сарчашмаҳои иттилооту маълумотдиҳии давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо манъ карда шавад, инчунин мумкин аст рақамҳои телефон ва нишонаҳои бақайдгирии давлатии воситаҳои нақлиёти аз ҷониби ӯ истифодашаванда ё ба ӯ тааллукдошта тағйир дода шаванд.

2. Дар ҳолатҳои истисноӣ вобаста ба истеҳсолоти парвандаи дигари ҷиноятӣ ё граждани, маълумот оид ба шахси ҳимояшаванда метавонад ба мақомоти тафтиши пешакӣ, прокурор ё суд дар асоси дархости хаттии прокурор ё суд (судя) бо иҷозати мақоме, ки дар бораи татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабул кардааст, пешниҳод гардад.

Моддаи 10. Кӯчонидани шахси ҳимояшаванда ба маҳалли дигари истиқоматии муваққатӣ, иваз намудани ҳуҷҷатҳо ва тағйир додани симои зоҳирии ӯ

1. Дар мавриди кӯчонидани шахси ҳимояшаванда ба маҳалли дигари истиқоматии муваққатӣ молу мулки манқул ва ғайриманқули шахсии ӯ таҳти муҳофизат қарор мегирад ва кафолатҳои иҷтимоию иқтисодии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои зикргардида таъмин карда мешаванд.

2. Дар ҳолатҳои истисноӣ мумкин аст ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахси ҳимояшаванда бо тағйир додани ном, номи падар ва фамилияи ӯ ва дигар маълумот дар бораш, инчунин симои зоҳирии шахси ҳимояшаванда бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шаванд.

3. Кӯчонидани шахси ҳимояшаванда ба маҳалли дигари истиқоматии муваққатӣ, иваз намудани ҳуҷҷатҳо ва тағйир додани симои зоҳирии ӯ танҳо бо розигии хаттияш дар ҳолатҳое амалӣ мегарданд, ки агар таъмини бехатарии вай бо роҳи татбиқи дигар чораҳои амниятӣ имконнопазир бошад.

Моддаи 11. Дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили шахси ҳимояшаванда

Бо мақсади таъмини амнияти шахси ҳимояшаванда ба ӯ мумкин аст барои дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили муваққатӣ ё доимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карда шавад.

Моддаи 12. Ҷойгиркунонии муваққатии шахси ҳимояшаванда дар маҳалли бехатар

Шахси ҳимояшаванда мумкин аст муваққатан дар маҳалле ҷойгир карда шавад, ки ба таъмини бехатарии ӯ мувофиқ бошад.

Моддаи 13. Таъмини амнияти хизматчии ҳарбӣ

1. Амнияти хизматчии ҳарбӣ, ки шахси ҳимояшаванда ба шумор меравад, бо роҳи татбиқ намудани чораҳои амниятии дар моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинишуда, бо назардошти хусусиятҳои адои хизмати ҳарбӣ таъмин мегардад.

2. Бо мақсади таъмини амнияти хизматчии ҳарбӣ, инчунин, чораҳои зерин татбиқ карда мешаванд:

- равон кардани шахси ҳимояшаванда ба қисми ҳарбии дигар ё муассисаи ҳарбии дигар;

- гузаронидани шахси ҳимояшаванда ба ҷои нави хизмати ҳарбии доимӣ;

- гузаронидан ба қисми ҳарбии дигар ё ба ҷои нави хизмати ҳарбӣ, ки ба қатъ намудани таъмини амнияти минбаъдаи ин шахс монеъ шуда наметавонад;

- чораҳои дигари ҳимоявӣ, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд.

3. Ба ҷои дигари хизмати ҳарбӣ равон кардан ё гузаронидани хизматчии ҳарбие, ки шахси ҳимояшаванда мебошад, бо розигии дар шакли хаттӣ изҳорнамудаи ӯ амалӣ мегардад. Зимни гузариш хизматчии ҳарбӣ ба вазифаи ҳарбии баробар таъин карда мешавад. Дар ин сурат бояд истифодаи ӯ аз рӯи ихтисоси дар қайди ҳарбии асосӣ буда, ё ихтисоси ба он монанд таъмин карда шавад.

Моддаи 14. Таъмини амнияти шахси ҳимояшаванда, ки дар ҳабс ё дар маҳалли адои ҷазо қарор дорад

1. Амнияти шахси ҳимояшаванда, ки дар ҳабс нигоҳ дошта шудааст ё дар маҳалли адои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ қарор дорад, бо роҳи нисбат ба ӯ татбиқ намудани чораҳои амниятии бо сархатҳои сеюм, панҷум, шашум, ҳаштум ва нӯҳуми қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур ё чораҳои дигари бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда таъмин мегардад.

2. Бо мақсади таъмини амнияти шахсе,

ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, инчунин метавонанд чораҳои зерин татбиқ гарданд:

- аз ҳамдигар ҷудо нигоҳ доштани шахси ҳимояшаванда ва шахсе, ки аз ӯ таҳдиди зӯроварӣ бармеояд;

- иваз намудани чораи пешгирӣ ё чораи ҷазо нисбат ба шахси ҳимояшаванда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Моддаи 15. Чораҳои дастгирии иҷтимоӣ

1. Ҳангоми ҳалокат ё вафоти шахси ҳимояшаванда бо сабаби иштироки ӯ дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ ба аъзои оилаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доштанд, бо таъиноти мақоме, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамояд, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ аз рӯи тартиб ва андозаи муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрдампулии яквақта дода шуда, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар бе саробон мондан нафақа таъин карда мешавад.

2. Ҳангоми ба шахси ҳимояшаванда расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатии ӯ бо сабаби иштирок намудан дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ, ки боиси маъюбӣ мегардад, ба ӯ бо таъиноти мақоме, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамояд, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ аз рӯи тартиб ва андозаи муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрдампулии яквақта дода шуда, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар маъюбӣ нафақа таъин карда мешавад.

3. Ҳангоми ба шахси ҳимояшаванда расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатии ӯ бо сабаби иштирок намудан дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ, ки боиси маъюбӣ нагаштааст, ба ӯ бо таъиноти мақоме, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамояд, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ аз рӯи тартиб ва андозаи муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрдампулии яквақта дода мешавад.

4. Ба шахсони ҳимояшаванда, ки дар як вақт ба ёрдампулии гуногуни тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда ҳуқуқ доранд, дар ҳолати расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатӣ бо интихоби онҳо як ёрдампулии яквақта таъин карда мешавад.

5. Тартиби пардохти ёрдампулии яквақтаи дар қисмҳои 1, 4 моддаи мазкур қайдгардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

6. Зараре, ки ба молу мулки шахси ҳимояшаванда бо сабаби иштироки ӯ дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳои молиявии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ҷуброн карда шуда, ин маблағ минбаъд аз ҳисоби шахсе, ки барои расонидани зарар ба молу мулки шахси ҳимояшаванда гунаҳкор аст, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад.

БОБИ 3. АСОСҲО ВА ТАРТИБИ ТАТБИҚИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 16. Асосҳои татбиқи чораҳои амниятӣ

1. Асосҳои татбиқи чораҳои амниятӣ ин маълумот оид ба мавҷуд будани таҳдиди воқеии куштори шахси ҳимояшаванда, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ ва хешовандони наздикаш, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкаш бо сабаби иштироки ӯ дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ мебошанд, ки аз ҷониби мақоми оид ба татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабулкунанда муқаррар карда шудаанд.

2. Чораҳои амниятӣ дар асоси аризаи хаттии шахси ҳимояшаванда ва ё шахсоне, ки бо мақсади ҳифзи манфиати шахсони дигар бо ариза мурочиат намудаанд, нисбати ноболиғон бошад - дар асоси аризаи хаттии падару модари онҳо ё шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин намояндагони ваколатдори мақомоти васояту парастори (дар сурати набудани падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда) татбиқ мегарданд.

3. Агар татбиқи чораҳои амниятӣ ба манфиати аъзои болиғи оилаи шахси ҳимояшаванда ва дигар шахсоне, ки бо ӯ якҷоя зиндагӣ мекунанд, дахл кунад, гирифтани розигии онҳо дар шакли хаттӣ зарур аст.

Моддаи 17. Асосҳои татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ

Асосҳои татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ин ҳалокат ё вафоти шахси ҳимояшаванда, расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатии ӯ бо сабаби иштирок намудан дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ ба шумор мераванд.

Моддаи 18. Тартиби татбиқи чораҳои амниятӣ

1. Тартиби татбиқи чораҳои амният бо Қонуни мазкур, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Суд (судя), прокурор, сардори воҳиди таҳқиқ ё муфаттиш зимни гирифтани ариза (маълумот) оид ба таҳдиди куштори шахсони дар қисмҳои 1-3 моддаи 2 Қонуни мазкур қайдгардида, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба онҳо, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон ё кирдори дигари зиддиҳуқуқии хавфнок ӯҳдадоранд ин аризаро (маълумотро) тафтиш намоянд ва дар мӯҳлати се шабонарӯз (дар ҳолатҳои таъхирнопазир-фавран) оид ба татбиқи чораҳои амниятӣ нисбат ба онҳо ё рад намудани татбиқи онҳо қарор қабул намоянд. Ҷиҳати ҳалли масъалаи зикршуда қарори (таъиноти) асоснок бароварда мешавад, ки он дар рӯзи қабул гардидан ба мақоми татбиққунандаи чораҳои амниятӣ барои иҷро, инчунин ба шахсе, ки нисбати ӯ қарори (таъиноти) мазкур бароварда шудааст, барои маълумот фиристода мешавад.

3. Нисбат ба қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои амниятӣ ё рад намудани татбиқи онҳо шахси ҳимояшаванда ва дигар шахсоне, ки бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ӯ мурочиат намудаанд, метавонанд ба мақоми болоӣ, прокурор ё суд шикоят кунанд. Шикоят аз лаҳзаи пешниҳод шуданаш дар давоми 24 соат бояд баррасӣ гардад.

4. Мақоми татбиққунандаи чораҳои амниятӣ тадбирҳои зарурии амниятии дар Қонуни мазкур пешбинишударо интихоб карда, тарзи татбиқи онҳоро муайян менамояд.

5. Оид ба чораҳои амниятии интихобшуда, таҷйиру иловаҳо ба онҳо ва натиҷаи татбиқи чораҳои мазкур, мақоме, ки онҳоро амалӣ мегардонад, ба суд (судя), прокурор, сардори воҳиди таҳқиқ ё муфаттиши дар истеҳсолоти худ ариза (маълумот) дар хусуси ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ дошта маълумот медиҳад. Дар ҳолати рафъи таҳдид ба амнияти шахси ҳимояшаванда оид ба бекор кардани чораҳои амниятӣ дархост пешниҳод менамояд.

6. Мақоме, ки чораҳои амниятиро амалӣ месозад, бо шахси ҳимояшаванда оид ба ҳолатҳои татбиқи чораҳои амниятӣ, ӯҳдадориҳо ва масъулияти тарафайн мутобиқи Қонуни мазкур ва қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ шартнома мебандад.

Моддаи 19. Тартиби татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ

1. Тартиби татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ бо Қонуни мазкур, қонунҳои дигар ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳу-

рии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Мақоме, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамояд, пас аз гирифтани ариза (маълумот) дар хусуси ҳалокат ё вафоти шахси ҳимояшаванда ва муайян намудани он, ки ҳалокат (вафот) бо сабаби иштироки ӯ дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ ба миён омадааст, ӯҳдадор аст дар мӯҳлати се шабонарӯз дар бораи татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ нисбати аъзои оилаи шахси ҳалокшуда (вафткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд, ё ин ки дар бораи рад кардани татбиқи он қарор қабул намояд.

3. Мақоме, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамояд, пас аз гирифтани ариза (маълумот) дар хусуси ба шахси ҳимояшаванда расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатии ӯ бо сабаби иштирок намудан дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ ӯҳдадор аст ин аризаро (маълумотро) тафтиш намояд ва дар мӯҳлати се шабонарӯз дар бораи татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ё ин ки дар бораи рад кардани татбиқи онҳо қарор қабул намояд.

4. Дар бораи ҳалли масъалаи зикршуда қарори (таъиноти) асоснок қабул карда мешавад, ки он ба мақоми татбиққунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ барои иҷро ва ба шахсе, ки нисбати ӯ қарор (таъинот) қабул карда шудааст ё ба намояндаи қонунии ӯ барои маълумот равон карда мешавад.

5. Нисбати қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ё рад намудани татбиқи онҳо шахси ҳимояшаванда ё намояндаи қонунии ӯ метавонад ба мақоми болоӣ, прокурор ё суд шикоят намояд. Шикоят аз рӯзи пешниҳод шудан дар мӯҳлати даҳ шабонарӯз бояд баррасӣ гардад.

6. Мақоми татбиққунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ пас аз гирифтани қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ӯҳдадор аст онро дар мӯҳлати даҳ шабонарӯз иҷро намояд.

Моддаи 20. Бекор кардани чораҳои амниятӣ

1. Чораҳои амниятӣ дар ҳолате бекор карда мешаванд, ки агар асосҳои дар моддаи 16 Қонуни мазкур нишондодашуда барои татбиқи онҳо бартараф гардида бошанд, инчунин агар татбиқи минбаъдаи онҳо дар натиҷаи аз ҷониби шахси ҳимояшаванда вайрон кардани талаботи шартномаи басташудаи мақомоти татбиққунандаи чораҳои амниятӣ ва шахси ҳимояшаванда тибқи қисми 6 моддаи 18 Қонуни мазкур ғайриимкон бошад.

2. Чораҳои амниятӣ метавонанд бо аризаи хаттии шахси ҳимояшаванда, ки ба мақомоти қабулнамудаи қарор оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ фиристода шудааст, бекор карда шаванд.

3. Бекор кардани чораҳои амниятӣ танҳо бо қарори (таъиноти) мақоме, ки қарор дар бораи татбиқ намудани химояи давлатиро қабул намудааст ё бо қарори (таъиноти) мақоме, ки парвандаи ҷиноятӣ дар истеҳсолоти он қарор дорад, роҳ дода мешавад.

4. Нисбат ба қарор (таъинот) оид ба бекор кардани чораҳои амниятӣ мумкин аст ба мақоми болоӣ, прокурор ё суд шикоят пешниҳод гардад. Шикоят аз лаҳзаи пешниҳод шуданаш дар давоми 24 соат бояд баррасӣ гардад.

5. Дар қарор (таъинот) оид ба бекор кардани чораҳои амниятӣ бояд масъалаҳои барқарор намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахси ҳимояшаванда ба танзим дароварда шаванд.

6. Қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои амниятӣ то қабули қарор оид ба бекор кардани он аз ҷониби мақомоти дар қисми 2 моддаи 3 Қонуни мазкур пешбинишуда эътибор дорад.

7. Суд (судя) дар ҳолати таҳияи ҳукм оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар бораи бекор кардани чораҳои амниятӣ ё татбиқи минбаъдаи чораҳои мазкур таъинот

(қарор) мебарорад.

Моддаи 21. Махфияти амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ

1. Ҳимояи давлатӣ бо риоя намудани махфияти маълумот оид ба шахси ҳимояшаванда амалӣ мегардад.

2. Тартиби ҳимояи маълумот оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Моддаи 22. Ҳ атмӣ будани иҷрои қарор оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ

Иҷрои қарорҳои мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ, ки мутобиқи ваколатҳояшон қабул шудаанд, аз ҷониби шахсони мансабдори корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки ба онҳо ирсол гардидаанд, ҳатмӣ мебошанд.

БОБИ 4. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ШАХСОНИ ҲИМОЯШАВАНДА ВА МАҚОМОТИ ТАЪМИНКУНАНДАИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 23. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони ҳимояшаванда

1. Шахсони ҳимояшаванда ҳуқуқ доранд:

- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро донанд;
- таъмини амнияти шахсӣ ва молумулкии худ ва шахсони дар қисми 3 моддаи 2 Қонуни мазкур нишондодашударо талаб намоянд;
- татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намоянд;
- оид ба татбиқ намудани чораҳои амниятӣ нисбати худ, инчунин нисбат ба хешовандони наздикашон ва хусусияти ин чораҳоро донанд;
- оид ба татбиқи чораҳои амниятии иловагӣ ё оид ба бекор кардани онҳо тибқи муқаррароти Қонуни мазкур бо ариза муроҷиат намоянд;
- нисбат ба қарор ва амали мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ба мақомоти болоӣ, прокурор ё суд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят пешниҳод намоянд.

2. Шахсони ҳимояшаванда ӯҳдадоранд:

- шартҳои нисбати онҳо татбиқ намудани чораҳои амниятӣ ва талаботи қонунии мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатиро иҷро намоянд;
- ба мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ оид ба ҳар як ҳодисаи таҳдид ё амалҳои зиддиқонунӣ нисбати онҳо фавран маълумот пешниҳод намоянд;
- зимни кор фармудани молу мулки дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур нишондодашуда, ки аз ҷониби мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ бо мақсади таъмини амнияти онҳо барои истифода дода шудааст, талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;
- маълумотро оид ба татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ нисбати онҳо бе иҷозати мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ фош накунанд.

Моддаи 24. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ

1. Мақомоте, ки оид ба татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ дар доираи салоҳияти худ қарор қабул мекунанд, ҳуқуқ доранд:

- аз ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз рӯи ариза ва маълумот дар бораи таҳдид ба амнияти шахсоне, ки нисбаташон қарор оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қабул карда мешавад, маълумоти заруриро дархост намуда гиранд;
- амалҳои мурофиавӣ ё додани супоришҳои заруриро ба мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ва мақомоти

амаликунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ барои татбиқи ҳимояи давлатии шахсони дар моддаи 2. Қонуни мазкур нишондодашуда анҷом диҳанд;

- дар ҳолати зарурӣ аз мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ва мақомоти амаликунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ таъини чораҳои иловагии ҳимояи давлатиро талаб намоянд;

- дар мувофиқа бо мақомоти амаликунандаи чораҳои нишондодашуда чораҳои амниятӣ ва чораҳои дастгирии иҷтимоиро пурра ё қисман бекор кунанд.

2. Мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ҳуқуқ доранд:

- тадбирҳои зарурии амниятии бо Қонуни мазкур пешбинишударо интихоб намоянд, усулҳои татбиқи онҳоро муайян кунанд ва ҳангоми зарурат чораҳои амниятии татбиқшавандаро тағйир диҳанд ва илова намоянд;

- аз шахсони ҳимояшаванда риояи шартҳои татбиқи чораҳои амниятиро нисбати онҳо, иҷрои супоришҳои қонуниро вобаста ба татбиқи чораҳои мазкур талаб намоянд;

- ба суд (судя), прокурор, сардори воҳиди таҳқиқ ё муфаттиш, ки парвандаи ҷиноятӣ дар истеҳсолоти онҳо қарор дорад, бо дархост (ариза) дар бораи татбиқ намудани чораҳои амниятӣ зимни анҷом додани амалҳои мурофиавӣ ё бекор кардани онҳо муроҷиат намоянд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронанд.

3. Мақомоти амаликунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд:

- аз мақомоте, ки оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабул мекунанд ва аз шахсони ҳимояшаванда маълумоти иловагии барои амалӣ намудани чораҳои дастгирии иҷтимоӣ заруриро дархост намоянд;

- ба мақомоте, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул кардаанд, дар мавриди муайян кардани ҳолатҳое, ки имконияти татбиқи чораҳои мазкурро истисно мекунанд, бо дархост муроҷиат намоянд.

4. Мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ӯҳдадоранд:

- ба ҳар як ҳолати ба онҳо маълумшуда, ки таъмини чораҳои амниятӣ ё чораҳои дастгирии иҷтимоиро талаб мекунад, фавран эътино намоянд;

- ҳамаи чораҳои амниятӣ ва чораҳои дастгирии иҷтимоии заруриро амалӣ намоянд;

- тибқи муқаррароти пешбининамудаи Қонуни мазкур, шахсони ҳимояшавандаро оид ба татбиқ намудан, тағйир додан, илова ё бекор кардани татбиқи чораҳои амниятӣ ва чораҳои дастгирии иҷтимоӣ нисбати онҳо, инчунин оид ба қабули қарорҳои вобаста ба таъмини ҳимояи давлатии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт хабардор намоянд;

- ба шахси ҳимояшаванда зимни эълон намудани қарор (таъинот) дар бораи нисбати ӯ татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшро фаҳмонанд.

БОБИ 5. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ТАЛАБОТИ ҚОНУНИ МАЗКУР

Моддаи 25. Ҷавобгарии шахси мансабдор барои риоя накардани талаботи вобаста ба таъмини ҳимояи давлатӣ

Шахси мансабдори мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ, ки ба қабул накардани қарор оид ба татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ ё ба таври лозимӣ татбиқ накардани он роҳ додааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои фош кардани маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда ва чораҳои амниятӣ

Фош кардани маълумот дар бораи

шахси ҳимояшаванда ва татбиқи чораҳои амниятӣ нисбати ӯ аз ҷониби шахсе, ки ба вай ин маълумот боварӣ карда шуда буд, ё зимни фаъолияти хизматиаш ба ӯ маълум гаштааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегардад.

Моддаи 27. Ҷавобгарии шахси ҳимояшаванда

Ба шахсони дигар фурӯхтан, ба гарав мондан ё додани молу мулки дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинишуда, ки ҷиҳати таъмини амният ба шахси ҳимояшаванда барои истифода дода шудааст, инчунин гум ё вайрон кардани молу мулки мазкур, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегардад.

БОБИ 6. МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 28. Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии ҳимояи давлатӣ

1. Барои таъмини ҳимояи давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро тасдиқ менамояд.

2. Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии Барномаи давлатии таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҳисоби маблағи буҷет ва манбаъҳои дигари молиявии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

3. Хароҷоти вобаста ба таъмини ҳимояи давлатӣ набояд ба зиммаи шахси ҳимояшаванда гузошта шавад.

БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 29. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
29 декабри соли 2010 № 644

ҚАРОРИ

МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ»

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» қабул карда шавад.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. ЗУҲУРОВ

ш. Душанбе, 1 октябри соли 2010, № 184

ҚАРОРИ

МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ»

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
М. Убайдуллоев

ш. Душанбе, 16 декабри соли 2010 № 77

Мундарича

ТАЪСИРИ СОЗАНДАИ РИОЯИ ҚОНУНҲО
САЛИМЗОДА Шерхони Одина, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5

МЕЖДУНАРОДНОЕ ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ В СФЕРЕ БОРЬБЫ С ПРЕСТУПЛЕНИЯМИ ТЕРРОРИСТИЧЕСКОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ И ИНЫХ НАСИЛЬСТВЕННЫХ ПРОЯВЛЕНИЙ ЭКСТРЕМИСТСКОГО ХАРАКТЕРА
САИДОВ Х. Н., Заместитель генерального прокурора Республики Таджикистан - Главный военный прокурор 15

НАҚШИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ДАР НОҲИЯИ ШОҲМАНСУРИ ПОЙТАХТ ОИДИ ПЕШГИРӢ, ОШКОР ВА БАРТАРАФСОЗИИ ҚОНУНВАЙРОНКУНИҲО ДАР САМТИ ЗАМИНИСТИФОДАБАРӢ, ФАЪОЛИЯТИ МЕЪМОРӢ, ШАҲРСОЗӢ ВА СОХТМОНӢ»
ҚУРБОНОВ Ш. Ҳ., Прокурори ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 19

МАРОМИ МО — БАРРАСИИ ҲАМАТАРАФА ВА ХОЛИСОНАИ МУРОҶИАТҲОИ ШАҲРВАНДОН
НИЁЗОВ Ҷ. Ҳ. Сардори Раёсати ташкили кор ва қабули шаҳрвандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28

РИТОРИКА ВА ПРОКУРАТУРА
ЗАЙНИДДИНОВ В. Ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон *30*

ЗАЩИТА ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В СУДЕБНОМ ПРОЦЕССЕ
ИСОЕВ М. Ш. Начальник Управления по надзору за законностью судебных актов по уголовным делам Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан 35

РОЛЬ ПРОКУРОРА НА СТАДИИ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ИСКАНДАРОВ З. Х., Кандидат юридических наук, доцент 45

К ВОПРОСУ О СУЩНОСТИ РИСКА В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ
МИРЗОЕВ С. И., Следователь транспортной прокуратуры Таджикистан 53

ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ТАРЗУ УСУЛҲОИ САНҶИШИ ҲОЛАТИ РИОЯ ВА ИҶРОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИН 58

ОИДИ КАДРҲО 75

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТИИ ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ» 79